*В Таджикистане за последние годы добывают рекордные для страны за годы независимости объемы золота: общий объем произведенного в 2016-2017 годах металла составил 10,5 тонн. Согласно данным Всемирного золотого совета (World Gold Council), золотой резерв Таджикистана по состоянию на февраль 2018 года составил 15,6 тонн[1]. Ожидается, что за счет сдачи в эксплуатацию новых мощностей к 2022 году годовой объем производства золота по сравнению с показателем 2012 года будет увеличен в семь раз: по итогам 2012 года в стране было добыто чуть более 2,4 тонн золота. Золотые активы Таджикистана содержат 137 месторождений с подсчитанными запасами промышленного золота и 127 – непромышленного золота [2].*

*Семь крупнейших золоторудных месторождений в Таджикистане разрабатывают китайские компании Zi Jin Mining, China Nonferrous Gold Limited и TBEA (Tebian Electric Apparatus).*

*В целом добычей золота в стране занимаются более 10 компаний. Таджикско-китайское СП «Зарафшон» является крупнейшим золотодобывающим предприятием на территории Таджикистана, на долю которого приходится более 70% от общего объема добычи золота в стране. Оно образовано на базе Таджикского золоторудного комбината, который начал работать в 1990 году. Доля Правительства РТ в уставном капитале ООО СП «Зарафшон» составляет 7 миллионов 274 тысячи 724 доллара (30% от уставного капитала), а китайской компании Zi Jin Mining Group Co., Ltd - 16 миллионов 974 тысячи 364 доллара (70%). Предприятие имеет многочисленные подразделения, численность работников составляет более 2 тыс. человек. Сырьевая база предприятия состоит из месторождений «Таррор», «Джилау», «Хирсхона» и «Олимпийское» и ряда мелких месторождений в Пенджикентском районе Согдийской области. Предприятие продолжает геологоразведочные работы на периферийных участках разрабатываемых предприятием месторождений золота. Zi Jin Mining Group Co. Ltd на сегодняшний день является самым крупным инвестором в золотодобывающую промышленность Таджикистана. Объем инвестиций компании с 2007 года превысил 300 млн. долларов США[3].*

*Китайской корпорации China Nonferrous Gold Limited принадлежит лицензия на разработку золотоносного месторождения «Пакрут» в районе Вахдат, которое было открыто еще в 1972 году и содержит более 1 млн. унций золота. До настоящего момента корпорация вложила в разработку «Пакрута» более 180 миллионов долларов, в ближайшие годы предполагается увеличить объем инвестиций до 250 миллионов долларов, чтобы наладить полноценную разработку месторождения. Корпорация до ноября 2030 года, когда истекает срок лицензии, планирует произвести 857 тыс. унций золота и 123 тыс. унций серебра. О выпуске первых золотых слитков из руды, добытой на месторождение «Пакрут», китайская корпорация сообщила в начале прошлого года.[4]*

*В столице Таджикистана городе Душанбе китайская компания TBEA построила ТЭЦ "Душанбе-2". Взамен TBEA получила лицензию на разработку двух золотоносных месторождений в Согдийской области - «Верхний Кумарг» и «Дуоба» с подтвержденными запасами около 100 тонн золота.*

[1] http://news.tj/ru/news/tajikistan/economic/20180220/zolotie-rezervi-tadzhikistana-za-vosem-let-virosli-na-13-tonn

[2] Данные Министерства промышленности и новых технологий.

[3] http://news.tj/ru/news/tajikistan/economic/20180217/pravitelstvo-tadzhikistana-priobrelo-5-protsentov-aktsii-sp-zarafshon-za-1-dollar

[4] http://news.tj/ru/news/tajikistan/economic/20170413/kitaiskie-investori-naratshivayut-vlozheniya-v-razrabotku-tadzhikskogo-zolota

**Вставка 2. Китайские инвестиции в сфере производства цемента в Таджикистане**

*Таджикистан за последние годы существенно нарастил объемы выпуска цемента посредством возведения новых совместных таджикско-китайских предприятий. За последние восемь лет китайские инвесторы помогли Таджикистану увеличить объемы производства цемента почти в десять раз.*

*В настоящее время в Таджикистане выпуском цемента занимаются 13 предприятий, общая мощность которых составляет около 5 млн. тонн в год. Крупнейшими из них являются таджикско-китайские совместные предприятия «Чунгтсай Мохир цемент» (30,5% от общего производства цемента в стране), «Хуаксин Гаюр цемент» (28,6%), «Хуаксин Гаюр Сугд» (25,8%). Доля столичного цементного завода («Таджикцемент») в общем объеме составляет 6,4%*[5]*.*

*По данным Министерства промышленности и новых технологий, цемзаводы Таджикистана за 2018 год произвели более 3,5 млн тонн цемента. В таких объемах этот стройматериал в стране произведен впервые за всю историю. За прошлый 2017 год в стране было произведено 3,1 млн тонн цемента, и этот показатель тогда также считался рекордным. Таджикистан из импортера цемента превратился в его экспортера, в этом году было экспортировано более 1,3 млн тонн цемента. В частности, почти 800 тысяч тонн экспортировано в Узбекистан, 481 тысяч тонн - в Афганистан и 85 тысяч тонн – в Кыргызстан. Почти 96% от общего объема экспорта приходится на три вышеуказанных таджикско-китайских СП.*

**Вставка 3. Китайские инвестиции в сфере сельского хозяйства в Таджикистане**

*Таджикистан является одной из самых малоземельных стран в Центральной Азии. Земли, пригодные для возделывания сельскохозяйственных культур, занимают около 7% территории страны. Но, несмотря на это, сельское хозяйство является основным источником существования примерно 72% населения Таджикистана, их доходы прямо или косвенно связаны с сельским хозяйством. Общая площадь пахотных земель составляет 720,2 тысяч гектаров, из которых 502,8 тысяч гектаров являются орошаемыми, на одного жителя в стране приходится 0,10 – 0,09 гектаров пахотной и 0,06-0,07 гектаров орошаемой земли. В условиях демографического роста, когда население растет темпами в среднем 2% в год, при этом площади пахотных земель, к сожалению, сокращаются, обостряется вопрос о равном и справедливом распределении и доступе к земельным ресурсам, а также связанном с этим водопользованием.*

*В этих условиях в Таджикистане увеличивается передача в аренду земель китайским сельхозпроизводителям. За шесть последних лет площади арендованных китайскими фермерами земель в Таджикистане увеличились с 500 до 18 тысяч гектаров. Эта площадь больше территории столицы Таджикистана - Душанбе, которая составляет 12,7 тыс. гектаров*[6]*. Мотивируется это тем, что местные фермеры не располагают достаточными средствами для эффективного использования (получения максимальной отдачи) имеющихся в их распоряжении земель.*

Таким образом, общая сумма инвестиций, полученных Таджикистаном от Китая, составляет **3444,6 млн. долларов США**, в том числе:

*Льготные кредиты - 1582,8 млн. долларов США;*
*Гранты (безвозмездная помощь) - 608 млн. долларов США;*
*Прямые инвестиции –1253,8 млн. долларов США.*

[5] http://news.tj/ru/news/tajikistan/economic/20181128/eksport-tadzhikskogo-tsementa-s-kitaiskimi-kornyami-perevalil-za-1-million-tonn

[6] Пресс-конференция замглавы Госкомитета землеустройства и геодезии РТ Азизмамада Каримзода, 20 июля 2018 г.

**Диаграмма 3.**




Ниже для полноты анализа приводится детальная информация о притоке иностранных инвестиций в РТ из всех источников за последние 10 лет.

За 2007-2017 г.г. приток иностранных инвестиций в экономику Республики Таджикистан составил 8 млрд. 614,1 млн. долларов США, из которых 3 млрд. 673,2 млн. долларов США составляют прямые инвестиции, 4 млрд. 439,0 млн. долларов США - прочие инвестиции[7] и 501,9 млн. долларов США - портфельные инвестиции[8].

**Таблица 4. Приток иностранных инвестиций в РТ из всех источников за последние 10 лет**

| Годы | Привлечение инвестиций | | | Всего млн. долл. США |
|---|---|---|---|---|
| | прямые | прочие | портфельные | |
| 2007 | *388,4* | *472,2* | | ***860,6*** |
| 2008 | *425,7* | *563,6* | | ***989,3*** |
| 2009 | *89,4* | *293,8* | | ***383,2*** |
| 2010 | *238,9* | *228,2* | | ***467,1*** |
| 2011 | *161,4* | *164,0* | *0,1* | ***325,5*** |
| 2012 | *391,3* | *355,0* | *0,1* | ***746,4*** |
| 2013 | *341,1* | *670,6* | *0,2* | ***1011,9*** |
| 2014 | *377,4* | *530,4* | *1,4* | ***909,2*** |
| 2015 | *470,9* | *506,9* | *0,0* | ***977,8*** |
| 2016 | *434,2* | *408,4* | *0,1* | ***842,7*** |
| 2017 | *354,5* | *245,9* | *500,0* | ***1100,4*** |
| ***Всего*** | ***3673,2*** | ***4439,0*** | ***501,9*** | ***8614,1*** |

**Источник: Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом, Агентство по статистике при Президенте РТ.**

На следующих диаграммах приведены иностранные инвестиции в РТ за 2017-2017 годы из всех источников, а также доля в них инвестиций из КНР:







**Источник: Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом, Агентство по статистике при Президенте РТ**

[7]«Прочие инвестиции» - льготные кредиты и прочие финансовые ресурсы
[8]Данные Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан

Привлечение крупных инвестиций всегда положительно отражается на основных макроэкономических показателях (ВВП, промышленное производство, уровни бедности, международных резервов, зарплат, показатели госбюджета), за исключением показателя по внешнему долгу, т.к. инвестиции предоставляются в основном в виде льготных кредитов. В случае с китайскими инвестициями, они внесли существенный вклад в быстрый рост основных макроэкономических показателей в Таджикистане. При этом общий объем внешнего долга Таджикистана на 1 января 2018 года составил 2,9 миллиардов долларов, что равно 40,3% ВВП страны[9]. Поэтому Правительство Таджикистана пересмотрело в начале этого года Среднесрочную стратегию управления долгом и ослабило фискальное правило на пороговый потолок долга, увеличив его с 40% ВВП до 60%.

Основными кредиторами Таджикистана являются китайский «Эксимбанк» – более 1,2 млрд. долларов США, Всемирный банк – 318 млн., Азиатский банк развития – 278 млн., Исламский банк развития – 112 млн., Европейский банк реконструкции и развития, а также финансовые структуры арабских стран. Задолженности, образовавшиеся в результате реализации государственных ценных бумаг на международных рынках, составляют 500 миллионов долларов. На обслуживание внешнего долга, погашение основного долга и выплату процентов в 2017 году было направлено 147 млн. долларов. В 2018 году с учетом обслуживания евробондов этот показатель составил 200 млн. долларов.

Кредитно-рейтинговое Агентство Fitch предупреждает страны-заемщики о том, что кредиты в рамках ИПП могут «оказать негативное влияние на состояние государственных финансов страны, если обслуживание долга за счет поступлений от проекта становится проблемой»[10].

По мнению аналитиков международного исследовательского центра Center for Global Development, восемь стран-участниц Инициативы "Один пояс - один путь" стали финансово уязвимыми и рискуют стать банкротами в результате будущего финансирования проектов ИПП: Джибути, Кыргызстан, Лаос, Мальдивы, Монголия, Черногория, Пакистан и Таджикистан[11].

В недавно обновленном Анализе устойчивости долга также отмечается, что «уровень долговой устойчивости в Таджикистане возрос с умеренного до высокого уровня, поскольку несколько важных показателей превысили ориентировочные пороговые значения». Последнее отражает снижение способности страны зарабатывать иностранную валюту для обслуживания своего внешнего долга, который начал увеличиваться ускоренными темпами[12].

Увеличение внешнего долга является следствием отсутствия скоординированной и прозрачной национальной политики по привлечению внешних заимствований и инвестиций, в том числе и из Китая. Очевидно, что ситуация с внешним долгом Таджикистана должна приниматься во внимание в процессе будущего взаимодействия с Китаем в рамках ИПП. При этом также очень важно при определении будущих проектов в рамках ИПП увязать их с приоритетами НСР-2030 и ЦУР и использовать их как мерило для определения уровня общественного блага от участия Таджикистана в ИПП.

---

[9]Данные Министерства финансов Республики Таджикистан

[10]"China's One Belt, One Road Initiative Brings Risks", https://www.fitchratings.com/site/re/893605

[11]https://www.cgdev.org/publication/examining-debt-implications-belt-and-road-initiative-a-policy-perspective

[12]Доклад ВБ «Повышенная уязвимость, несмотря на устойчивый экономический рост»

**Литература**

1. *Национальная стратегия развития Таджикистана до 2030 года, утверждена постановлением Маджлиси Намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 1 декабря 2016 года, №636.*
2. http://www.xinhuanet.com/english/2017-09/01/c_136572054.htm
3. *Бабаджанов Р.М. Становление среднего класса в Республике Таджикистан и социальное развитие общества // Круглый стол «Проблемы развития экономики Республики Таджикистан в рыночных условиях» 30 марта 2018 // Сборник научных статей. Душанбе: РТСУ, 2018. – 250С.*
4. *Аминджанов Р.М., Бабаджанов Р.М., Алимов А.Л. Региональные аспекты социально-экономического развития (на примере новых механизмов партнерства в южных районах Хатлонской области Республики Таджикистан – результаты социо-экономического исследования) // Монография: ИЭД АН РТ; Аналитический центр НАВО – Душанбе, ОАО «Дониш», 2019. -138С.*

**Аминҷонов Р.М. ,**
**Бобоҷонов Р. М.,**
**Алимов А. Л.**

## ТАШАККУЛИ МЕХАНИЗМИ ФАЪОЛИЯТИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЧОРЧӮБАИ СОЗИШНОМАИ «ЯК БАНД – ЯК РОҲ»

**Институти иқтисодиёт ва демографияи**
**Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*Ташаббуси "Як Банд – Як Роҳ" ба тақвияти фаъолияти инвеститсионӣ дар тамоми кишварҳои Аврупою Осиё ва байни кишварҳои алоҳида ишора мекунад. Чин ҳоло ҳамчун манбаи бузургтарини сармоягузорӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон, кишвари бузургтарини донор ва яке аз шарикони асосии тиҷоратии Тоҷикистон аст. Дар мақолаи мазкур нахустин маротиба натиҷаҳои таҳлили сармоягузории Чин дар Тоҷикистон аз ҳамаи манбаъҳо дар тамоми давраи ҳамкории иқтисодӣ пешниҳод шудаанд.*

**Калидвожаҳо:** *ташаббуси " Як Банд – Як Роҳ ", сармоягузорӣ, Тоҷикистон, Чин, механизм, беҳбудӣ.*

**Aminjanov R.M. ,**
**Babajanov RM..,**
**Alimov A.L.**

## INVESTMENT ACTIVITY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITHIN THE FRAMEWORK OF THE INITIATIVE "ONE BELT - ONE WAY"

**Institute of Economics and Demography**
**of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan**

*The initiative "One Belt - One Road" implies the intensification of investment activities both as a whole on the Eurasian continent and between individual countries. China has now become the largest source of investment in the economy of Tajikistan, the largest donor country and one of the main trading partners of Tajikistan. This article for the first time presents the results of an analysis of China's investments to Tajikistan from all sources over the entire period of economic cooperation.*

**Keywords:** *initiative "One Belt - One Road", investments, Tajikistan, China, mechanism, improvement*

УДК 334.7113-043.86

Исломова З.С
Бердиева Ш.
Саъдиев Х.Ф.

# РУШДИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ ТАВАССУТИ СОҲИБКОРИИ ХУРД – ТАЪСИРИ МУСБИИ ОН БА НЕРӮИ ИНСОНӢ

**(дар мисоли анвои нон)**

**Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

*Дар мақолаи мазкур ҳунарҳои мардумӣ, бахусус бахши пазандагӣ (анвои нон) тавассути соҳибкории хурд дар замони муосир мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Аз ин лиҳоз дар он масъалаҳое гузошта шудаанд, ки хислати мубоҳисавӣ доранд. Муаллифон кӯшиш намудаанд, ки масъалаи алоқамандии иқтисодиёту фарҳанг ва таъсири онҳоро ба ҷомеаи имрӯза нишон диҳад. Рушди ҳунарҳои мардумӣ яке аз ҷузъҳои асосии фарҳанг ба ҳисоб рафта, дар иқтисодиёт низ ҷойгоҳи худро дорад. Яъне маҳсулоте, ки ҳунарманд истеҳсол мекунад, як ҷузъи фарҳанг ба ҳисоб рафта, ҳангоме бо мақсади фурӯш ба бозор бароварда мешавад, ки хислати иқтисодиро(ба мол мубаддал) касб кунад. Маҳсулот вақте ба фурӯш рафт, пурра ба системаи иқтисоди бозоргонӣ табдил меёбад, вале он хусусияти фарҳангии худро гум намекунад.*

*Ба ин хотир, муаллифон мехоҳанд дар мақолаи мазкур робитаи мутақобилаи ҳунарҳои мардумӣ, бахши пазандагӣ (анвои нон) бо иқтисодиёт, хусусан, таъсири фарҳанги ҳунармандиро ба иқтисодиёти миллӣ баён намоянд. Муаллифон чунин мешуморанд, ки байни олимони иқтисод ва фарҳанг баҳсҳои зиёд ба вуҷуд омадаанд ва баъзе аз олимон бар он ақидаанд, ки байни иқтисодиёт ва фарҳанг ҳеҷ алоқамандие вуҷуд надорад. Баъзеи дигар бар он назаранд, ки баръакс ин ду соҳа бо ҳам хеле алоқаи зич доранд ва робитаи онҳо маълум ва мушаххас аст. Дар мақола муаллифон ҳамчунин кӯшидаанд, ки то чи андоза ин соҳаҳо ба ҳамдигар алоқаманданд ва чи гуна якдигарро мукаммал мегардонанд, ба ҳамдигар кӯмак мерасонанд, баррасӣ намоянд.*

***Калидвожаҳо:*** *ҳунарҳои мардумӣ, соҳибкории хурд, фарҳанг, иқтисод, алоқамандии ҳунар, бозор, нон, нонвойхона, санбӯса, санбӯсахона, ҷанбаҳои иҷтимоӣ, маҳсулот, ҳунарманд, анъана.*

Ҳунармандӣ миёни мардуми тоҷик яке аз шуғлҳое мебошад, ки тавассути он хароҷоти зиндагонии худро таъмин менамоянд. Косибону ҳунармандон дар натиҷаи коркард ва истеҳсоли маҳсулот ҳунари хешро сайқал дода, бо ин васила кӯшиш менамоянд, ки роҳҳои хубтару беҳтар зиндагӣ карданро пайдо намоянд. Албатта, ин як падидаи маъмулӣ аст, ки агар маҳсулоти сохтаи ҳунарманд хушсохт ва босифат бошад, маҳсулоташ дар бозор харидори худро пайдо мекунад. Қайд кардан бамаврид аст, ки ҳунармандӣ дар байни мардум рақобати озодро мехоҳанд, ки маҳсулоти сохтаашон аз якдигар босифат ва бозоргузар бошад. Ин амал барои эҳёи ин ё он унсури фарҳангӣ мусоидат мекунад.

Имрӯзҳо мушоҳида карда мешавад, ки ҳунармандон оҳиста-оҳиста теъдоди маҳсулотҳояшонро зиёд намуда, аз истеҳсоли фардӣ ба гурӯҳӣ мегузаранд ва ё ба соҳибкории хурд табдил меёбанд. Дар шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ низ ин падида бештар ба назар расида, аз чанд ҷиҳат: бо ҷойи кор таъмин намудани одамон; ба бозор баровардани маҳсулоти хушсифату арзон; ба буҷаи кишвар ворид гардидани маблағ, афзалият дорад.

Касбу ҳунар аз ҷиҳати иқтисодӣ василаи таъмини буҷаи ҳунарманд аст, аз тарафи дигар, муаррифгари маҳорати ҳунарманд ва фарҳанги миллӣ мебошад. Бештари муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки фарҳанг бо иқтисодиёт робитае надорад ва агар дошта бошад ҳам, на чандон қавӣ буда, ин соҳаҳо бе якдигар метавонанд рушд намоянд.

Таъсири мутақобилаи наздик байни фарҳанг ва иқтисодиёт вуҷуд дорад ва онҳо дар чунин ҷиҳатҳо муайян мегарданд:

**Якум** ҳам фарҳанг ва ҳам иқтисод илмҳое мебошанд, ки объекти тадқиқоташон инсон мебошад. **Дувум** таъсири мутақобилаи иқтисодиёт ва фарҳанг метавонад алоқаи хусусиятҳои табаддулотҳои

иқтисодӣ, ки дар кишвар рӯй медиҳад ва механизми иҷтимоӣ – фарҳангии он яъне танзими арзишӣ – меъёрии фаъолияти ҳаётӣ ва ахлоқии одамонро ошкор кунад. **Сеюм** иқтисоди фарҳанг маҷмӯи қоидаҳои ахлоқии иҷтимоӣ ва мадании инсон мебошад, ки танзимкунандаи рафтори онҳо дар соҳаи иқтисод мегардад. **Чорум** анъана яке аз робитаҳои байни онҳо ба ҳисоб меравад. Чунки маҳз анъана асрҳо боз аз насл ба насл ҳамчун мерос интиқол меёбад. Ҳамзамон он созандаи робитаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла тиҷорати байни мардум буда, бисёр робитаҳои дигарро ба миён меорад.

Муҳаққиқони ҷонибдори назарияи мактаби неоклассикӣ ва неолиберолӣ тули даҳсолаҳо чунин мулоҳиза (баҳс) доштанд, ки гӯё менеҷмент ва ҷараёнҳои ташкилӣ ба таъсири фарҳанг эҳтиёҷ надоранд, ё агар таъсир бошад ҳам, хеле назарнорас аст ва иқтисод онро пурра дар канор мегирад. Яъне бар он аҳамияти ҷиддӣ дода намешавад. Бо мурури замон иқтисодчиёни дигар пайдо шуданд, ки ин ақидаро инкор ва фикри худашонро пешниҳод мекунанд. Мо ба фикри неоклассикон розӣ нестем. Албатта, таъсир ҳама вақт ҳам мусбат ва ҳам манфӣ мешавад, вале инсон метавонад ҷиҳати мусбати онро истифода барад ва манфиашро бо роҳи ҳал бартараф намояд.

Барои чи ин ҳама муддати тӯлонӣ нақши фарҳангро дар рушди иқтисодиёт беаҳамият медонистанд. Охир хеле равшану возеҳ аст, ки иқтисодиёт ба истифодаи технологияҳои иҷтимоӣ талаботи зиёд дорад, ки асоси онро фарҳанг (ахбор, алоқа, илму маориф, ҳамкорӣ, мусобиқа ва ғайра) ташкил медиҳад. Ҳамин тавр, ин соҳа ҳам барои истеҳсолот ва ҳам барои тиҷорат зарур аст. Масалан, иқтисодчиёни америкоӣ Френсис Фукуяма ва Самуэл Хантингтон чунин ақида доранд, ки «бо роҳи интернатсионализатсияи ширкатҳои транснатсиналӣ робитаи дутарафаи иқтисодиёт ва фарҳангро бараъло мушоҳида кардан мумкин аст. Яъне, ҳангоме ки як мамлакат дар мамлакати дигар ширкати намояндагии худро мувофиқи қонуниятҳои байналмилалӣ ташкил медиҳад, он маҷбур аст, ки дар мадди аввал тамоми ҷанбаҳо ва тарафҳои фарҳангии он мамлакатро ба таври мукаммал омӯзад». [9, 118].

Ин маънои онро дорад, ки дар баробари омӯхтани иқтисоди миллӣ ва хориҷии он кишвар, фарҳанги қавму миллатҳои онро низ меомӯзад. Чунки пешрафти фаъолияти ширкати ташкилшаванда маҳз аз ин омӯзишҳо вобастагӣ дорад. Вақте фарҳанги мардум ба пуррагӣ омӯхта шуд, баъд ширкат ба истеҳсоли маҳсулот, ки ба қонеъ гардонидани талаботи шаҳрвандони ҳамон кишвар равона шудааст, шурӯъ мекунад.

Аз ин гуфтаҳои иқтисодчиён чунин хулоса кардан мумкин аст, ки таъсири фарҳанг ба иқтисодиёт хеле зиёд аст. Агар сиёсат бо иқтисодиёт ҳамчун ду бародар бошанд, пас фарҳанг низ бародари сеюм ба ҳисоб меравад. Онҳо якдигарро пурра ва барои рушду пешрафти ҳамаҷониба кӯмак мекунанд

Дуюм, соли 2018-ро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли «Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон намуд. Ин иқдом хеле ба маврид буда, барои эҳёи ҳунарҳои суннатии халқи тоҷик нақши бориз мебозад. Қайд кардан бамаврид аст, ки сайёҳӣ як шохаи соҳаи иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, ҷанбаҳои фарҳангӣ низ дорад. Масалан, агар сайёҳи хориҷӣ ба ягон ҷумҳурие сафар кунад, таваҷҷуҳи ӯро бештар дастовардҳои мардуми ҳамон кишвар ё табиати зебояш ба худ ҷалб мекунад. Мусаллам аст, ки сайёҳони хориҷӣ аксаран ба маҳсулоти дастии ҳунармандон таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, ҳамчун армуғон онҳоро мехаранд ва ба ватани хеш мебаранд. Ин армуғонҳо муаррифгари фарҳангу тамаддуни ҳамон миллат мебошанд.

Ба ин хотир, мо мехоҳем ин ҷо робитаи мутақобилаи ҳунарҳои мардумиро, бахусус бахши пазандагӣ (анвои нон) бо иқтисодиёт, хусусан, таъсири фарҳанги ҳунармандиро ба иқтисодиёти миллӣ баён намоем. Солҳои гузашта ҳунармандон аз фаъолияти худ боҷи давлатӣ месупориданд ва дар иртибот ба «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» аз ҷониби Пешвои миллат ҳунармандон аз пардохти андоз озод карда шуданд, ки ин боиси майлу рағбат ва шавқи беандоза нисбат ба касбу ҳунар гардид.

Аз сарчашмаҳои соҳаи иқтисодӣ маълум мегардад, ки агар иқтисод фарҳангро бо тамоми паҳлуҳояш қабул кунад ва омӯзад он метавонад ҳам ба иқтисоди миллӣ ва ҳам умуман, ба соҳаи иқтисод таъсири мусбат расонад. Бозори меҳнатро ҳамчун мисол

меорем. Шахсе дар ҳаёти худ ақалан як бор бозор рафта бошад, ӯ хуб медонад, ки бозор худ як механизм аст. Яъне робитаи дутарафаи харидор ва фурӯшанда ба миён меояд ва ҳамзамон бозори меҳнат таъсири мутақобилаи байни сармоядор, қувваи корӣ ва давлатро инъикос мекунад, ки сабаби истеҳсоли мол ва фурӯши он мегардад. Ҳамин тавр фурӯшанда паҳлуҳои иҷтимоии харидорро меомӯзад, ки ҳатман якеи он ин фарҳанги харидор мебошад. Харидор чи мехоҳанд, чиро меписандад ва ғайра. Ҳунарманд хоҳиш ва завқи харидорро меомӯзад ва маҳсулоти худро пешкаши ӯ менамояд. Агар маҳсулот мувофиқи завқи харидор бошад, он гоҳ ӯ бо камоли майл молро мехарад. Яъне ин ҷо робитаи байни як харидор ва як фурӯшанда бошад, дар робитаи байни ду кишвар ин масъала боз ҳам муҳимтар аст. Ин ҷо хоҳиши мизоҷон, ҷанбаҳои фарҳангӣ ва арзишҳои миллии онҳо ба назар гирифта мешавад.

Солҳои охир бо шарофати иқдомҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ Марказҳои таълимӣ-истеҳсолии гуногун ба монанди атласу адрасбофӣ, зардӯзӣ, гулдӯзӣ, қолинбофӣ, кешбофӣ ва ғайра таъсис дода шуданд. Чунин корхонаҳо дар тамоми шаҳру ноҳияҳои кишвар бештар занону духтарони бекорро ҷалб мекунанд. Ин раванд ҳам ба иқтисодиёти миллӣ ва ҳам ба буҷаи оилавии ҳунармандон манфиатовар аст. Ба таъбири Холмуродов З.: «Ин амри хайр барои эҳёи ҳунарҳои суннатӣ, ба роҳ мондани либосҳои сирф миллӣ ва роҳ ёфтани маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои дохилӣ, инчунин пешгирӣ аз маҳсулоти бесифати синтетикии чинӣ ва бо ҷои кор таъмин кардани занону духтарони бемаълумот манфиатбор мебошад». [11, 95-106].

Яке аз бахшҳои калонтарини касбу ҳунарҳои мардумӣ пазандагӣ мебошад, ки дар айни замон хеле рушд ёфтааст ва дар ҳар гӯшаву канори мамлакат нонвойхонаҳо ва дӯконҳои самбӯсапазӣ таъсис ёфтаанд. Санбӯса ва нон дар номгӯи хӯрокҳои тоҷикон мавқеи муҳим доранд. Иду ҷашнвораҳои ҷамъиятӣ ва маъракаҳои мардумро, аз ҷумла тӯю сурро, бе санбӯсаю нон тасаввур кардан ғайримкон аст. Мардуми тоҷик санбӯсаро даҳсолаҳост, ки пазируфта, мавриди истеъмол қарор додаанд. Барои ҳамин ҳам, нақши санбӯсахонаҳо дар фарҳанги таъомхӯрии мардуми тоҷик, бахусус, дар шароити имрӯза хеле калон аст. Дар саросари кишвар санбӯсахонаҳои гуногун амал мекунанд, ки ба мардум хизмат мерасонанд. Мувофиқи урфу одат ва фарҳанги ин ё он маҳал ҳар як минтақа санбӯсахонаҳои ба худ хос кушодаанд, ки талаботи мардумро қонеъ мегардонанд. Танҳо дар шаҳри Душанбе, ки чор ноҳияро дар бар мегирад, санбусахонаҳои махсус вуҷуд дорад, ки ба мардум хидмат мерасонанд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки байни мардум ҳатто иборае ба вуҷуд омадааст, (миёни донишҷӯён бештар ба назар мерасад) ки "биё санбӯсахӯрӣ меравем". Хусусан, дар шаҳри Душанбе ва марказҳои вилоятҳо мушоҳида кардан мукин аст, ки аз сабаби зиёд будани аҳолӣ ва таҳсил намудан донишҷӯён баъд аз дарс ё кор дастаҷамона ба санбӯсахонаҳо рафта, санбуса тановул менамоянд. Аз ин ҷо бар меояд, ки дар ҷомеаи кунунӣ санбӯсахонаҳо дар қатори нонбойхонаҳо (нонвойхона) нақши хеле калон доранд.

Дар шароити имрӯза тоҷикон метавонанд тавассути ҳунарҳои мардумӣ ба сатҳу сифати зиндагонии хеш таъсири мусбат расонанд. Ҳар як касбу ҳунар метавонад дар ҷамъият ҳамчун ҷузъи соҳибкории хурд фаъолият намояд. Яъне ҳангоми вусъат пайдо кардани молу маҳсулоти ҳунармандон онҳо метавонанд ҳамчун соҳибкори хурд фаъолият намоянд. Дар навбати худ онҳо ҳунарашонро ба фарзандонашон омӯзонанд ва ин боиси аз байн нарафтани ин ё он ҳунар мегардад.

Гузаштаи дури таърихӣ гувоҳ бар он аст, ки воситаи аз насл ба насл гузаштани ҳунарҳои бадеии мардумӣ, пеш аз ҳама, вуҷуд доштани мактабҳои ҳунармандӣ мебошад. Ҳунар қудрати бузурги роҳбаладии эҷодиёт буданро дорад. [4, 39].

Ҳангоми сафарҳои хидматӣ ба минтақаи Суғд, асосан, диққати моро ҳунарҳое, ки хислати соҳибкории хурди санбӯсапазиро доштанд, бештар ба худ ҷалб намуд. Санбӯса – навъе аз хӯроки нонии тоҷикӣ, ки дар танӯр ё тафдон пухта мешавад. Самбӯсаро бо гушту пиёз, каду, карам, картошка ва алафҳои баҳорӣ тайёр мекунанд. [8, 278].

Масалан, дар шаҳри Хуҷанд санбӯсае бо номи санбусаи Анбарой бисёр машҳур аст. Мардуми шаҳр бо камоли майл аз ин сан-

бӯсаҳо харидорӣ менамоянд. Ҳатто меҳмононе, ки аз манотиқи дигари ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар ташриф овардаанд, ҳатман аз ҳамин санбӯсаҳо тановул менамоянд. Таваҷҷуҳи моро аз ҳама бештар маҳз номи санбӯса, ки ба истилоҳ **«бренд»**-и он гардида буд, ба худ ҷалб намуд. Ба ҷустуҷӯи пазандаи ин санбӯсаҳои ғайриоддӣ шудем. Санбӯсахона дар наздикии бозори «Панҷшанбе» ҷойгир шудааст. Вақте ба санбӯсахона ворид гаштем, эҳсос намудем, ки ин санбӯсахона аз санбӯсахонаҳои дигар фарқ мекунад. Аввалан, дар ин санбӯсахона зиёда аз 10 нафар кор мекунанд. Дувум, санбӯсаи ин ҷо танҳо бо гӯшти гусфанд омода мегардад. Онҳо чорворо худ мехаранд ва забҳ менамоянд. Ҳайратовар он буд, ки санбӯсаҳо ҳаҷман хеле калон буда, яктоаш метавонад одамро сер кунад.

Ҳаҷми санбӯсаи Анбарой аз санбӯсаҳои дигар ба кулл фарқ дорад. Ҳаҷми чор тарафи он қариб, ки баробар аст. Бари санбӯса тахминан 15-17 см ва дарозиаш 20-21 см мебошад. Дар ин ҷо дар як рӯз тақрибан 500 дона санбӯса мепазанд. Санбӯсаҳо се навъ пухта мешаванд: санбӯсаҳои муқаррарӣ, санбӯсаҳои ҳаҷман аз муқаррарӣ калонтар ва санбӯсаҳое, ки ҳаҷмашон хеле калон аст. Барои мардум тааҷҷубовар он аст, ки даруни санбӯсаҳо сергӯшт мебошад, яъне аз санбӯсаҳои дигар бо ин ҷиҳат фарқ мекунад. Вақти суҳбат бо пазандаи ин санбӯса аз оғози кори онҳо пурсон шудем. Дар ҷавоб ӯ чунин гуфт: «Ӯ аз муҳоҷирати меҳнатӣ ба Ватан баргашт ва рӯзе аз рӯзҳо ҳамроҳи рафиқаш ба бозори Панҷшанбе рафтаанд. Дилашон санбӯса хостааст ва онҳо санбӯса хариданд. Ҳангоми тановули санбӯса гӯшт ба назар намерасид. Ин ду рафиқ ба якдигар нигоҳ карда табассум мекунанд. Ҳамин тавр онҳо ба худ мақсад гузоштаанд, ки санбӯса мепазанд, санбусаи пур аз гӯшт, то харидор аз хариданаш пушаймон нагардад».

Ин санбӯсаҳо бо нархи мувофиқ фурӯхта мешаванд, ки мизоҷ интихобан метавонад харидорӣ намояд. Яъне, нархи он начандон қиммат буда, мувофиқи ҳаҷм нархгузорӣ карда шудааст. Албатта, фурӯшанда ҳамаи хароҷотро ҳисоб карда, ба он нарх гузоштааст. Бо вуҷуди ин нархи ин санбӯсаҳо аз нархи санбӯсаҳои дигар фарқи зиёд дорад. Он санбӯсаҳо аз ин санбӯсаҳо гаронтаранд. Ин маънои онро надорад, ки Акои Абдусамад бар зарари худ кор мекунад, баръакс ин иқдоми ӯ фоидаи хуб меоварад. Ҳангоми суҳбат бо акои Абдусамад мо аз он бархурдор гаштем, ки ин одам аз қонуни савдо, ки хоҳиши мизоҷ ва пешниҳоди фурӯшандаро талаб мекунад, хуб воқиф аст. Ӯ метавонад он чизеро, ки мизоҷ мехоҳанд дарк намояд ва мутобиқи он амал намояд. Албатта, ҳамаи савдогарон кӯшиш мекунанд, ки ба худ осеб наорад. Ин савдогар низ аз назари иқтисодӣ ҳамаи ҷанбаҳои хариду фурӯши санбӯсаҳо ва даромаду баромади молиявии онро ҳисоб карда, баъдан хулосаи арзиши онро гузоштааст (патент, андоз, пули ангишт, орд, гӯшт ва дигар маҳсулот). Ин ҷо мехоҳам як чизро қайд намоям, ки савдогарони зиёд манфиати худро аз манфиати харидор болотар медонанд ва ҳар нархеро хоҳанд, ба маҳсулоташон мегузоранд. Онҳо гоҳ баҳонаи курси доллар мекунанд, гоҳ баҳонаи боло рафтани нархи маҳсулот. Аз асри 19 то имрӯз иқтисодчиёни бузург дар ин назаранд, ки пешрафти ҳар як савдо, ки дар асоси хариду фурӯш ба миён меояд, фақат як чизро талаб мекунад. Савдогар, фурӯшанда, шахсе, ки эҷод мекунад ва метавонад онро ҳамчун маҳсулот ба бозор барорад, дар мадди аввал бояд хоҳиши харидор, завқу салиқаи онро биомӯзад ва мутобиқи он моли худро пешкаш кунад. Харидор ҳамчун интихобкунанда метавонад бо кадом нархе бошад, харидорӣ кунад. Бо вуҷуди ин баланс савдо (таносуб) қонунияти худро дорад, ки ҳар як фурӯшанда бояд аз он хабардор бошад. Яъне таносуби савдо тақозо менамояд, ки фурӯшанда набояд аз ҳад зиёд истеҳсол кунад. Дувум, фурӯшанда барои сифати моли худ ҷавобгар аст. Ӯ бояд кӯшиш кунад, ки молаш босифат барояд. Севум, фурӯшанда набояд ба ҳамёни харидор осеб расонад. Агар мол қиммат аз арзиши худ фурӯхта шавад, он ҳатман ба харидор зарари молӣ мерасонад. Вале ба фурӯшанда низ зарар меоварад, аммо дар шакл ва вақти дигар. Танҳо ин ҷо онро мехоҳем қайд намоем, ки дар ҳақиқат Маҳмудов Абдусамад марди зирак буда, аз қонуниятҳои илми иқтисодӣ бархурдор аст. Чунки аз аввали фаъолияти кориаш то инҷониб ягон маротиба тиҷораташ ба ҷуз фоида зарар наовардааст. Санбӯса аз гӯшти қиммаи гӯсфанд, пиёз ва зиравори пухта мешавад. Хамирашро аз орди гандуми навъи якум омода месозанд. Ин ҷо санбӯсаҳоро дар танӯрҳои хеле калон бо асбоби

махсус, ки ба кафгир шабоҳат дорад, мечаспонанд. Аз сабабе, ки санбӯсаҳоро дар танӯри калон мепазанд, хамирашро аз як халта орд тайёр мекунанд. Як халта ордро дар зарфи хеле калон бо равғани зард, намак ва об хамир мешуранд. Азбаски санбӯса аз танӯр рехтанаш мумкин зуволаашро сахт мегиранд. То 12 соат дам медиҳанд, ки дар ин муддат хамир хуб мерасад. Ҳамин, ки хамир расид, онро махсус зувола мекунанд ва бо таҷҳизоте, ки айнан барои тунук кардани зуволаи санбӯса аст, тунук мекунанд. Се танӯри тасфон дар ин коргоҳи хурдакак вуҷуд дорад. Дар як танӯр аз 200 то 300 дона санбӯса мепазанд. Дар ин корхона 15 нафар кор мекунанд. Аз ин теъдод 5 нафар аъзоёи як оила ва дигарон наздикон яъне ёру дӯстон мебошанд.

Дар ин корхонаи нисбатан хурд аслан мардон ба санбӯсапазӣ машғуланд. Онҳо дастаҷамъона санбӯса пухта, ба нуқтаи махсуси назди бозор меоранд. Санбӯсаҳоро зане бо номи Анбарой мефурӯхтааст. Аз ин сабаб бисёриҳо гумон мекунанд, ки санбӯсаҳоро ин зан мепазад. Дар асл санбӯсаҳоро мардон бо сарварии Маҳмудов Абдусамад (с/т. 1967) мепазанд. Анбарой ҳамон солҳо муваққатан бекор мемонад ва ӯро Маҳмудов А. барои фурӯхтани санбӯсаҳо дар даруни бозори «Панҷшанбе» ҷалб мекунад. Солҳои аввали фаъолияташ Анбарой санбусаҳоро ба бозор баровarда, барои ҷалб кардани мизоҷон бо ибораҳои «санбӯсаи Анбаройба марҳамат», «санбӯсаи Анбаройба биёед» гӯён мефурӯхтааст. Баъдан, вақте ки фаъолияти онҳо зиёдтар шуд, ҳаҷм ва миқдори санбӯсаро низ зиёдтар карданд. Ҳамин тавр, санбӯса бо номи санбӯсаи Анбарой аввалҳо дар Хуҷанд ва бо мурури замон дар тамоми кишвар паҳн гардид.

Коргарон субҳи саҳар ба кор омада, то бегоҳ ба пухтани санбӯса машғул ҳастанд. Ҳамаи коргарони ин коргоҳ мард мебошанд. Хулоса музди меҳнате, ки онҳо ба даст меоваранд ба бюджети оилавиашон таъсири мусбат мерасонад. Зиндагии худашонро ба воситаи ин маблағҳои ба дастоварда пеш мебаранд. Ҳангоми суҳбат огаҳ шудем, ки ин коргарон зиндагии худашонро хеле хуб маҳз бо ҳамин восита пеш мебаранд. Ҳамаи хароҷоти зиндагонии онҳо аз ҳисоби даромадҳои ҳамин корхонаи хурд мебошад.

Ин ҳама ба иқтисодиёти мамлакат таъсири калон нарасонад ҳам, вале метавонад ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии ҳар як оилаи ҳунармандро тағйир диҳад. Дар ин маврид Қодиров Ф. чунин менависад: «Муҳити иҷтимоӣ ҳамчун маҳаки асосии тарбияи завқи бадеӣ хизмат мерасонад. Таърихи ташаккули ҳаёти фарҳангӣ ва иқтисодии ҷомеа нишон медиҳад, ки пеш аз ҳама, ба тафаккури маънавии кӯдак таъсири худро мерасонад. Ҳануз аз замонҳои қадим маҳалла ҳамчун муҳити асосии иҷтимоӣ барои пешбурди ҳаёти фарҳангӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ хидмат менамуд». [4, 51].

Инсон худ бавуҷудоварандаи ҳамаи омилҳои зиндагонӣ мебошад. Ӯ метавонад иқтисодиёт, фарҳанг ва омилҳои дигари ҷамъиятиро ба вуҷуд оварда, ҳамзамон ташкилкунандаи ҷамъият бошад. Азбаски ҳунарҳои мардумӣ ба иқтисодиёти мамлакат таъсири калон намерасонад, метавонад ба воситаи баланд бардоштани сатҳи зиндагонии ҳар як шахс, аз ҷумла оила, ки ячейкаи асосии ҷамъият мебошад, таъсир расонад. Ҳангоме ки оилаҳо аз назари иқтисодӣ зиндагии хубу беҳтар доранд, метавонанд то андозае иқтисоди миллиро ба вуҷуд оваранд. Яъне агар сатҳи сифати зиндагии мардум хуб гардад, иқтисоди миллӣ низ рушд мекунад.

Савдои маҳсулоти дастие, ки сифати хуб дорад, дар ҳама давру замон хуб пазируфта мешавад. Аз ҷумла, намудҳои гуногуни маҳсулоти пазандагӣ дар ҳама гӯшаву канори мамлакат талабот дорад. Хусусан, ҳунари нонпазӣ, ки дар ягон бозор бе ҳузури нон доду гирифт ба амал намеояд. Ин ҷо мехоҳем танҳо таъсири фаъолияти нонвойхонаҳоро ба ҳунарҳои мардумӣ ва иқтисодиёт суханронӣ намоем.

Нонвойхона ва санбӯсахонаҳо ба иқтисодиёт таъсири мустақим доранд. Ин ҷо боз робитаи фурӯшанда ва харидор, пазанда ва истеъмолкунанда баррасӣ карда мешавад. Фурӯшанда буҷаи худро хуб мегардонад ва ба иқтисоди оилаи худ таьсири мусбат мерасонад. Ӯ метавонад корхонаи худро калонтар карда, такмил дода, якчанд нафар коргар қабул намояд. Акнун схемае ба вуҷуд меояд, ки агар дар як шаҳр 10 санбӯсахона ё 10 нонвойхона ташкил гардад ва ҳар яки он 15 нафарӣ коргар қабул кунад, он вақт дар умум 300 нафар бо кор таъмин мегардад ва ба сатҳи зиндагонии худашон

албатта таъсири мусбат мерасонанд. Ҳамин тавр, агар манотиқи кишварро ҳисоб кунем, миқдори коргарон меафзоянд. Яъне, коргар ҳангоми таъмини оилаи худ мустақиман ба иқтисодиёти миллии кишвар таъсири мусбат мерасонад.

Нон аз даврони қадим миёни мардуми тоҷик мақоми хоса дорад. Мардуми тоҷик аз давраҳои пеш нонро пос дошта, ба он эҳтироми хос зоҳир менамоянд. Нонҳои тоҷикӣ бо вуҷуди гуногунӣ бо ҳаҷму шакл аз якдигар фарқ доранд. Масалан, аз кулча сар карда, то фатиру нонҳои калон, гирдачаву чапотӣ, лочира, бурак ҳар кадоми орҳоро занони тоҷик ба хубӣ аз уҳдаи пухтанашон мебароянд. Дар дастурхони бонуи тоҷик нон ҳатман дар мадди аввал меистад ва он маҳсули истеъмоли ҳаррӯзаи одамони рӯи замин мебошад. Дар кишвари мо нон аслан дар хона ва нонвойхона пухта мешавад. Аз ин рӯ, ин ҷо мехоҳем танҳо фаъолияти нонвойхонаҳоро ҳамчун ҷузъе аз ҳунарҳои мардумӣ ва таъсири онҳо ба иқтисодиёт мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Нон – навъи асосии хӯроки тоҷикиест, ки аз орди гандум, хамирмоя, намак, об тайёр карда шуда, дар танӯр пухта мешавад. Нон хурду калон, ғафсу тунук, таркибан гандумӣ, ҷавӣ ва арзанӣ мешавад. Он навъҳои чапотӣ, гирдача, ширмол, ҷаззадор, ҷурғотӣ ва ғайраро дорад. [8, 112].

Чуноне ки қайд карда шуд, дар ҳамаи гӯшаву канори навоҳии кишвар нонвойхонаҳо ба назар мерасанд. Дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд нонвойхонае вуҷуд дорад, ки бо нонҳои болаззату машҳураш мизоҷони бисёр пайдо кардааст. Ин нонвойхона шаклан ба корхонаи хурдакак шабоҳат дошта, дар он зиёда аз 12 нафар ба пухтани нон машғуланд. Аз ин 12 нафар 10 нафарашон аъзои оилаи худашон ҳастанд. Нонҳои ин коргоҳ дар танӯри калон пухта мешавад. Ин нонҳо, бо номи "нони чормағздор" машҳуранд. Хамири ин нонро аз шир, равған ва намаку об тайёр мекунанд. Хамирро муддати 7-8 соат дам медиҳанд. Дар як литр об тақрибан 500-700 грамм орд, 20 грам шир ва 200 грам равған истифода мекунанд. Баъдан ҳамирро рост карда, бо корд оро медиҳанд. Баъди пурра оро додан ба нон оби ҷурғот ё чакка ва чормағзу сиёҳдона мепошанд. Дар ин коргоҳ ду танӯри хеле калон вуҷуд дорад ва ҳар як танӯр тақрибан 27-28 нон мебарад. Танӯрро бо гази табии тафсонида, нонҳоро бо махсус асбоб мечаспонанд. Нон, ки пухт ва сурх шуд, бо ҳамон асбоби махсус онҳоро мекананд. Ин танӯр махсус дудбаро дорад, ки ҳавои нонвойхонаро вайрон намекунад. Ин нонвойхона аз ҷиҳати экологӣ ҷавобгӯ буда, тозаву озода буд. Нонпазҳо низ бо халати махсус кор мекунанд ва ин нишона аз тозагии худи пазанда аст.

Ин корхонаи хурдакак бо сардории Фароғат ном зан таъсис ёфтааст ва муддати 12 сол аст, ки фаъолият мекунад. Ин ҳунари оилавии онҳо аст. Фаъолияти ин корхона ҳаррӯза буда, дар як шабонарӯз 4 халта ордро хамир мекунанд. Гуфтан мумкин аст, ки даромади мутлақи ин корхона маҳз аз фурӯши нон аст. Ҳамчунин даромади ҳар як коргари ин корхона аз фурӯши нон вобастагӣ дорад. Ин маънои онро дорад, ки бюджети оилавии онҳо маҳз ба ҳунари нонпазӣ вобастагӣ дорад. Онҳо тавонистаанд ба воситаи ҳунарашон ба сатҳи зиндагии худашон таъсир расонанд.

Хулоса, аз қадимулайём мардуми тоҷик ҳунарманданд ва онҳо метавонанд ҳунарашонро ба бозори ҷаҳонӣ бароранд. Барои ин кӯшиш кардан лозим аст, ки ҳар як ҳунаре, ки ҳамчун мол пешкаш мегардад, ба бозор бароварда шавад. Ҳунарҳои мардумии тоҷикиро ба хориҷи кишвар бояд муаррифӣ намоем. Яъне ба воситаи фарҳанги миллӣ ҳунарҳои халқии тоҷикиро тамоми мардуми ҷаҳон шиносанд. Ҳунармандони асилро ҳавасманд кардан лозим аст, ки онҳо зиёдтар ба касбашон шавқ пайдо кунанд ва маҳсулоти наву замонавии миллиро эҷод намоянд. Соли 2018 соли «Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон гардиданаш боиси пешрафти малакаи ҳунармандон мегардад.

Имрӯзҳо дар баробари таъсири раванди ҷаҳонишавӣ дар кишвари мо то як андоза дилчаспӣ нисбат ба омӯзишу ошноӣ ба пешаву ҳунарҳои миллӣ беш аз пеш меафзояд. Ҳар як халқу миллат кӯшиш мекунад, ки барои худро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ шиносониданфарҳанги худро бештар тараққӣ диҳад, зеро маҳз фарҳанг метавонад чеҳраи созандагии миллатро дар арсаи ҷаҳон муаррифӣ созад. [10, 79].

Аз ин бармеояд, ки бо рушду нумуи касбу ҳунарҳои мардумӣ, бахусус бахши пазандагӣ то як андоза сатҳи зиндагии ҳунар-

мандон беҳтар гардида, дар баробари он буҷети давлат низ боло меравад.

**Адабиёт**


1. *Безуглова.Н.П. Культура как экономический феномен (зачем экономике нужна культура). Электронный ресурс. – Режим доступа: https://cyberleninka.ru/article/n/kultura-kak-ekonomicheskiy-fenomen-zachem-ekonomike-nuzhna-kultura*
2. *Ершов Н., Пища // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып.2, – Душанбе, 1970. – 256 с.*
3. *Кисляков Н.А. Семья и брак у таджиков. – Москва, Л: Издательство АН СССР, 1959. – 270 с.*
4. *Қодиров Ф. Ҳунарҳои мардумӣ омили тарбияи завқи бадеӣ. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2014.-144с.*
5. *Ломакин.В.К. Мировая экономика. – Издательство: Юнити Дана, 2007. –545с.*
6. *Одинаев Ё. Чойнома. Вып. 2, – Душанбе, 1991. – 70 с.*
7. *Пешерева Е.М. Ягнобские этнографические материалы.– Душанбе, 1976. – 98 с.*
8. *Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ. – Душанбе: Аржанг, 2016. – 278с.*
9. *Фукуяма. Ё.Ф. Доверие: социальные добродетели и пути к процветанию. – М.:АСТ, 2004. –577с.*
10. *Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик (натиҷаҳои экспедитсияҳои мардумшиносӣ ва санъатшиносии кормандони ПИТФИ дар соли 2015). Шумораи 1. – Душанбе: Аржанг, 2015. – 240с.*
11. *Холмуродов З. Чанд мулоҳиза доир ба ҳунарҳои суннатии Исфара // Паёмномаи фарҳанг. № 2(134).2016. с.95-106.*
12. *Ширкаду // Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ. – Душанбе, 1988. – 212 с.*
13. *Шовалиева М. История кулинарной культуры таджикского народа. – Душанбе, 2015. – 168 с.*


**Исломова З.С.**
**Бердиева Ш.**
**Саъдиев Х.Ф.**

## РАЗВИТИЕ НАРОДНОГО РЕМЕСЛА ПОСРЕДСТВОМ МАЛОГО ПРЕДПРИЯТИЯ И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА ЧЕЛОВЕЧЕСКИЙ КАПИТАЛ

**Институт экономики и демографии**
**Академии наук Республики Таджикистан**
**Таджикский финансово-экономический университет**

*В данной статье автор рассматривает развитие народного ремесла, особенно кулинарию (разновидности хлеба) посредством малого предприятия в современный период времени. В данной статье ставятся такие проблемы, которые имеют дисскусионный характер. В исследовании автор ставит вопросы взаимоотношения экономики и культуры, а также их влияние на страны и общества. Автор считает, что развитие народного ремесла является одним из основных пунктов культуры и в тот же момент имеет своё место в экономике. То есть продукт, который мастер создаёт своими руками, является частью культуры. Но когда продукт с целью продажи выходит на рынок, то он преобретает экономический характер (превращается в товар). Когда продукт на рынке реализуется, тогда он полностью превращается в систему рыночной экономики. Несмотря на это он не теряет свой культурный характер.*

*Поэтому автор считает, что между учёными экономистами и учёными культурологами существует полемика о том, что экономика и культура не имеют взаимоотношений. Однако некоторые учёные экономисты и культурологи, наоборот, считают, что эти две области науки имеют тесную связь и эта связь ярко выражена. Таким образом, автор делает попытку выявить и определить насколько экономика и культура дополняют друг друга.*

**Ключевые слова:** *народное ремесло, малое предприятие, культура, экономика, взаимоотношение, мастерство, рынок, хлеб, хлебопекарня, самса, социальные стороны, продукт, мастер, традиция.*

Islomova Z.S.
Berdieva Sh.
Sadiev H.F.

## DEVELOPMENT OF FOLK CRAFT TROUGH A SMALL ENTERPRISE AND ITS IMPACT ON HUMAN CAPITAL

**Institute of Economics and Demography of the Academy of Sciences of the Republik of Tajikistan**
**The Tajik state university of finance and economics**

*In this article, the author examines the development of folk crafts, especially part of the cooking (variety of bread) by means of a small enterprise in the modern period of time. Therefore, this article poses such problems that are of a debating character. Under the study, the author raises issues of the relationship between the economy and culture as well as their impact on the country and the current society. The author believes that the development of folk craft is one of the main points of culture and at the same time has its place in the economy. That is eating a product that the master creates with his own hands is part of the culture. But when a product for the purpose of sale enters the market, it becomes economic (transformed into a product). When a product is sold on the market, it is completely transformed into a market economy system. Despite this, it does not lose its cultural character.*

*Therefore, in this article, the author wants to expound the relationship of folk craft, especially part of the cooking (variety of bread) with the national economy. The author believes that between economists and scientists of cultural studies there was a dispute that economics and culture do not have a relationship. But some scientists and economists and cultural scientists, on the contrary, believe that these two fields of science have a close connection, and this connection is definitely and pronouncedly pronounced. In this way, the author also wants to learn that to what extent they complement each other and help each other.*

**Key words:** *folk craft, small enterprise, culture, economy, relationship, craftsmanship, market, bread, bakery, samsa, social aspects, product, master, tradition.*

УДК 338 (575.3)

Каримова М.Т.
Ҷабборов Ф.А.

# САМТҲОИ СТРАТЕГИИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Институти иқтисодиёт ва демографияи**
**Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат**

*Дар мақолаи мазкур масоили таъмини саноатикунонии босуръат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда шудаанд. Муаллифони мақола бо мақсади таъмини саноатикунонии босуръат дар мамлакат доир ба амалисозии стратегияи самараноки инкишофи саноатӣ хулосабарорӣ намудаанд.*

*Проблемаҳои асосӣ дар самти амалисозии саноатикунонии босуръат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд. Аз ҷумла, қайд гардидааст, ки айни замон дар мамлакат занҷири табиии "илми бунёдӣ - илми татбиқӣ - истеҳсолот" гусаста шудааст. Муаллифони мақола зарурати инкишофи зерсохтори фаъолияти инноватсиониро баҳри амалисозии ҳадафҳои саноатикунонии босуръат дар мамлакат асоснок намудаанд. Бо ин мақсад дар мақола зарурати ҳамкории мутақобилаи давлат, бизнес ва илм баҳри ҳалли проблемаи мазкур асоснок карда шудааст. Ғайр аз ин, муаллифони мақола дар заминаи омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ зарурати таҳияи механизм ва модели саноатикунонии босуръатро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок кардаанд. Ба андешаи муаллифон ба таҷрибаи таҳияи низоми нави сиёсати саноатӣ бояд аҳамияти махсус дода шавад, зеро он натиҷаҳои самаранокро баҳри саноатикунонии босуръат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам меорад.*

***Калидвожаҳо:*** *саноатикунонӣ; саноатикунонии босуръат, ҳамгироии илм ва истеҳсолот, саноат, истеҳсолоти саноатӣ, кластерҳои саноатӣ, сиёсати саноатӣ, инноватсия, сиёсати инноватсионӣ, фаъолияти инноватсионӣ, сиёсати сармоягузорӣ.*

Масъалаи рушди босуръати соҳаҳои саноати мамлакат пайваста мавриди таваҷҷуҳи хоси Сарвари давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад ва ҳамасола бо дарёфти захираву имкониятҳои мавҷуда тадбирҳои мухталиф бахри инкишофи соҳаҳои саноат анҷом гирифта истодаанд. Дастгирии соҳаҳои мухталифи саноати кишвар аз ҷумлаи самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоту ниҳодҳои давлатӣ маҳсуб меёбад.

**Ҷадвали 1. Динамикаи афзоиши ҳаҷми ММД ва саноат дар Ҷумхурии Тоҷикистон дар солҳои 2012-2018**

| Нишондиҳандаҳо | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ММД, млн. сомонӣ | 36163,1 | 40525,5 | 45606,6 | 48408,7 | 54479,1 | 61093,6 | 68844,4 |
| Саноат, энергетика | 4947,8 | 5103,1 | 5510,8 | 6426,6 | 8267,8 | 10414,1 | 11910,1 |




**Расми 1. Ҳиссаи соҳаи саноат дар истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2012-2018**

Сарчашма: *Омори солона. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2018, с. 205;* www.cisstat.org

Натиҷаи чунин тадбирҳост, ки ҳам дар ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ва ҳам саноат афзоиш ба назар мерасад. Тавре аз маълумоти ҷалвали 1 бармеояд, аз соли 2012 афзуншавии бемайлони ҳаҷми ММД ва ҳамчунин истеҳсолоти саноатӣ ба назар мерасад. Аз ҷумла, ҳаҷми ММД нисбат ба соли 2012 ба андозаи 1,9 маротиба ва саноат бошад, нисбат ба ҳамин давра 2,4 маротиба зиёд гардидааст. Агар ҳиссаи саноатро дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар ин давра таҳлил намоем, тавре аз маълумоти расми 1 бармеояд, 3,8% афзун гардидааст.

Воқеан, дурнамои рушди иқтисодиёти Тоҷикистон бо инкишофи индустриалию инноватсионӣ алоқаманд аст, ки он дар навбати худ ба густариши фаъолияти истеҳсолии субъектҳои хоҷагидорӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ, ҳамчунин дар ин замина таъмин намудани ҳаёти шоистаи аҳолии мамлакат равона гардидааст. Бо ҳадафи таҳким бахшидан ба рушди босуботи соҳаи саноат дар стратегияву барномаҳои давлатӣ дар мамлакат масъалаи баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидорҳои саноатӣ, дороиҳои миллӣ, махсусан нерӯи инсонӣ ва воситаҳои асосӣ самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб мераванд.

Тавре хеле барҳақ Сухарев О.С. ва Стрижакова Е.Н. зикр менамоянд, "истеҳсолоти саноатӣ ба сифати заминаи устувори истеҳсолоти моддӣ, ки низоми мураккаби он ҳиссаи асосии ММД –ро дар давлат фароҳам меорад, баромад мекунад" [3, С. 2].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то кунун бо мақсади фароҳам овардани фазои мусоиди инкишофи соҳаи саноат ва ҷалби сармоя ислоҳоти иқтисодиро бомаром идома бахшида истодааст. Натиҷаи чунин тадбирҳо аст, ки дар сохтори соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ тағйиротҳо ба вуқуъ пайваста истодаанд. Аз ҷумла, саноати истихроҷи маъдан нисбат ба соли 2011 ба андозаи 10,2% зиёд шудааст. Дар истеҳсолу тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об дар соли 2016 андаке поёнравӣ ҷой дошта, дар соли 2017 боз тамоюли рушд ба чашм мерасад.

Солҳои охир аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои дастгирии соҳаи саноат, аз ҷумла соҳибкории истеҳсолӣ қарзҳои имтиёзнок ҷудо карда шудаанд. Дар Паёми навбатии Пешвои миллат низ пешниҳод карда шуд, ки бо мақсади дастгирии минбаъдаи соҳибкорон дар мамлакат "300 рӯзи ислоҳот оид ба дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ" амалӣ карда шавад.

В силу указанной связи перестройка структуры причин смерти в процессе перехода к современному типу смертности ведет к оттеснению большинства смертей к старшим возрастам и потому имеет ярко выраженный положительный смысл. Чем ниже среди всех причин смерти доля бесспорно экзогенных причин — инфекционных, простудных заболеваний, несчастных случаев, травм и пр. — и чем выше доля такой в основном эндогенной причины, как болезни системы кровообращения, а также доля «квазиэндогенных» злокачественных новообразований, тем более прогрессивна структура причин смерти, тем ближе завершение перехода к современному типу смертности.




**Причины смертности в Республике Таджикистан в 2015 г. (%) [6, 137]**

Анализ структуры причин смерти сопряжен с немалыми трудностями. Часто применяющиеся показатели — доли умерших от каждой причины во всей совокупности умерших — подвержены влиянию возрастного состава населения и потому затрудняют временные и пространственные сопоставления структур. Пригодные для корректных сопоставлений показатели могут быть получены только в результате построения таблиц смертности по причинам смерти, которые позволяют исчислять такие обобщенные характеристики смертности, как доля лиц в каком-либо поколении, которые умрут от данной причины (вероятность смерти от данной «причины), средний возраст смерти от данной причины, влияние устранения смертности от данной причины на продолжительность жизни (сокращение средней продолжительности за счет данной причины). Только использование этих и подобных им показателей таблиц смертности по причинам смерти дает надежный, устраняющий влияние возрастного состава способ оценки структуры смертности по причинам смерти.

Таким образом, переход к современному типу смертности — важнейший демографический, а в более широком смысле — социальный процесс. Он приводит к спасению огромного числа человеческих жизней, обрывавшихся прежде на самых первых шагах, к небывалому в истории увеличению средней продолжительности жизни. Непосредственным, ближайшим условием этого сдвига служит поистине революционный переворот в структуре причин смерти и связанные с ним кардинальные изменения кривых вымирания и дожития. Но сами эти условия возникают лишь в результате чрезвычайно глубоких экономических, социальных и культурных перемен, охватывающих все общество и делающих возможным резкое ограничение действия, прежде почти бесконтрольного, неблагоприятных для здоровья и жизни человека факторов природной и социальной среды.

**Литература**

*1. Bourgeois-Pichat /. Future outlook for mortality decline in the world. —Population Bulletin of the United Nations, 1978, № 11, p. 12—41.*

*2. Preston S. H., Keyfitz N.t Shoen P. Causes of death. Life tables for national populations. N. Y. — L., 1972*

*3. Муир К.С. Доказательства эпидемиологии рака // Здоровье и окружающая среда. М.: Мир, 1979.-С. 130- 169.*

*4. Пурде М.К. Эпидемиология рака молочной железы// Эпидемиология рака в СССР и США. М, 1979. - С. 328-340.*

*5. Урланис Б. Ц. Эволюция продолжительности жизни /Монография. — М.: Статистика, 1978. — 310 с.*

*6. Демографический ежегодник Республики Таджикистан: 25 лет государственной независимости // Агентство по статистике при Президенте РТ, 2016 г. – 336с. URL: http://stat.ww.tj/08a738143cc0b0152aa19a4d4a44aee1_1510575404.pdf*

**Раҷабова И.Р.**
**Холиқова А.З.**

## ТАҲАВВУЛОТИ РАВАНДҲОИ ДЕМОГРАФӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (МОҲИЯТ, ҲОЛАТ ВА САБАБҲОИ ФАВТ)

**Институти иқтисодиёт ва демографияи**
**Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*Дар мақола масъалаҳои ташаккули шакли муосири фавт мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Таҳлили сабабҳои эндогенӣ ва экзогении фавт имконият медиҳад, ки дар бораи тағйиротҳои сифатии фавти аҳолӣ муҳокимаронӣ намоем ва динамикаи таркиби он нишондиҳандаи хуби ҷараёни гузариш аз шакли анъанавӣ ба шакли муосири фавт ба ҳисоб меравад. Дар мақола алоқамандии зичи сабабҳои фавт ва сину соли фаворасии он нишон дода шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *фавт, сабабҳои экзогенӣ, сабабҳои зндогенӣ, омилҳои солимии равонӣ.*

**Radzhabova I.R.,**
**Khalikova A.Z.**

## DEMOGRAPHIC EVOLUTION PROCESSES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN (ESSENCE, CONDITION, CAUSES OF THE MORTALITY)

**Institute of Economics and Demography**
**of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan**

*The article deals with the formation of the modern type of mortality. Analysis of endogenous and exogenous causes of mortality makes it possible to judge the qualitative changes in mortality, and the dynamics of this structure serves as a good indicator of the transition from traditional to modern type of mortality. Revealed a close relationship between the causes of death and the age of its occurrence.*

***Key words:*** *mortality, endogenous causes, exogenous causes, health, mortality factors.*

УДК 614;614.2

Шаропов Н.,
Норқулов Х.

# ДОБРОВОЛЬНОЕ СТРАХОВАНИЕ ЖЕНЩИН ПО БЕРЕМЕННОСТИ И РОДАМ

**Институт экономики и демографии Академии наук Республики Таджикистан**

*В статье рассматриваются социально-экономические и демографические вопросы добровольного страхования женщин в случае беременности и родов, как дополнительная защита женщин вне государственных социальных программ, которые направлены на усиление защиты женщин в контексте человеческого капитала и его влияния на воспроизводство населения.*

***Ключевые слова:*** *страхование, женщина, беременность, роды, повреждения, страховая сумма, страховая премия, страховые выплаты.*

Быть родителем это значит изменить свою жизнь и приобрести новый социальный статус, что является желанной мечтой большинства молодых пар.

Во многих странах, в том числе и в Республике Таджикистан, правовые, экономические и организационные основы государственного социального страхования регламентированы Законом Республики Таджикистан *«О государственном социальном страховании»* от 01.08.2003 N35 с последующими изменениями и дополнениями, внесенными в 2013 году, в рамках которого предусмотрена защита женщины по беременности и родам. Например, в соответствии со статьей 13 указанного закона «Г*осударство гарантирует выплату пособия по беременности и родам и выплачивает в размере полного заработка за весь период отпуска, предоставляемого женщине в связи с беременностью и родами, независимо от того, сколько дней отпуска пришлось на дородовые и сколько на послеродовые периоды»* [1]. Однако, в рамках программ государственного социального страхования не предусмотрена защита женщин от различных негативных последствий в период беременности и родов, а если и предусмотрены, то имеют ограниченный характер.

Поэтому Законом Республики Таджикистан *«О страховой деятельности»,* принятым 23.07. 2016, № 1349 [2], предусмотрено добровольное медицинское страхование, в рамках которого страховые организации, независимо от формы собственности, проводят добровольное страхование женщин по беременности и родам.

Попытка решения данного вопроса, а именно страхование женщин по беременности и родам в добровольной форме, то есть вне государственных социальных программ, была предпринята еще в конце 80-х и начале 90-х годов в СССР, где Союзным Госстрахом, монополистом в страховании, были даны рекомендации органам Госстраха союзных республик разработать и внедрить востребованные населением региональные виды страхования. Именно с того периода Госстрахи Союзных республик, в том числе и Госстрах в Республике Таджикистан, стали разрабатывать различные новые инновационные в тот период виды страхований. Авангардом по внедрению региональных видов страхования стал Госстрах СССР и Госстрахи Республики Казахстан и Кыргызстан [3]. Именно указанные республики разработали для проведения своими филиалами такие виды регионального страхования как «Страхования призывников от несчастных случаев», «Добровольное страхование женщин по беременности и родам», «Страхование от хирургического вмешательства», а также ряд других новых, инновационных видов страхования. Госстрах СССР распространил эти виды страхования по Госстрахам республик Союза. Однако, по различным объективным и субъективным причинам, указанные виды инновационного страхования не нашли своего понимания, восприятия и применения в Республике Таджикистан.

*После распада СССР и разгосударствления монополиста Госстраха в странах СНГ, в том числе в Республике Таджикистан, стали создаваться страховые организации с различными формами собственности, например, акционерные и т.д..*

*В настоящее время в ассортименте страховых организаций Республики Таджикистан имеется такой вид страхования как*

*«Добровольное страхование женщин по беременности и родам». В страховую программу, разработанную страховыми организациями, входит обширный спектр предоставляемых услуг, которые ориентированы на то, чтобы создать комфортные, а главное максимально безопасные условия для рождения ребенка.*

*Однако, данный вид страхования не стал популярным и практически страховыми организациями в массовом порядке не проводился, то есть не стал востребованным среди населения нашей республики. Основная причина такого негативного явления - это отсутствие проведения страховщиками республики организационно-массовой работы среди населения и, в первую очередь, в медицинских организациях по защите материнства, куда обращаются женщины в период беременности, отсутствие соответствующих информационных буклетов, а также отсутствие в средствах массовой информации рекламы по данной тематике.*

*Успех данного вида страхования зависит от количества застрахованных женщин, то есть их должно быть много, так как здесь, как и в других видах страхования, в качестве компонента технологии страхования действует закон «больших чисел», то есть «ущерб меньшинства компенсируется средствами большинства». Потому что не все женщины, которые уплатили страховые премии страховой организации и стали страхователями, столкнутся со страховыми случаями во время действия договора страхования. А уплаченные ими страховые премии могут быть использованы в виде страховой суммы, обусловленной договором страхования, другими женщинами-страхователями, которые были подвержены страховым событиям, связанными с беременностью и родами. В этой технологии, конечно, при соблюдении принципа добровольности, количество пострадавших страхователей всегда меньше количества участвующих страхователей в создании страхового фонда.*

*Необходимо отметить, что добровольное страхование женщин по беременности и родам в государствах со сложившейся страховой системой успешно проводится десятки лет, что дает женщине спокойствие духа на 9 месяцев и уверенность в том, что все пройдет хорошо, отгоняя плохие мысли. Например, где взять деньги, в случае чего, то есть при возникновении осложнений при беременности, если что-то пойдет совсем не так при рождении ребенка, как запланировано и т.п.. Поэтому, для того, чтобы женщине обрести спокойствие духа, необходимо приобрести полис добровольного страхования по беременности и родам, заключая договор страхования со страховыми организациями на страховом рынке, которые имеют лицензию на данный вид страхования. То есть, как говорят «застрахован, значить вооружен».*

*В государствах со сложившейся страховой системой функционируют специализированные медицинские и страховые организации, которые одновременно занимаются страхованием и оказанием медицинских услуг, в том числе по беременности и родам.*

*К сожалению, в настоящее время на страховом рынке Республики Таджикистан отсутствуют специализированные медицинские организации, которые совмещали бы страховую организацию и медицинское учреждение, то есть, действовали бы в рамках одного юридического лица. Но для нашей республики - это дело будущего, то есть отложено на неопределенное время.*

*Тем не менее, в настоящее время, даже в этой ситуации женщины могут заключать договора страхования со страховыми организациями республики, которые имеют лицензию на осуществление страхования женщин по беременности и родам, и в случае возникновения определенных негативных событий во время беременности и родов оплатят все расходы женщины, произведенные за период беременности и действия срока договора страхования по справкам, выданным медицинским учреждением, куда за деньги обращалась (находилась на учете) беременная женщина.*

*При желании женщины заключить договор страхования на случай беременности и родов, есть еще один важный момент. Это заключение договора страхования посредством страхового брокера, так как страховой брокер является, во-первых, представителем страхователя, в данном случае женщины, а не страховщика, а, во-вторых, в отличии от страхователя, является профессионалом в вопросах страхования и компетентным в вопросах выбора подходящей страховой организации для заключения догово-*

*ра страхования. Однако, к сожалению, в настоящее время на страховом рынке нашей республики отсутствует институт страховых брокеров, и договора страхования в основном заключаются страховыми агентами или работниками страховой организации, которые в целях быстрого вовлечения граждан заключить договора страхования порою не предоставляют страхователю полную информацию о виде страхования, о платежеспособности страховой организации в выполнении своих договорных обязательств при возникновении страховых событий и т.п...*

*В данной статье будет изложена только часть страховых событий, связанных с беременностью и родами. Страховые организации могут включать также и другие повреждения, связанные с беременностью и родами, адаптируя их под разными программами медицинского страхования.*

*Изложим некоторые программы добровольного страхования женщин по беременности и родами, которые признаются страховыми событиями, и, оплачиваются страховыми организациями страховыми суммами, в зависимости от степени их тяжести, повлекшие за собой:*

I. а) разрыв лонного или **крестцево-подвздошного** сочленения;

б) роды, потребовавшие оперативного вмешательства:

- кесарево сечение;
- удаление матки;
- повреждение или удаление внутренних органов в результате неправильных медицинских манипуляций.

II. Смерть ребенка (мертворожденный ребенок, а также смерть ребенка в первые 10 дней жизни).

III. Смерть роженицы (родильницы) в период пребывания в родильном доме от патологических родов, анафилактического шока.

К патологическим родам относятся:

- многоводие природах;
- роды, которые сопровождались (или которым непосредственно предшествовали) нефропатией, **приэклампсией**, эклампсией;
- роды, сопровождавшиеся следующими акушерскими операциями: кесаревом течение и другие чревосечения во время родов, классический и комбинированный поворот на ножку, наложение акушерских щипцов, извлечение плода с помощью вакумэкстрактора; плодоразрушающие операция, ручное отделение последа, ручное и инструментальное удалением полости матки;
- роды, сопровождавшиеся значительной кровопотерей, вызвавшей вторичную анемию и сопутствующие ей заболевания;
- роды, сопровождающиеся разрывом шейки матки III степени, разрывом промежности III степени, расхождением лонного сочленения;
- роды с послеродовыми заболеваниями;
- осложнения от анестезии во время планового кесарева сечения;
- тяжелой формой эндометрита, тромбофлебита, воспалением тазовой брюшины и клетчатки септическими заболеваниями, гнойной маститой;
- роды у женщин, страдающих органическими заболеваниями сердца и сосудов (все формы многоклапанных пороков сердца, стеноз митрального клапана, все врожденные пороки — вне зависимости от степени нарушения гемодинамики, недостаточность митрального клапана при явлениях декомпенсации, наличие активного ревматического процесса во время беременности и в родах, состояние после операции на сердце), стойкие формы гипертонической болезни, стойкий гипотонический синдром во время беременности и родов (анемия при беременности; гемоглобин -55% и менее), лейкоз, болезнь Верльгофа и другие **капиллярнотоксикозы**, туберкулез в активной форме, заболевание почек и почечных лоханок, базедова болезнь, диабет, паренхиматозный гепатит с нарушением функции печени, болезнь Боткина;
- патология беременности и родов, приведшая к смерти женщины;
- родовая травма новорожденного ребенка, телесные повреждения ребенка, приведшие к его смерти от 7 дней жизни до окончания срока страхования;
-преждевременные роды (рождение незрелого плода).

С заявлением о выплате страховой суммы страхователь или лицо, в пользу которого заключен договор страхования, может обратиться в страховую организацию, с которой заключен договор страхования в течении трех лет [4], со дня наступления страхового события, представляя справку лечеб-

но-профилактического учреждения, подтверждающую факт или свидетельство ЗАГСа (или копию его, заверенную в нотариальном порядке) о смерти страхователя. За неблагоприятные последствия родов размер страховой суммы определяется в соответствии с «Таблицей размеров страховых сумм, подлежащих выплате в связи со страховыми событиями», которая разработана на основании расчетов, и имеется в распоряжении страховой организации. При актуарных расчетах учитываются следующие статистические показатели, как обычно за 5 лет:

- количество беременных женщин;
- количество родов;
- наименование заболевания в период беременности и родов;
- количество детей, родившихся за указанный период;
- количество мертво родившихся детей;
- количество недоношенных детей и так далее.

Страховщики при составлении актуарных расчетов (тарифов) могут учитывать и другие обстоятельства.

В необходимых случаях страхователь нельзя (застрахованная) может быть направлена на освидетельствование к врачу для определения последствий повреждений.

В связи со смертью ребенка предусмотрена разделом II выплата страхового пособия в размере 25% от страховой суммы.

При одновременной смерти роженицы (родильницы) и ребенка выплачивается полная страховая сумма и пособие.

В случае смерти страхователя страховая сумма выплачивается лицу, в пользу которого был заключен договор страхования. Это могут быть дети, супруг и другие родственники, назначенные самим страхователем при заключении договора страхования.

Если после смерти страхователя последовала смерть лица, в пользу которого был заключен договор страхования, и это лицо не успело получить причитающуюся ему страховую сумму, она выплачивается его наследникам.

Кроме вышеизложенных сведений, другие вопросы, связанные с заключением договора страхования, выплата страховой суммы и другие правовые аспекты, более конкретно рассматриваются Главой 51 Гражданского кодекса РТ, Законом РТ «О страховой деятельности» и другими нормативными правовыми актами Республики Таджикистан.

При разработке страховыми организациями вида страхования, например, *«Добровольное страхование женщин по беременности и родам»* используются типовые правила, применяемые и в других видах страхования, конечно, за исключением специфичности вида страхования. Здесь под «типовыми» имеются ввиду срок страхования, возраст страхователя на момент заключения договора страхования, размер страховой суммы и страховой премии, порядок их уплаты и т.п..

В данной статье рассматриваемый вид страхования, требования к возрасту страхователя, размер страховой суммы и страховой премии, а также ряд других требований являются условными. Конкретные условия Правил страхования излагаются в тексте договора страхования и согласовываются со страховым надзором, а также при заключении договора страхования между страхователем и страховщиком.

Тем не менее, в данной статье мы изложим условные сведения о возрасте страхователя, сроке страхования, размере страховых сумм и страховой премии и т.д..

По условиям Правил «Добровольного страхование женщин в случае родов» договора страхования заключаются страховыми организациями с женщинами (страхователями) сроком на 1 год. Факт беременности подтверждается справкой лечебно-профилактического учреждения, где беременная женщина находится на учете, при этом возраст женщины не имеет значения.

Максимальный размер страховой суммы (ответственность страховой организации) в зависимости от программы страхования и лимита страховой организации составляет до 10 000 сомони. По желанию страхователя страховая сумма может быть установлена в большем размере, но должна быть кратной 100. Страховой взнос (страховая премия) уплачивается в размере 0,6% от общей страховой суммы.

Действие договора страхования прекращается:

- по истечению срока, в день, предшествующеий тому, в который договор страхования вступил в силу;

- в случае выплаты полной страховой суммы, указанной в страховом свидетельстве;

- в случае смерти страхователя.

В случае выезда страхователя на постоянное место жительства за пределы Республики Таджикистан договор страхования утрачивает силу.

Требование о выплате страховой суммы предъявляется страховой организацией, с которой заключен договор страхования. При этом должны быть представлены следующие документы:

а) в связи со страховыми событиями, предусмотренным и разделами III – заявление по установленной форме, страховой полис, справка лечебно-профилактического учреждения;

б) лицом (лицами), в пользу которого заключен договор страхования – заявление, страховой полис, свидетельство ЗАГСа (или копия его, заверенное в нотариальном порядке) о смерти страхователя, распоряжение страхователя о том, кого она назначила для получения страховой суммы в случае своей смерти, если оно было составлено отдельно, а наследниками, кроме указанных документов, также свидетельство о праве на наследство, выданное нотариальной конторой.

По общепринятым условиям выплата страховой суммы производится в течение 7 дней после получения всех необходимых документов. За каждый день задержки выплаты страховой суммы по вине работников страховой организации, выплачивается пеня в размере 0,1% от подлежащей выплате суммы.

Необходимо отметить, что страховая сумма, полная или часть ее, выплачивается независимо от причитающихся ей (им) сумм по государственному социальному страхованию, социальному обеспечению и сумм, причитающихся в порядке возмещения вреда.

Несовершеннолетнему лицу выплата страховой суммы производится только путем перечисления в сберегательный банк во вклад на его имя с одновременным уведомлением об этом органа опеки и попечительства.

Требования, вытекающие из договора страхования, могут быть предъявлены в страховую организацию, с которой заключен договор, в течение трех лет со дня наступления страхового события.

Споры, вытекающие из договора страхования, рассматриваются вышестоящей страховой организацией, органом страхового надзора и судом.

**Литература:**

*1. Закон Республики Таджикистан «О государственном социальном страховании» (в редакции Закона РТ от 01.08.2003 N35, от 29.04.2006 №187, от 5.03.2007 №244, от 30.07. 2007 №332, от 6.10.2008 №440, от 16.04.2012 №824, от 01.08.2012 №893, от 28.12.2013 № 1059)*

*2. Закон Республики Таджикистан «О страховой деятельности» от 23.07.2016 №1349*

*3. Региональные Правила страхования женщин на случай беременности и родов. Правления Государственного страхования Казахской ССР от 20 марта 1990 г..*

*4. Статья 221 Гражданского кодекса Республики Таджикистан (Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 1999 год, с последующими изменениями и дополнениями от 22.07.2013 №976).*

**Шаропов Н.,**
**Норқулов Х.**

# СУҒУРТАИ ИХТИЁРИИ ЗАНОН ҲАНГОМИ ҲОМИЛАДОРӢ ВА ТАВАЛЛУД

**Институти иқтисодиёт ва демографияи**
**Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*Дар мақола масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва демографӣ оид ба суғуртаи ихтиёрии занон ҳангоми ҳомиладорӣ ва таваллуд, ҳамчун ҳимояи иловагии занон берун аз барномаҳои давлатии иҷтимоӣ, ки ба баланд бардоштани ҳифзи занон дар шароити сармояи инсонӣ ва таъсири он ба таваллудшавии аҳолӣ нигаронида шудааст, муҳокима карда мешавад.*

***Калидвожаҳо:*** *суғурта, зан, ҳомиладорӣ, таваллуд, зарар, маблағи суғуртавӣ, мукофоти суғуртавӣ, пардохти суғуртавӣ.*

**Sharopov N.,**
**Norkylov H.**

## VOLUNTARY INSURANCE OF WOMEN FOR PREGNANCY AND CHILDBIRTH

**Institute of Economics and Demography of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan**

*The article reviews the socio-economic and demographic issues of voluntary insurance of women in the event of pregnancy and childbirth, as an additional protection of women outside state social programs, which is aimed at enhancing the protection of women in the context of human capital and its impact on population reproduction.*

**Key words:** *insurance, woman, pregnancy, childbirth, damages, insurance amount, insurance premium, insurance payments.*

УДК: 331+339 (575.3)

Тошматов М.Н.,
Авғонов Н.А.

# ИҚТИДОРИ САРМОЯГУЗОРИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МУШКИЛОТИ ИСТИФОДАБАРӢ ВА САМТҲОИ ТАКМИЛИ ОН

**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

*Дар мақола пасандозҳои аҳолӣ ҳамчун сарчашмаи муҳими захираҳои сармоягузории дохилӣ мавриди тадқиқ ва таҳлил қарор гирифтааст. Дар ҷараёни таҳлили масоили мазкур ҳаҷми пасандоз ва сармоягузориҳои аҳолии кишвар муайян карда шуда, ҳиссаи онҳо нисбат ба ММД баҳодиҳӣ карда шудааст. Инчунин, омилҳои асосии боздорандаи рушди устувори пасандозҳои аҳолӣ ва табдилдиҳии онҳо ба сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ нишон дода шуда, роҳҳои такмили онҳо пешниҳод гардидааст.*

***Калидвожаҳо:*** *пасандоз, сармоягузорӣ, иқтисодиёт, иқтидори сармоягузории аҳолӣ, низоми бонкӣ, табдилдиҳии пасандозҳои аҳолӣ ба сармоягузорӣ.*

Иқтисодиёти муосир ва рушди он ба захираҳои дохилии сармоягузорӣ асос ёфта, ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ нигаронида шудааст. Сарчашмаи асосии захираҳои дохилии сармоягузорӣ ин воситаҳои пулии озоди аҳолӣ ба ҳисоб мераванд, ки дар шакли пасандозҳо амал мекунанд.

Дар марҳилаи муосир ҳар як мамлакат барои таъмини такрористеҳсол ба маблағҳои кофӣ зарурат дорад, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Чи тавре, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Парламенти кишвар 20 апрели соли 2012 таъкид карда шуда буд, ҷиҳати устувор гардонидани пешрафти иқтисодӣ дар шароити таҳдиду хавфҳои глобалии торафт афзояндаи ба иқтисодиёти кишвар таъсиррасонанда ҷалби ҳарчӣ бештари сармоя ба соҳаҳои гуногун нақши муҳим мебозад.

Боиси қайд аст, ки ҷалби сармоягузориҳо мутобиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалияти дарозмуҳлати миллии рушд мебошад.

Рушду инкишофи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини рушди босуботи он ва афзоиши он бевосита аз мавҷудияти сармоягузории бузург дар бахши воқеии иқтисодиёт вобаста аст. Дар шароити кунунии иқтисодӣ чунин сарчашмаҳои анъанавии сармоягузорӣ ҳамчун воситаҳои худии корхонаҳо, маблағҳои буҷети давлатӣ, сармоягузориҳои хориҷӣ аён аст, ки барои рушди иқтисодиёти кишвар кофӣ намебошанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки пасандозҳои аҳолӣ дар марҳилаи гузариш ҳамчун сарчашмаи муҳим ва ояндадори рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ба назар гирифта шаванд.

Масъалаи ташаккулёбии пасандозҳои аҳолӣ ва дар оянда истифодабарии онҳо бо мақсади сармоягузорӣ яке аз мушкилоти актуалии муосири илми молиявӣ ба ҳисоб меравад. Ҳалли он имкон медиҳад, ки раванди рушди минбаъдаи пасандозҳо, инчунин, шаклҳои беҳтарин ва усулҳои идоракунии пасандозҳои аҳолӣ муайян карда шаванд.

Дар бисёре аз кишварҳои мутараққӣ пасандозҳои аҳолӣ пешниҳодкунандаи захираҳои устувор ва ҳаҷми кофии сарчашмаҳои сармоягузорӣ дар баробари воситаҳои молиявии коорпоратсияҳо (корхонаҳо) ва воситаҳои буҷети давлатӣ ба ҳисоб мераванд[15,39].

Захираҳои молиявии хонаводаҳо дар бисёр мамлакатҳо иқтидори асосии рушди ҷомеа мебошанд. Дар кишварҳои дорои иқтисодиёти бозорӣ пасандозҳои хонаводаҳо муқоисашавандаанд ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ва ҳатто баъзан аз он зиёдтар. Ҳамин тариқ, дар Ҷопон - 245% ММД, дар ИМА - 300% ва дар Фаронса бошад, 135%-ро ташкил медиҳанд. Мувофиқи маълумоти Бонки Ҷаҳонӣ барои чунин мамлакатҳо ба мисли Португалия, Чин, Таиланд, Туркия, Куриёи Ҷанубӣ, Малайзия, Ҳиндустон дар солҳои 70-80-уми охирҳои асри 20 сарчашмаи асосии захираҳои молиявии дохилӣ барои сармоягузориҳо пасандозҳои аҳолӣ ба ҳисоб мерафтанд, ки он ба ҳисоби миёна 12,9 фоизи ММД-ро ташкил медод[8,600].

Мавриди қайд аст, ки пасандозҳои аҳолӣ дар пешравии устувори иқтисодиёти миллӣ нақши муҳимро мебозанд. Чӣ тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, яке аз омили муҳиме, ки дар пешравии иқтисодиёти мамлакатҳои Ҳиндустон, Бразилия, Ҷопон, Чин ва амсоли инҳо мусоидат намудааст, пасандозҳои аҳолӣ ба ҳисоб мераванд.

Коршиносони Бонки Ҷаҳонӣ хулосаи муҳимеро пешниҳод намуданд, ки афзоиши ночизи меъёри пасандози аҳолӣ дар иқтисодиёт назар ба зиёдшавии чандкаратаи воситаҳои сармоягузорони хориҷӣ таъсири хело назаррас медиҳад[6,67].

Тибқи андешаи Кейнс ҳам истеъмол ва ҳам пасандоз натиҷаи вазифаи даромад мебошад. Пас омили асосие, ки ба рафтори истеъмолӣ ва пасандозии хонаводаҳо (оилаҳо) таъсир мерасонад, ин даромад мебошад. Маълум аст, ки даромадҳои аҳолӣ ба истеъмолот, ё ин ки бораи пасандоз равона карда мешаванд. Азбаски имконоти дигар барои истифодабарии даромад вуҷуд надорад, маълум мегардад, ки ҳиссаи пасандозҳо вобаста аст аз ҳиссаи истеъмолот ё аз сатҳи даромад. Дар алоқамандӣ бо ин гуфтаҳо дар ҷадвали 1. таносуби байни даромад, хароҷот ва пасандозҳои аҳолӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2009 – 2017 таҳлил карда шудааст.

**Ҷадвали 1.Таносуби байни даромад, хароҷот ва пасандози аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2009 - 2017 *(бо сомонӣ)***

| Солҳо | Нишондиҳандаҳо | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Маҷмӯи даромади миёнаи якмоҳа ба як аъзои хонавода | Маҷмӯи хароҷоти миёнаи якмоҳа ба як аъзои хонавода | Бақияи байни маҷмӯи даромади миёна ва маҷмӯи хароҷоти миёна, моҳе ба як аъзои хонавода | Пасандоз моҳе ба як аъзои хонавода нисбат ба даромад, % |
| 2009 | 155,72 | 149,87 | 5,85 | 3,76 |
| 2010 | 190,18 | 177,71 | 12,47 | 6,56 |
| 2011 | 225,62 | 227,53 | -1,91 | - |
| 2012 | 258,81 | 251,59 | 7,22 | 2,79 |
| 2013 | 293,58 | 282,00 | 11,58 | 3,94 |
| 2014 | 323,64 | 290,06 | 33,58 | 10,38 |
| 2015 | 297,61 | 265,68 | 31,93 | 10,73 |
| 2016 | 351,14 | 321,36 | 29,78 | 8,48 |
| 2017 | 374,12 | 329,68 | 44,44 | 11,88 |

**Сарчашма:** Ҳисобҳои муаллифон дар асоси маводҳои Маҷмӯаи омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе, с 2014 саҳ. 113, 114, 115., Маҷмӯаи омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе, с 2018 саҳ. 112, 113.

Омили муҳими муайян намудани сатҳи пасандозҳо – ин кафолати онҳо мебошад. Агар хоҷагиҳои хонавода ва ташкилотҳои тиҷоратӣ барои даромадҳои оянда боварӣ надошта бошанд, пас онҳо кӯшиш мекунанд, ки пасандозҳоро на барои сармоягузорӣ, балки барои истеъмоли ҷорӣ истифода баранд.

Дар соли 2017 маҷмӯи даромади миёнаи якмоҳа ба як аъзои хонавода дар муқоиса ба соли 2009 218,4 сомонӣ ё ин, ки 2,4 маротиба афзоиш ёфтаанд. Маҷмӯи хароҷотҳо низ дар солҳои 2009 – 2017 аз 149,87 сомонӣ то ба 329,68 сомонӣ афзудаанд. Пасандозҳо бошанд аз 3,76%-и соли 2009 то ба 11,88% дар соли 2017 зиёд гардидааст. Ҳамин тавр дар маҷмӯъ дар солҳои 2009 – 2017 пасандозгузории аҳолӣ мусбат арзёбӣ карда мешавад (ба истиснои соли 2011, ки -1,91 сомониро ташкил намуда буд). Таҳлилҳои гузаронидашуда гувоҳи онанд, ки аҳолии кишвари мо бо сатҳи мавҷудаи даромад ва хароҷот имконияти пасандоз намуданро дороанд, ба истиснои соли 2011, ки пасандозҳои аҳолӣ манфӣ арзёбӣ карда мешавад, чунки дар ин сол хароҷот нисбати даромад бештар аст.

Ташаккули муносибатҳои бозорӣ дар ҷумҳурӣ бо тағйир ёфтани сохтори даромадҳои пулии аҳолӣ оварда расонид. Аз ин рӯ, дар соли 1998 вазни қиёсии музди меҳнат дар ҳаҷми умумии даромадҳои хонаводаҳо 29,9%-ро ташкил дода бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2010 ба 40,8% баробар гардид. Дар солҳои минбаъда низ афзоиши музди меҳнат дар ҷумҳурӣ ба

назар расида, дар соли 2017 47,5%-и ҳаҷми умумии даромадҳои хонаводаҳоро ташкил намуд, ки нисбат ба соли 1998 17,6% афзоиш ёфтааст. Чи тавре, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2016 зикр гардид, "музди миёнаи меҳнат дар 20 соли охир 60 баробар афзуд"[5]. Музди меҳнат сарчашмаи асосии даромадҳои аҳолӣ ба ҳисоб рафта, он дар соли 2017 ба ҳисоби меҳнати миёнамоҳонаи номиналӣ 1312,65 сомониро ташкил намуда, нисбат ба соли қаблӣ 352,48 сомонӣ афзудааст.

Нишондиҳандаҳои ҷадвали 2 аз он шаҳодат медиҳанд, ки даромадҳои пулии аҳолӣ мунтазам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиш ёфта истодааст.

Тавре ки аз рақамҳои овардашудаи ҷадвал бармеояд, қисми зиёди аҳолӣ даромадҳои пулии худро дар бахши бонкӣ пасандоз намекунанд. Дар ҷумҳурӣ имрӯзҳо миқдори зиёди пулҳо дар дасти аҳолӣ мебошанд ва қисми зиёди онҳо берун аз низоми бонкии мамлакат қарор доранд.

Агар дар соли 2009 даромадҳои пулии аҳолии кишвар 10 932 млн. сомонро ташкил намуда бошанд, пас аз маҷмӯи даромадҳои пулии аҳолии мамлакат ҳамагӣ 1 105,3 млн. сомонӣ ё ин ки 10,1%-и он пасандоз гардидааст. Дар соли 2013 даромадҳои пулӣ то 22 346,2 млн. сомонӣ афзуда, пасандозҳо бошанд, 3532,5 млн. сомонӣ, ё ин ки 15,8%-и даромадҳоро ташкил намуд. Дар соли 2017 бошад, даромадҳои пулии аҳолӣ 34 638,4 млн. сомонӣ афзоиш ёфта, пасандозҳо ба 4 344,4 млн. сомонӣ баробар гардиданд, ки ин нишондиҳанда 12,5%-и даромадҳоро ташкил медиҳад. Агар дар соли 2009 аз ҳаҷми умумии даромадҳои пулии аҳолӣ 1 105,3 млн. сомонӣ ё ин ки 10,1%-и он пасандоз гардида бошад, пас дар соли 2017 он ба 4 344,4 млн. сомонӣ расидааст, ки ин нисбат ба ҳамин нишондиҳанда дар соли 2007 7,6 маротиба бештар мебошад.

**Ҷадвали 2. Сохтору пӯёи (динамикаи) даромадҳои пулӣ ва пасандозҳои аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2009 – 2017**

| Солҳо | Даромадҳои пулӣ *млн. сомонӣ* | Пасандозҳои аҳолӣ *млн. сомонӣ* | Пасандоз бо % аз маблағи умумии даромад |
|---|---|---|---|
| 2009 | 10932,0 | 1105,3 | 10,1 |
| 2010 | 13256,0 | 1467,7 | 11,07 |
| 2011 | 16190,9 | 2244,9 | 13,9 |
| 2012 | 20161,2 | 2865,1 | 14,2 |
| 2013 | 22346,2 | 3532,5 | 15,8 |
| 2014 | 24196,5 | 4062,9 | 16,8 |
| 2015 | 25569,8 | 5111,6 | 20 |
| 2016 | 31373,0 | 5276,9 | 16,8 |
| 2017 | 34638,4 | 4344,4 | 12,5 |

**Сарчашма:** Ҳисобҳои муаллифон дар асоси маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ва бюллетени омори бонкӣ декабр с 2013 (221) саҳ. 34., декабр с 2018 (281) саҳ. 29.

**Ҷадвали 3. Иқтидори сармоягузории аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2009 – 2017 (ҳаз. сомонӣ)**

| Солҳо | Нишондиҳандаҳо | | |
|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ, захираҳои молиявии аҳолӣ (пасандозҳои аҳолӣ) | Бақияи пасандозҳои аҳолӣ дар бонкҳо буда | Бақияи пули нақди дар дасти аҳолӣ буда |
| 2009 | 6 312 260 | 1 105 245 | 5 207 015 |
| 2010 | 2 608 159 | 1 467 723 | 1 140 436 |
| 2011 | 2 244 938 | 2 244 938 | -1 789 410 |
| 2012 | 9 785 397 | 2 865 114 | 6 920 283 |
| 2013 | 4 666 541 | 3 532 474 | 1 134 067 |
| 2014 | 7 428 422 | 4 062 900 | 3 365 522 |
| 2015 | 8 388 040 | 5 111 562 | 3 276 478 |
| 2016 | 8 401 202 | 5 276 875 | 3 124 327 |
| 2017 | 9 107 201 | 4 344 371 | 4 762 830 |

**Сарчашма:** Ҳисобҳои муаллифон дар асоси маълумотҳои Маҷмӯаи омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе, с 2014 саҳ. 25, 113-115, 454., маълумотҳои Маҷмӯаи омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе, с 2018 саҳ. 25, 111–113, 470.

Нишондиҳандаҳои ҷадвал шаҳодат аз он медиҳанд, ки иқтидори сармоягузории аҳолии ҷумҳурӣ сол то сол афзоиш ёфта истодааст. Агар захираҳои молиявии аҳолӣ (пасандозҳои аҳолӣ) дар соли 2009 6 312 260 ҳаз. сомониро ташкил намуда бошанд, пас ин нишондиҳанда дар соли 2017 ба 9 107 201 ҳаз. сомонӣ баробар гардида, нисбати соли қаблӣ 705999 ҳаз. сомонӣ ё ин, ки 8,4% зиёд гардидааст. Бояд қайд намуд, ки солҳои 2010-2011 тамоили пастравии ин нишондиҳанда мушоҳида мешавад, ки ин вобастагӣ дорад ба пайомади буҳрони молиявии ҷаҳонии солҳои 2009 - 2011 ва оқибатҳои ин буҳрон. Дар натиҷаи муътадил гардидани вазъи иқтисодӣ афзоиши захираҳои молиявии аҳолӣ ба назар мерасад. Афзудани ин нишондиҳандаҳо маънои зиёдшавии ҳиссаи пасандозҳои аҳолиро дорад. Афзоиши ин иқтидор дар дилхоҳ кишвар муҳим мебошад, чунки сарчашмаи захираҳои сармоягузорӣ дар дохили мамлакат пайдо мегардад. Инчунин, аз рӯи ин иқтидор метавон эътимоди аҳолиро нисбати низоми бонкӣ муайян намуд.

Дар соли 2017 ҳаҷми бақияи пасандозҳои аҳолӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ буда нисбат ба соли 2007 қариб 8 маротиба афзудааст. Ҳамасола ҳаҷми бақияи пасандозҳои аҳолӣ дар низоми бонкии мамлакат зиёд гардида истодааст, ба истиснои соли 2017-ум, ки бақияи пасандозҳои аҳолӣ нисбат ба соли 2016 17,7 фоиз коҳиш ёфта, 932 504 ҳаз. сомониро ташкил доданд. Дар таркиби пасандозҳои аҳолӣ дар соли 2017 42 356 ҳаз. сомонӣ ба пасандозҳои дархостшаванда, 1 462 461 ҳаз. сомонӣ ба амонатҳои пасандозӣ ва 2 839 554 ҳаз. сомонӣ ба пасандозҳои муҳлатдор рост меояд. Аз ҳаҷми умумии бақияи пасандозҳои аҳолӣ дар соли 2017 дар бонкҳобуда 1 564 334 ҳаз. сомонӣ бо пули миллӣ ва 2 780 037 ҳаз. сомонӣ бо асъори хориҷӣ рост меояд. Мавриди қайд аст, ки соли 2017 зери таъсири омилҳои гуногун ва бад шудани вазъи молиявии якчанд бонк, аз ҷумла “Тоҷиксодиротбонк” ва “Агроинвестбонк” боварии аҳолӣ нисбати низоми бонкии кишвар паст гардида, дар натиҷа пасандозҳои аҳолӣ тамоили камшавиро ба худ гирифт[12,156].

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар давраи солҳои 2009-2017 ҳаҷми сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ дар маҷмӯъ тамоюли рушдёбӣ дорад, асосан аз ҳисоби манбаъҳои давлатӣ (ниг. ҷадвали 4).

Қайд намудан ба маврид аст, ки дар давоми солҳои 2000-2014 ҳаҷми маблағгузориҳо ба сармояи асосӣ аз 109 миллион сомонӣ то 7,4 миллиард сомонӣ ё 68 баробар зиёд гардид[7]. Мутобиқи маълумоти оморӣ дар соли 2017 ҳаҷми маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 11371,6 млн. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба соли гузашта 1,72% зиёд мебошад.

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 4 аён аст, ки дар иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2009-2012 тамоюли пастравии суръати рушди сармоягузориҳо дар сармояи асосӣ ба мушоҳида мерасад, ки он ба оқибатҳои бухрони молиявии ҷаҳонӣ алоқамандӣ дорад.

**Ҷадвали 4. Сохтори сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ мутобиқи манбаъҳои маблағгузории солҳои 2009-2017** ***(бо нархҳои амалкунанда, млн. сомонӣ)***

| Солҳо | Дар Ҷумҳурӣ-Ҳамагӣ | Аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои: | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Давлатӣ | Аҳолӣ | Ташкилотҳои дигар |
| 2009 | 3899,3 | 1219,3 | 280,7 | 2399,3 |
| 2010 | 4669,4 | 1677,4 | 356,2 | 2635,8 |
| 2011 | 4988,3 | 2490,0 | 452,4 | 2045,9 |
| 2012 | 4540,2 | 2018,5 | 422,5 | 2099,2 |
| 2013 | 5796,8 | 2426,0 | 465,0 | 2905,8 |
| 2014 | 7492,7 | 3104,0 | 538,1 | 3850,6 |
| 2015 | 9749,9 | 3446,0 | 572,4 | 5731,5 |
| 2016 | 11179,7 | 4399,9 | 483,5 | 6296,3 |
| 2017 | 11371,6 | 5013,8 | 457,5 | 5900,3 |

**Сарчашма**: Сохтмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе, с 2015 саҳ. 13., Маҷмӯаи омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе, с 2018 саҳ. 319.

Дар иқтисодиёти кишвар маблағҳои аҳолӣ дар манбаъҳои маблағгузории сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ нақши муҳимро иҷро менамоянд. Дар давраи аз соли 2009 то соли 2017 аз ҳисоби маблағҳои аҳолӣ 4028,3 млн. сомонӣ сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ маблағгузорӣ карда шудааст. Дар соли 2017 ҳаҷми сармоягузории аҳолӣ дар муқоиса бо соли 2009 1,6 маротиба афзоиш ёфта, ба 457,5 млн. сомонӣ расид, ки ин 4,02 фоизи ҳаҷми умумии сармоягузориҳоро ба сармояи асосӣ дар ҷумҳурӣ ташкил медиҳад. Боиси қайд аст, ки дар давоми солҳои 2009-2017 ҳаҷми маблағгузориҳои аҳолӣ ба сармояи асосӣ аз 280,7 млн. сомонӣ то ба 457,5 млн. сомонӣ зиёд гардид.

Қобили тазаккур аст, ки афзоиши ҳаҷми сармоягузорӣ ва ташаккули фазои сармоягузорӣ дар кишвар ҳамчун вазифаи стратегӣ ва омили муҳими таҷдиди иқтисодиёти миллӣ муайян шудааст.

Хусусияти муҳими ҷараёни байналмилалии сармоя имрӯз мавҷудияти рақобати шадид барои ҷалби он мебошад. Дар чунин шароит ҷолибнокии сармоягузории кишвар, яъне суботи сиёсӣ, фаъолияти самараноки низоми ҳуқуқӣ, устувории пули миллӣ, бозори бузурги дохилӣ, мавҷудияти кадрҳои баландихтисос ва инфрасохтори мутараққӣ нақши ҳалкунандаро мебозанд[10,152]. Пешбинӣ мегардад, ки то соли 2030 фазои сармоягузории Тоҷикистон беҳтар шуда, ҳиссаи сармояи хусусӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 5 баробар меафзояд[6].

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали мазкур бармеояд, ки дар соли 2017 захираҳои молиявии аҳолӣ (пасандозҳои аҳолӣ) 9 107 201 ҳаз. сомонӣ ё ин, ки 14,9%-и ММД-ро ташкил намудаанд. Вале аз ҳаҷми умумии пасандозҳои аҳолӣ дар соли 2017 танҳо 5,02% он сармоягузорӣ гардида, зиёда аз 94%-и он ба гардиши хоҷагидорӣ ҷалб нагардидаанд. Дар соли 2017 сармоягузориҳои аҳолӣ 0,75% ММД-и ҷумҳуриро ташкил додаанд, ки ин нишондиҳанда гувоҳи он аст, ки дар кишвари мо ҳанӯз механизмҳои ба сармоягузорӣ табдил додани пасандозҳои аҳолӣ на он қадар хуб ба роҳ монда шудааст. Дар давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон ҳаҷми сармоягузориҳои аҳолӣ нисбати ММД ба ҳисоби миёна 15%-ро ташкил медиҳанд.

Чӣ тавре, ки Бонки Ҷаҳонӣ дар 14 кишвари пешрафтаи ҷаҳон (Хитой, Туркия, Португалия, Таиланд, Кореяи Ҷанубӣ, Ҷопон ва ғайра) татқиқот гузаронида буд, дар натиҷаи таҳлил аён гардид, ки сарчашмаи асосии сармоягузории дохилии ин мамлакатҳо пасандозҳои хоҷагиҳои хонагӣ ба ҳисоб меравад ва ба ҳисоби миёна 15-17%-и ММД-ро ташкил медиҳанд[2].

Ҳамин тариқ, таҷрибаи пасандозҳои аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки танҳо қисми ками даромади пасандозҳо ба сармоягузории дохилӣ табдил меёбанд.

**Ҷадвали 5. Ҳаҷми пасандоз ва сармоягузориҳои аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2009 – 2017**

| Солҳо | Захираҳои молиявии аҳолӣ (пасандозҳои аҳолӣ) ҳаз. сомонӣ | Бо % нисбат ба ММД | Сармоягузори-ҳои аҳолӣ ҳаз. сомонӣ | Бо % нисбат ба ММД | Сармоягузори-ҳои аҳолӣ бо % нисбат ба пасандозҳои аҳолӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 2009 | 6 312 260 | 10,6 | 280 724 | 1,3 | 4,4 |
| 2010 | 2 608 159 | 10,5 | 356 241 | 1,4 | 13,7 |
| 2011 | 2 244 938 | 7,5 | 452 384 | 1,5 | 20,1 |
| 2012 | 9 785 397 | 27,06 | 422 532 | 1,2 | 4,3 |
| 2013 | 4 666 541 | 11,5 | 465 026 | 1,1 | 9,8 |
| 2014 | 7 428 422 | 16,3 | 538 057 | 1,2 | 7,2 |
| 2015 | 8 388 040 | 17,3 | 572 438 | 1,2 | 6,8 |
| 2016 | 8 401 202 | 15,4 | 483 533 | 0,89 | 5,7 |
| 2017 | 9 107 201 | 14,9 | 457 529 | 0,75 | 5,02 |

**Сарчашма**: ҳисобҳои муаллифон.

**Тадқиқот ва таҳлилҳои мо ба амал омадани ин ҳолатро аз чунин сабабҳо нишон медиҳад:**

**Якум**, ҳиссаи зиёди он равона карда мешавад ба пасандоз дар шакли тилло (сабиқа, маҳсулоти қиматбаҳо);

**Дуюм**, ҳиссаи дигари он равона мегардад ба пасандоз дар шакли асъори хориҷа (доллар, евро, рубл);

**Сеюм**, қисми он дар хориҷи кишвар ҷойгир карда мешавад;

**Чорум**, қисми дигар аз миёнаравони беэътимоди молиявӣ худдорӣ менамоянд.

Боиси қайд аст, ки истифодаи пурраи иқтидори пасандозҳои аҳолӣ дар айни замон яке аз роҳҳои таъмини устувори маблағгузорӣ (қарздиҳӣ) ба раванди сармоягузорӣ дар иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Истифодаи оқилонаи иқтидори сармоягузории пасандозҳои аҳолӣ имкон медиҳад, ки соҳаҳои хоҷагии халқи Тоҷикистон ба маблағгузории дохилӣ таъмин карда шаванд.

Дар марҳилаи кунунӣ ҷалби пасандозҳои аҳолӣ ва табдилдиҳии онҳо ба сармоягузорӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама, аз ташкилотҳои молиявӣ вобастагии зич дорад. Тавре, ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, табдилдиҳандаи асосии пасандозҳои аҳолӣ ба сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ ин низоми бонкӣ ба шумор меравад. Дар айни замон таҷрибаи ҷаҳонӣ низ нишон медиҳад, ки дар бисёр мамлакатҳо табдилдиҳандаи пасандозҳои аҳолӣ ба сармоягузорӣ ин низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, агар дар бахши бонкӣ воситаҳои озоди назаррас мавҷуд бошанд ҳам, асосан қарздиҳӣ дар бахши воқеӣ васеъ нигаронида нашудааст. Ин бештар вобастагӣ дорад ба тағйирёбии шароитҳои макроиқтисодӣ, равонасозии захираҳои қарзӣ аз соҳаи истеҳсолоти даромади пастдошта ба бахши молиявии нисбатан фоидаовар нигаронидашуда[11,71]. Дар робита ба ин, яке аз вазифаҳои асосӣ барои истифодаи иқтидори мавҷуда таъсиси низоми бонкии муносиб зарур мебошад. **Барои ин зарур аст, ки ба ҳалли як қатор вазифаҳои алоқаманд таваҷҷуҳи хоса равона карда шавад, чунки ҳар яке он механизмҳои самараноки табдили пасандозҳои аҳолиро ба сармоягузорӣ таҳия мекунанд, ки ба андешаи мо асоситарини онҳо чунинанд:**

- таҳкими фаъолияти хизматрасонии бонкӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ;
- таҳияи механизми самараноки кафолати пасандозҳои хусусӣ;
- таъмини мунтазами рақобат дар бозори хизматрасонии бонкӣ;
- беҳсозии сохтори ташкилии бозори пасандозҳои хусусӣ барои табдил додани онҳо ба сармоягузорӣ дар иқтисодиёт.

Тавре, ки олимон ҳисоб намудаанд, аз дараҷаи рушди бозори сармоя метавон ҳаҷми дороиҳои бонкӣ ва қарздиҳӣ ба бахши воқеии иқтисодиётро муайян кард. Дар соли 2017 ҳаҷми ҳамаи намудҳои қарзҳои соҳаи бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 13,92%-и ММД-ро [1,80] ташкил намудааст, дар ҳоле ки дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ҳаҷми маблағгузориҳои соҳаи бонкӣ баробар аст ба 80-120%-и ММД[14,35]. Мувофиқи маълумотҳои[3,63;4,239] дар соли 2000 ҳаҷми қарзҳои пешниҳоднамудаи бахши бонкӣ бо ҳисоби фоиз аз ММД дар давлатҳои зерин чунин буд: дар Русия - 23,9%, дар Италия - 92%, дар Британияи Кабир - 136%, дар Ҷопон - 144%, дар Олмон - 145%, дар ИМА - 161%, дар Гонконг - зиёда аз 170%, дар Таиланд ва Кореяи Ҷанубӣ тақрибан 150%. Ба ҳолати 1.01.2018 дороиҳои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 20 932 млн сомонӣ баробар гардида, ҳиссаи он дар таркиби ММД 34,28%-ро ташкил намуд[1,80].

Нишондиҳандаҳои мазкур шаҳодат аз он медиҳанд, ки саҳми низоми бонкии мамлакат дар таъмин намудани маблағгузорӣ (қарздиҳӣ) ба иқтисодиёти миллӣ дар муқоиса бо дигар кишварҳо дар сатҳи паст қарор дорад, ҳарчанд солҳои охир аз тарафи давлат ва ҳукумати ҷумҳурӣ дар ин самт корҳои назаррас анҷом дода шуда бошад ҳам, бахши бонкӣ ҳанӯз ҳам ҳамчун асоси маблағгузории иқтисоди миллӣ ташаккул наёфтааст. Аз ин рӯ, зарур аст, ки низоми бонкии кишвар ба сандуқи қарзии худ аҳамияти махсус равона намоянд ва саҳми худро дар таъмин намудани рушди устувори иқтисодиёти миллӣ баланд бардоранд.

Таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ нишон медиҳад, ки меъёри сармоягузориҳо аз меъёри фоиз дар кишвар бояд зиёдтар шавад, то ки иқтисодиёт бо воситаҳои пулии «дароз» таъмин гардад. Дар ин кишварҳо меъёри сармоягузориҳо 20-22%-ро ташкил медиҳад, ки дараҷаи рушди иқтисодии 2,5-3%-ро таъмин мекунад. Дар кишварҳои рӯ ба инкишоф ин таносуб баландтар аст, яъне 25-30% меъёри сармоягузориҳо 5-6% суръати рушди иқтисодиро таъмин менамояд. Барои Тоҷикистон сарчашмаи иловагии баланд бардоштани суръати рушди иқтисодӣ, маҳз баландбардории меъёри сармоягузорӣ маҳсуб меёбад. Назар ба кишварҳои мутараққӣ дар кишварҳои рӯ ба инкишоф, аз ҷумла Тоҷикистон, фондҳои калонҳаҷми сармоягузорӣ мавҷуд нестанд, то ки иқтисодиётро бо пулҳои «дароз» таъмин намоянд[9,15-16].

Чӣ тавре ки, таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, яке аз сарчашмаҳои асосие, ки ба сифати сармоягузории дохилӣ баромад карда, боиси ҷаҳиши иқтисодӣ ё ин ки ба комёбиҳои иқтисодӣ ноил гаштани баъзе давлатҳо гардидааст, ин ба таври дуруст сафарбар кардани пасандозҳои дохилии онҳо будааст. Яъне давлатҳое, ки ба ҷаҳиши иқтисодӣ ноил гаштанд, тавонистанд пасандозҳои дохилии худро ба сармоягузорӣ мубаддал гардонанд. Ба ин мисол шуда метавонанд давлатҳои Норвегия, Сингапур, Дания ва ғайраҳо.

Аз ин рӯ, имрӯзҳо ҳукумати ҷумҳурии мо бояд ба масъалаи ҷалби пасандозҳои аҳолӣ дар раванди истеҳсолот ва бахши воқеии иқтисодиёт диққати ҷиддӣ диҳад, чунки дар ҳолати ёфтани механизми дурусти ба кор андохтани ин пасандозҳо ё худ захираҳои молиявӣ он боиси рушди босуботи иқтисодиёт гашта, яке аз сарчашмаҳои амалигардонии Стратегияи баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мегардад[13,86-87].

Дар шароити имрӯза нокифоя будани захираҳои молиявӣ барои рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, иқтидори сармоягузории пасандозҳои аҳолӣ метавонад ҳамчун заминаи молиявӣ барои навсозӣ (модернизатсия) ва бунёди иқтидорҳои нави истеҳсолии корхонаҳои бахши воқеӣ хизмат кунад, ки дар маҷмуъ ба рушди умумии иқтисод таъсири мусбӣ мерасонад.

Барои ҳалли ин масъала, пеш аз ҳама, фароҳам овардани заминаҳои иқтисодӣ барои ташаккули рафтори сармоягузории аҳолӣ, таҳкими эътимод ба ташкилотҳои молиявӣ ва ҷалби пасандозҳои аҳолӣ зарур мебошад.

Ҳамин тариқ, пасандоз ва сармоягузориҳо бо ҳамдигар алоқамандӣ ва вобастагӣ доранд. Пасандозҳо ҳамчун сарчашмаи ояндаи сармоягузорӣ дар бахши воқеии иқтисодиёт ба ҳисоб меравcovered. Бояд қайд намуд, ки чи қадаре, ки дараҷаи баланди бехатарии пасандозҳо таъмин карда шавад, ҳамон қадар ҳиссаи зиёди пасандозҳо ба сармоягузорӣ табдил меёбанд. Дар кишварҳои пешрафта қариб ҳамаи пасандозҳо дар шакли сармоягузорӣ дар иқтисодиёти миллӣ амал мекунанд.

**Дар асоси таҳлили гузаронидашуда метавон ба хулоса омад, ки омилҳои асосии боздорандаи раванди рушди устувори пасандозҳои аҳолӣ ва табдилдиҳии онҳо ба сармоягузорӣ дар иқтисодиёти муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон чунинанд:**

- дараҷаи пасти эътимоди аҳолии кишвар нисбати низоми бонкӣ;
- сатҳи пасти даромад ва дараҷаи баланди истеъмолот;
- кафолати пасти маблағи ҷуброни пасандозҳои аҳолӣ;
- сатҳи пасти маълумотнокии молиявии аҳолӣ;
- рушди нокифояи инфрасохтори бахши бонкӣ;
- ноустувор будани қурби пули миллӣ;
- баланд будани меъёри андоз;
- норасоии иттилоотӣ;
- сатҳи таваррум.

**Ҳамаи ин мушкилот дар маҷмӯъ ба рушди пасандозҳо ва ба раванди ташаккулёбии сармоягузорӣ ба таври назаррас монеъа мешаванд.**

***Keywords:*** *social services, human capital, production potential, intellectual work, knowledge reserve, educational capital, public health, level of development, services, health care, and education.*

УДК 33.378.331. **Кодиров Ш.Ш.**

# ВЫСШЕЕ ОБРАЗОВАНИЕ КАК ФАКТОР ВОСПРОИЗВОДСТВА ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА В УСЛОВИЯХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Институт экономики и демографии Академии Наук Республики Таджикистан**

*Статья посвящена анализу роли высшего образования в формировании человеческого капитала Республики Таджикистан. Автор отмечает, что в последние годы повышаются претензии к уровню подготовки работников, так как высшее образование становится более доступным для широкого круга людей. Проведенные авторам анализы показывают, что масштабы высшего профессионального образования для Республики Таджикистан невысоки, несмотря на бурное увеличение количества вузов и студентов высших учебных заведений.*

***Ключевые слова:*** *высшее образование, человеческий капитал, воспроизводство человеческого капитала, масштаб высшего профессионального образования, вузы Республики Таджикистан, студенты высших учебных заведений.*

В условиях Республики Таджикистан высшее образование превращается в один из ключевых факторов экономического развития, так как внедрение новых технологий и инновационных методов ведения менеджмента и производства требуют высококвалифицированных работников и снижают спрос на малоквалифицированный труд.

Вопросы развития системы высшего образования в национальной стратегии развития Республики Таджикистан до 2030 г. (НСР-2030) и программе среднесрочного развития Республики Таджикистан в 2016-20 гг. (ПСРТ 2016-2020) рассмотрены как основной фактор формирования человеческого капитала. В основу государственной политики Республики Таджикистан в области высшего профессионального образования положены принципы обеспечения равного доступа к ВО всех слоёв населения, улучшения качества системы высшего образования и её интеграции в мировое образовательное пространство.

В условиях инновационного развития общества именно дипломированные работники с высшим образованием имеют более высокие возможности на рынке труда и вузовский диплом позволяет получить не только более достойный уровень заработной платы, но и способствует карьерному продвижению по службе, усиливая конкурентные позиции данных сотрудников на рынке труда. «Именно высшее образование готовит высококвалифицированных специалистов, способных генерировать инновации, принимать нестандартные управленческие решения, эффективно функционировать в условиях рыночной неопределенности и экономической нестабильности, обеспечивая работнику большую мобильность в условиях изменяющегося рынка труда» [4.5]. Исходя из этого, организация высшего образования и ее качество становятся главными составляющими формирования человеческого капитала, так как получение высшего образования в перспективе дает индивиду большую выгоду в плане обретения привлекательной и востребованной профессии, накопления благосостояния.

Воспроизводство знаний оказывает все большее влияние на динамику экономического роста. В настоящее время образование выдвигается на первое место среди факторов человеческого капитала. Роль знаний в экономическом развитии стран мира по сравнению с природными ресурсами стремительно возрастает. «По оценкам Всемирного Банка, физический капитал в современной экономике формирует 16% общего объема богатств каждой страны, природный – 20%, а человеческий капитал – 64%. В таких странах, как Япония и Германия, доля человеческого капитала составляет 80% национального богатства. В настоящее время ценности создаются за счет повышения производительности и использования нововведений, т.е. применения знаний на практике. Экономическое процветание все более зависит от способности добывать новые знания и применять их в жизни» [1. 13].

Согласно данным исследований ученых стран ЕС; ежегодный прирост человеческого капитала на 1% за счет высшего образования обеспечивает 5,9% увеличения темпа роста ВВП на душу населения [9.21-24].

Основываясь на результатах социологических исследований, проводившихся в разное время, можно оценить воздействие высшего образования на развитие человеческого капитала индивидуума (личности) «по трем направлениям: 1) в получении профессии; 2) в интеллектуальном развитии; 3) в изменении социального статуса» [2. 84]. В рамках теории человеческого капитала, высшее образование призвано передавать знания, умения и формировать качества, которые позволят выпускникам изучить различные профессиональные ситуации и адаптироваться к неожиданным поворотам в ходе изменений в технологических процессах, в организации труда и структуре профессии.

Усиление роли высшего образования в формировании человеческого капитала привело к тому, что в последние годы роль высшего образования меняется, оно становится более доступным для широкого круга людей, и количество владельцев дипломов непрерывно растет. Увеличение предложения квалифицированной рабочей силы и ее избыток дают возможность работодателю выбирать из огромной массы специалистов, а значит, и повышать претензии к уровню подготовки работника.

В Республике Таджикистан в начале 1991 года функционировали 13 вузов, в которых обучались 69,3 тыс. студентов. В 2017-2018 гг. число вузов в республике достигло 39 единиц[1] (с учетом филиалов) и за период 1990-2017 гг. увеличилось на 24 единицы. Соответственно за этот период увеличилась численность студентов с 69,3 тыс. человек до 186,9 тыс. человек, т.е. на 117,6 тыс. человек.

Как видно из данных таблицы 1, количество высших учебных заведений за анализируемый период возросло в 3,0 раза, в то время как численность студентов возросла на 2,7 раза.

На наш взгляд, увеличение численности студентов в республике связано с расширением потребностей общества, спросом населения и агентов рынка труда на новых специалистов, адекватных рыночной системе экономики, а также необходимостью формирования новой национальной инновационной системы и внутреннего рынка образовательных услуг, соответствующих международному стандарту. Другое мнение по этому поводу поддерживает таджикский учёный Бобиев А. По его мнению: «В годы государственного суверенитета республики отечественные вузы начали подготовку образовательных программ/услуг и выпуск специалистов в соответствие с потребностями или спросом отраслей национальной экономики. Так, например, численность студентов, обучавшихся по специальностям, связанных с отраслями промышленности, в период 2000-2016 гг. увеличилась от 6,7 до 24,9 тыс. человек или более чем в 3,6 раза. Тенденция роста численности студентов этой сферы усилилась особенно после 2000г., когда был принят курс индустриализации страны и произошел рост численности промышленных предприятий, и соответственно возросла потребность в специалистах сферы промышленного производства» [3.78].

Содикзода Х. считает, что под влиянием демографического фактора численность принятых на обучение по программам высшего профессионального образования будет иметь тенденцию к увеличению до 2022 года, что возможно приведёт к увеличению числа высших учебных заведений и численности профессорско-преподавательского состава. Он сопоставил динамику числа родившихся и численность принятых на обучение по программам высшего профессионального образования и выявил, что существует тесная взаимосвязь между числам родившихся и принятых студентов в высшие учебные заведения. В диаграмме он показывает, что снижение числа родившихся с 1996 г. привело к снижению численности принятых на обучение по программам высшего профессионального образования за 2014-2015 уч. г. [8.80].

---

**[1]Из 38 вузов 14 университетов, 15 институтов, 1 консерватория и 4 учебных заведения силовых структур. Помимо этого в республике функционируют 4 филиала иностранных вузов.**

**Таблица 1. Высшие учебные заведения и количество студентов, обучающихся в них в Республике Таджикистан в 1991-2017 гг.**

| Учебные годы | Показатели | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Количество высших учебных заведений, единиц | Студентов - всего, тыс. чел. | *из них:* | |
| | | | Очное отделение | Заочное отделение |
| 1991/1992 | 13 | 69,3 | 47,9 | 18,4 |
| 1995/1996 | 24 | 74,0 | 53,4 | 20,6 |
| 2000/2001 | 30 | 77,7 | 47,9 | 29,8 |
| 2005/2006 | 36 | 132,4 | 84,4 | 48,0 |
| 2010/2011 | 33 | 151,7 | 100,5 | 51.2 |
| 2011/2012 | 33 | 152,2 | 104,3 | 47.9 |
| 2012/2013 | 34 | 150,2 | 103,8 | 46,4 |
| 2013/2014 | 34 | 159,4 | 112,4 | 47,0 |
| 2014/2015 | 38 | 165,3 | 114,7 | 50,6 |
| 2015/2016 | 38 | 176,5 | 120,5 | 56,0 |
| 2016/2017 | 39 | 186,9 | 127,4 | 59,5 |

**Источник: Таджикистан: 25 лет государственной независимости. Статистический сборник. - Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2016. С. 57-59; Образование в Республике Таджикистан. Статистический сборник. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2017. С. 60.**

На наш взгляд, практика Республики Таджикистан показывает, что на изменение численности принятых на обучение по программам высшего профессионального образования влияет не только демографический фактор, но и динамика стоимости обучения, создание Национального центра тестирования, потребности на бюджетные места и ряд других факторов.

В целом, значительные количественные изменения в системе высшего образования произошли в силу следующих причин: стабилизация социально-политической и экономической ситуации в стране после гражданской войны; демографический фактор - увеличение рождаемости в стране и политические решения Правительства Республики Таджикистан в целях улучшения доступа к высшему образованию.

Основная часть студентов обучается на дневных отделениях. При этом доля студентов, обучающихся по очной (дневной) форме обучения выросла с 2008 г. с шестидесяти до семидесяти процентов. Максимальная доля студентов (38,4%), обучающихся на заочной форме обучения, наблюдается в 2000 году, постепенно снижаясь, составила 30,2% в 2017году.

С 2008 г. количество ВУЗов выросло, в последние три года наблюдается и значительный, на 18% рост численности студентов. Причем численность девушек - студенток растет быстрее, чем численность юношей.

В системе высшего образования Республики Таджикистан существует широкая возможность выбора профессии. В высших учебных заведениях республики подготовка ведется по более 800 специальностям и специализациям в разрезе 2-х форм обучения: очной и заочной. В 2018/2019 учебном году некоторые вузы начали пилотное внедрение дистанционной формы обученим.

Несмотря на это, «масштаб высшего профессионального образования в республике относительно невысок: высшее образование получает около 18% населения соответствующих возрастов, что в 2,5 раза ниже, чем в развивающихся странах Европы и Центральной Азии» [5].

Наше исследование показывает, что в контексте человеческого капитала Республики Таджикистан и роли системы высшего образования в её формировании наблюдаются следующие проблемы: снижение роли отдельных вузов в подготовке высококвалифицированных кадров: гораздо меньший процент молодежи получает высшее образование, снижается коэффициент окончания высших учебных заведений, наблюдается неудовлетворённость студентов и работодателей полученным высшим образованием.

За анализируемый период наибольшее число студентов, в среднем на один вуз,

приходится на 90-е годы, всего 5,33 тыс. человек. В силу различных причин, включая нестабильность и военный конфликт на территории республики, данный показатель снизился до 2,59 тыс. человек или в два раза в 2000 году и постепенно стал увеличиваться, достигнув почти уровень 90-х годов, составляя 5,0 тыс. человек или 193% в 2017 году.

Анализ получения высшего образования в Республике Таджикистан показывает, что в настоящее время гораздо меньший процент молодежи продолжает образование после окончания средней школы, в сравнении с предыдущими поколениями. К такому выводу также пришли экономисты Всемирного банка, которые в своем докладе «Квалификационная шкала: Навыки как возможность устроиться на работу в Таджикистане» пишут, что: «Подобное ухудшение ситуации частично объясняется ростом международной трудовой миграции после получения основного или общего среднего образования: больше одного из трех мужчин в возрасте 20-39 лет в таджикских домохозяйствах в настоящее время находятся за пределами страны, при этом среди женщин этот показатель существенно ниже».

Анализ учебной траектории студентов высших учебных заведений показывает, что показатель окончания учебного заведения существенно варьируется между вузами республики, и общий показатель окончания учебных заведений системы высшего образования составляет примерно 80 процентов [7.34]. Это говорит о том, что 20 процентов поступающих не заканчивают учебу в вузах и не получают диплом.

Вопрос качества высшего образования является самым основным и больным вопросом. Результаты социологического опроса, который был проведен исследовательской группой проекта «Высшее образование» Института Открытое общество Фонда содействие - Таджикистан показал, что 40% студентов и 45,2% работодателей не удовлетворены качеством высшего образования в Республике Таджикистан [6.17].

На наш взгляд, достижение надлежащего качества образования требует решительного обновления традиционной учебно-воспитательной, научно-исследовательской деятельности вузов и совершенствования внутривузовской системы менеджмента качества и создание эффективного механизма внутренней системы гарантии качества.

**Литература**


1. *Балыхин Г. А. Управление развитием образования: организационно-экономический аспект. – М.: ЗАО «Издательство «Экономика», 2003.*
2. *Беляева О.В. Воздействие высшего образования на развитие личности // Журнал-Успехи современного естествознания. – 2005. – №1.*
3. *Бобиев А. Механизм обеспечения конкурентоспособности образовательных учреждений государственного сектора высшего образования (на материалах Республики Таджикистан)//Диссертация на соискание учёной степени кандидата экономических наук по специальности 08.00.05 – Экономика и управление народным хозяйством (экономика, организация и управление предприятиями, отраслями, комплексами: сфера услуг). Душанбе, 2018.*
4. *Ляшенко Е.Е. Формирование человеческого капитала в условиях реформирования высшего образования// Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук по специальности - 08.00.05 экономика и управление народным хозяйством (экономика труда). Москва, 2012.*
5. *Национальная стратегия развития образования Республики Таджикистан до 2020- // www. edu-maorif.tj*
6. *Обеспечение качества высшего образования в Республике Таджикистан/под редакции Факеров Х. Душанбе, 2011.*
7. *Республика Таджикистан: Анализ сектора высшего образования/ Отчет Всемирного Банка. Душанбе, 2012.*

*8. Содикзода Х.С. Организационно-экономический механизм обеспечения качества образовательных услуг (на примере системы высшего профессионального образования)//Диссертация на соискание учёной степени кандидата экономических наук по специальности 08.00.05 – Экономика и управление народным хозяйством (экономика, организация и управление предприятиями, отраслями, комплексами: сфера услуг). Душанбе, 2018.*

*9. Sianesi B., Van Reenen J. The returns to education // Journal of economic surveys. № 3, Mart, 2002. P. 21-24*

**Қодиров Ш.**

## ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАКРОРИСТЕҲСОЛИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР ШАРОИТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Институти иқтисодиёт ва демографияи**
**Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*Мақола ба таҳлили нақши таҳсилоти олӣ дар ташаккули сармояи инсонии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки новобаста аз дастрас шудани таҳсилоти олӣ барои аксарияти одамон солҳои охир эътирозҳо нисбати сатҳи омода намудани коргарон зиёд мешаванд. Таҳлилҳои муаллиф нишон медиҳанд, ки доираи таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чандон васеъ нест, ҳарчанд, ки шумораи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва донишҷӯёни онҳо ҳамасола афзоиш меёбад.*

***Калидвожаҳо:*** *таҳсилоти олӣ, сармояи инсонӣ, такрористеҳсоли сармояи инсонӣ, доираи таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ.*

**Qodirov Sh.**

## HIGHER EDUCATION AS A FACTOR IN THE REPRODUCTION OF HUMAN CAPITAL IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Institute of Economy and Demography**
**of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan**

*The article is devoted to the analysis of the role of higher education in the formation of the human capital of the Republic of Tajikistan. The author notes that in recent years, complaints about the level of training of workers have been rising, as higher education is becoming more accessible to a wide range of people. Analyzes of the author show that the scale of higher professional education for the Republic of Tajikistan is low, despite the rapid increase in the number of universities and students of higher educational institutions.*

***Key words:*** *higher education, human capital, reproduction of human capital, the scale of higher professional education, universities of the Republic of Tajikistan, students of higher educational institutions.*

УДК 331:325 (575.3)

**Юсуфбеков Ю.Р.,**
**Хоркашов С.П.**

# САЛОҲИЯТИ ИҶТИМОӢ – КАСБӢ ҲАМЧУН МАҲАКИ МУАЙЯНКУНАНДАИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОИИ КАСБӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Институти иқтисодиёт ва демографияи**
**Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ**

*Ҷанбаи иҷтимоӣ - сиёсии роҳи рушди саноатӣ - инноватсионӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон проблемаи сифати таҳсилот ва тайёркунии кадрҳоро рӯзмарра мегардонад. Дар робита бо ин, барои навсозии ҳадафҳо, мазмун ва натиҷаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, муносибати салоҳиятнок асоси муҳим маҳсуб меёбад. Ҳадафи чунин муносибат таъмини сифати тайёркунии коргарони рақобатпазир мебошад, ки дар он фаъолияти муваффақонаи иҷтимоӣ ва касбӣ маҳаки муайянкунандаи натиҷаҳои таҳсилот ба ҳисоб меравад.*

***Калидвожаҳо:*** *системаи донишҳо, маҳорат ва малакаҳо, таҳсилоти ибтидоии касбӣ, низоми арзишҳо, салоҳияти иҷтимоӣ-касбӣ, шарикии иҷтимоӣ, тахассус.*

Тибқи амсилаи муосири таҳсилот, ки он ба ҳаллу фасли масоили рушди инноватсионии иқтисодиёт нигаронида шудааст, навсозии қатъии мазмун ва таркиби таҳсилоти касбӣ, рушди афзалиятноки таҳсилоти ибтидоии касбӣ пешбинӣ гардидааст, ки муносибатҳои навро ба дарксозии илмӣ, созмондиҳӣ ва ташкили раванди таҳсилот талаб менамояд. Ҷанбаи иҷтимоӣ-сиёсии роҳи рушди саноатӣ - инноватсионӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон проблемаи сифати таҳсилотро рӯзмарра мегардонад. Дар робита бо ин, барои навсозии ҳадафҳо, мазмун ва натиҷаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ муносибати салоҳиятнок асоси муҳим маҳсуб меёбад ва ҳадафи он таъмини сифати тайёркунии коргарони рақобатпазир мебошад, ки дар он маҳаки натиҷаҳои таҳсилот фаъолияти муваффақонаи иҷтимоӣ ва касбӣ ба ҳисоб меравад.

Ин нукта дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Парламенти мамлакат тайи солҳои 2012-2018, инчунин Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020, Консепсияи таҳсилоти бефосила барои солҳои 2017-2023 ва дигар ҳуҷҷатҳои аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабулгардида, инъикоси амиқи худро ёфтааст.

Дар солҳои охир талабот аз ҷониби кордиҳандагон нисбат ба хатмкунандагони муассисаҳои давлатии таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ (МДТ ТИК) комилан тағйир ёфтааст. Мураккабгардии таҷҳизоти истеҳсолӣ ва равандҳои технологӣ, талабот ба сатҳи тахассус ва салоҳиятнокии коргари рақобатпазирро баланд мебардорад. Кадрҳои коргарӣ дар шароити навгониҳои технологӣ бояд дорои донишҳои гуногуни техникӣ ва илмӣ бошанд, онҳоро ташаббускорона истифода намоянд, барои таъмини фаъолияти сохтори ба онҳо вогузоргардида ҳисси масъулиятшиносии рушдёфта дошта бошанд, барои аз худ намудани намудҳои нави маҳсулот, технологияҳо, таҷҳизот, касбҳо ва ҷойи нави корӣ омодагӣ гирифта бошанд. Хеле мураккаб гардидани мазмуни функсионалии меҳнат, васеъ намудани доираи касбияти истеҳсолии коргар ва баланд бардоштани сатҳи касбияти ӯро ба миён мегузорад. Сифатҳои коргарони соҳибихтисос, ки дар бозори меҳнат тавсифгари онҳо маҳсуб меёбанд, аз рӯйи ақидаҳои кордиҳандагон инҳоянд: мустақилият, чобукии касбӣ ва гироӣ, маҳорати таҳлили вазъият, идоракунии захираҳо, якҷоя амал кардан ва ҳамкорӣ намудан бо дигар одамон, гурӯҳҳо ва коллективҳо, омодагӣ доштан ба масъулиятнокии шаҳрвандӣ барои қабули қарор ва оқибатҳои фаъолияти касбии худ. Сифатҳои қайдгардида гузаронидани таҳқиқоти махсусро пешбинӣ менамуданд ва мубрамияти онро нишон медоданд.

Таҳқиқот дар охири соли 2017 – аввали соли 2018 гузаронида шуда, вазифаи асосии он муайян намудани нишондиҳандаҳои заминавӣ оид ба индикаторҳо дар қолаби

банақшагирӣ ва назорати (ҚБН) лоиҳа махсуб ёфт. Қисме аз индикаторҳои калидии марбути хатмкардаҳои имрӯзаи литсейҳо ва марказҳои таълими калонсолони (МТК) аз рӯйи курсҳо ва ҷинс ҷудогардида, сатҳи шуғлнокии хатмкунандаҳо, даромади миёнаи моҳона, ҳиссаи коркунони аз рӯйи ихтисос фаъолиятдошта, сатҳи қаноатмандии кордиҳандагон аз салоҳиятнокии хатмкардаҳо, қаноатмандии хатмкардаҳо, волидайн, омӯзгорон аз базаи таълимӣ-методӣ ва дараҷаи ҷиҳозонидани он аз ҷониби таъминкунандагони таҳсилотро фарогир мебошанд. Таҳқиқот инчунин ҷамъоварии фикру мулоҳизаҳои хатмкардаҳои имрӯзаро оид ба манфиати малакаҳои бадастоварда ва вазифаҳои дар пешистодаи онҳо дар робита бо зарурати такмилдиҳии салоҳиятҳои малакавии марбути бокортаъминшавӣ низ пешбинӣ менамуд.

Яке аз хулосаҳои муҳими таҳқиқоти мазкур муқаррар намудани он чиз буд, ки натиҷаи асосии тайёр кардани хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ на фақат системаи донишҳои андӯхта, малака ва маҳорат, балки тавсифи ҳамаҷонибаи интегралӣ маҳсуб меёбад, ки он фарогири натиҷаҳои таълим, системаи арзишҳои ташаккулёфта, неруҳои водоркунанда ва омодагии чобукона барои анҷом додани ин ё он намуди фаъолият ва муносибат, меъёрҳои иҷтимоии рафтор ва азхудкунии механизмҳои ҳамкорӣ бо воқеияти атроф мебошад.

Чунин тавсифи интегралӣ *салоҳиятнокии томи иҷтимоӣ-касбӣ* мебошад, ки ба андешаи мо, бе роҳандозӣ намудани шарикии иҷтимоӣ, ҳамчун шарти таъмини сифати таҳсилоти ибтидоии касбӣ, наметавонад рушд ёбад.

***Салоҳиятнокии иҷтимоӣ-касбӣ – ин навсозии томи шахсияти коргари ояндаест, ки онро системаи ангезаҳои ташаккулёфта, самтгириҳои арзишӣ, хислатҳои шахсӣ, донишҳои функсионалӣ, маҳорат ва малакаҳои даркгардида, ки ҳаллу фасли муваффақонаи масоили ҳамкориҳои иҷтимоӣ, мутобиқгардӣ ва худтатбиққунӣ дар фаъолияти касбиро таъмин мекунанд, муқаррар менамояд.***

*Дар қаринаи таҳқиқоти мо падидаи нави таълимгирандаҳо дар муҳити касбӣ пайдо мешавад ва он иҷрои самарабахши фаъолияти иҷтимоӣ –касбиро таъмин мекунад. Вай шарти омодагӣ ба ҳаллу фасли вазифаҳои иҷтимоӣ ва касбӣ дар қаринаи фаъолиятиояндаи коргар маҳсуб меёбад.*

Аз ҷониби коргарони оянда азхудкунии салоҳияти томи иҷтимоӣ-касбӣ марҳала ба марҳала сурат мегирад ва дар ҳар як марҳала вазифаҳо, мазмун ва натиҷаҳо муайян мегарданд.

Марҳалаи якуми мотиватсионӣ ба ташаккулёбии мотиватсияи даркшудаи касбии коргарони оянда, бавуҷудоварии шавқу рағбат ва майлу хоҳиш ба касби интихобгардида, азхудкунии самтҳои арзишманди иҷтимоӣ ва касбӣ дар раванди таълими назариявӣ ва истеҳсолӣ нигаронида шудааст. Дар ин марҳала таълимгиранда ҳамчун субъекти худмуайянкунандаи арзишманд дар фаъолияти касбии коргар баромад мекунад.

Дар байни салоҳиятҳои нисбатан муҳим, ки бояд шахси кордон аз онҳо бархӯрдор бошад, тибқи ақидаи хатмкунандаҳои пурсидашудаи литсейҳо, инҳо маҳорати муошират, ботадбир будан ва фаъолнокии иҷтимоӣ 42,6% (39,2% аз 314 мардон, 50,7% аз 136 занон); муназзамии шахсӣ, интизомнокӣ, ҷидду ҷаҳд ва сабурӣ, ҳисси масъулиятшиносии рушдёфта 36,9% (39,5% аз 314 мардон, 36,3% аз 136 занон); иқтидори баланди зеҳнӣ 20,4% (21,3% аз 314 мардон, 18,4% аз 136 занон) ба ҳисоб меравaнд.

**Ҷадвали 1. Шахси кордон аз рӯйи касби Шумо дар навбати аввал бояд дорои кадом салоҳиятҳо бошад, бо фоиз**

| | Ҷинс | | Ҳамагӣ N=450 |
|---|---|---|---|
| | Мардҳо N=314 | Занҳо N=136 | |
| Маҳорати муошират (хушхулқӣ) | 26,8 | 41,9 | 31,3 |
| Ботадбирӣ ва фаъолнокии иҷтимоӣ | 12,4 | 8,8 | 11,3 |
| Муназзамии шахсӣ ва интизомнокӣ | 11,8 | 11,0 | 11,6 |
| Ҷидду ҷаҳд ва сабурӣ | 16,6 | 8,8 | 14,2 |
| Иқтидори баланди зеҳнӣ | 21,3 | 18,4 | 20,4 |
| Ҳисси рушдёфтаи вазифаю масъулиятшиносӣ | 11,1 | 11,0 | 11,1 |
| **Ҳамагӣ** | **100** | **100** | **100** |

Натиҷаҳои марҳалаи якум самтгирии огоҳонаи касби интихобнамуда; мотиватсияи ташаккулёфта нисбат ба фаъолияти касбӣ ва худтатбиққунӣ дар шароити муосири иҷтимоӣ – иқтисодии истеҳсолӣ; муносибати мусбӣ ба ҷанбаҳои аҳамиятноки фаъолияти оияндаи касбӣ ва робитаҳои байнишахсӣ дар гурӯҳҳои касбӣ маҳсуб меёбанд.

Марҳалаи дуюми ташаккулёбии салоҳиятнокии иҷтимоӣ - касбӣ ба азхудкунии системаи донишҳои функсионалӣ, маҳорату малакаҳо ва амалҳои даркшуда, аз он ҷумла усулҳои ҳамкориҳо ва муносибатҳо дар раванди таълими назариявӣ ва истеҳсолӣ дар ҷараёни иҷроиши вазифаҳои таълимӣ - касбӣ нигаронида шудааст. Тавре ки қайд гардид, дар ин марҳала таълимгиранда ҳамчун субъекти фаъолияти томи касбии коргар баромад мекунад.

Тибқи ақидаи 27,6 фоизи пурсидашудагон (27,4% аз 314 мардон, 27,9% аз 136 занон) малакаи кор бо иттилоот ва барномаҳои компютерӣ барои муваффақ гардидан дар фаъолияти оияндаи касбӣ афзалият дорад. Малакаи кор дар гурӯҳро 22,4 фоиз аз теъдоди пурсидашудагон (23,9% аз 314 мардон, 19,1% аз 136 занон) барои муваффақ гардидан муҳим мешуморанд, 26 фоизи пурсидашудагон (24,8% аз 314 мардон, 28,7% аз 136 занон) бошанд, барои муваффақиятҳои оянда дар фаъолияти касбӣ малакаи худомӯзӣ дар тӯли ҳаётро омили асосӣ меҳисобанд. Маҳорати дарёфти муносибат бо инсон ва ҳавасмандгардонии фаъолияти ӯ, малакаи таҳлили вазъ ва коркарди қарорҳо барои 24 фоизи пурсидашудагон (23,9% аз 314 мардон, 24,3% аз 136 занон) асосӣ ба ҳисоб меравнд. Гап дар сари он аст, ки дар зиндагӣ истифодабарии малакаю маҳоратҳои номбурда, чун қоида, аз тариқи ба ҳам печидан ё ҳамбастагии онҳо сурат мегирад. Барои ҳамин, истифодабарии як қатор малакаву маҳоратҳо ба таври инфиродӣ намегузарад.

Натиҷаи марҳалаи дуюм қисми ташаккулёфтаи маърифатии фаъолияти томи касбии коргари оянда мебошад.

Дар марҳалаи сеюм вазифаҳои такмилдиҳии фаъолияти томи касбии коргари оянда, омодагии ӯ ба иҷрои вазифаҳои тағйирпазири ҳамкории иҷтимоӣ дар фаъолияти касбӣ; муваффақгардӣ ба сатҳи баланди қисми амалиётӣ - фаъолиятнокии салоҳиятнокии иҷтимоӣ - касбӣ тавассути озмудани худ ҳамчун шахси кордон дар шароити воқеии касбӣ, дар кор бо таҷҳизоти ҳозиразамон, бо истифода аз технологияи нави истеҳсолӣ, мавриди ҳаллу фасл қарор дода мешаванд.

Таълимгиранда дар марҳалаи мазкур ба сифати субъекти худрушдёбанда ва худтакмилёбанда дар фаъолияти касбӣ ва фаъолияти муроқибаи касбӣ баромад мекунад.

Тибқи ақидаи 35,3 фоизи пурсидашудагон (34,4% аз 314 мардон, 37,5% аз 136 занон) дониши амиқ дар соҳаи фаъолияти касбӣ барои касби интихобнамуда хеле муҳим ба ҳисоб меравад. Эътирофи сарварӣ, обрӯ ва эҳтиром дар ташкилот, имкони болоравии мансабӣ ва мақоми иҷтимоии кор, дар маҷмӯъ ҷиҳати интихоби касб барои 36,2 фоизи хатмкунандагони пурсидашуда (38% аз 314 мардон, 32,4% аз 136 занон) хеле муҳим дониста шудаанд. Дар баробари ин, 28,4 фоизи пурсидашудагон (27,7% аз 314 мардон, 30,1% аз 136 занон) некӯаҳволии ҳаёти шахсиро бо арзишҳое, ки барои интихоби касб нисбатан муҳим мебошанд, алоқаманд медонанд.

**Ҷадвали 2. Афзалияти кадом малакаҳо ва маҳоратҳои касбӣ муваффақияти фаъолияти оияндаи касбиро муайян мекунад?**

| | | Ҷинс | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|
| | | Мардҳо N=314 | Занҳо N=136 | N=450 |
| Афзалияти кадом малакаҳо ва маҳоратҳои амалӣ муваффақияти фаъолияти касбии оияндаро муайян мекунад? | Маҳорати дарёфти муносибат ба инсон ва ҳавасмандгардонии фаъолияти ӯ | 21,0% | 22,1% | 21,3% |
| | Малакаи кор бо иттилоот ва барномаҳои компютерӣ | 27,4% | 27,9% | 27,6% |
| | Маҳорати кор дар гурӯҳ | 23,9% | 19,1% | 22,4% |
| | Малакаи худомӯзӣ дар тӯли ҳаёт | 24,8% | 28,7% | 26,0% |
| | Малакаи таҳлили вазъ ва коркарди қарорҳо | 2,9% | 2,2% | 2,7% |
| Ҳамагӣ | | 100,0% | 100,0% | 100,0% |

**Диаграммаи 1. Кадом арзишҳо барои касби интихобнамудаи Шумо муҳимтаранд?**




Посухҳо ба саволи мазкур аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки пурсидашудагон арзишҳоеро эътироф мекунанд, ки онҳо дар ҷаҳони муосир на ҳамеша афзалият доранд. Аммо, донишҳои андӯхтаро бе мавҷудияти малакаҳо дар ҷойи кор самаранок истифода бурдан ғайриимкон аст. Ҳамагон мехоҳанд ҳурмату обрӯ, имкони болоравии мансаб ва эътирофи сарварӣ дошта бошанд, вале ин ҳамаро фақат бо як дониши андӯхта соҳиб шудан аз доираи имкон берун мебошад. Аз ин мебарояд, ки арзишҳои дар хонаву макотиб талқиншаванда бояд тағйироти ҷиддӣ бипазиранд.

Натиҷаи марҳалаи сеюм омодагии коргари оянда ба худтатбиққунии муваффақона дар фаъолияти касбӣ, иҷрои вазифаҳои маъмулӣ ва ғайримаъмулӣ, ба роҳ мондани ҳамкориҳо дар гурӯҳҳои касбӣ мебошад.

Натиҷаи интегралии раванди ташаккулёбии салоҳиятнокии иҷтимоӣ - касбӣ, шахсияти азнавташаккулёфтаи коргари оянда маҳсуб меёбад.

Дар замони ҳозира тамоюли рушди иқтисоди ҷумҳурӣ қатъиян ба раванди ташаккулёбӣ ва навсозии низоми таҳсилоти ибтидоии касбӣ таъсиргузор мебошад, инчунин дар назди муассисаҳои таълимӣ вазифаи нав - тайёр намудани мутахассисон тибқи дархости кордиҳандагон бо дарназардошти мавҷудияти салоҳиятҳо (касбӣ, ҳаматарафа, калидӣ) мегузорад. Чунин вазифагузорӣ дар баробари ҳаллу фасли масоили ҷанбаи иқтисодидошта, имкони баланд гардидани мақоми иҷтимоӣ, ҳифзати иҷтимоии хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбиро (МТ ТИК) фароҳам меорад. Иҷрои вазифаҳои дар боло зикргардида дар сурати мавҷудияти системаи муназзами шарикии иҷтимоӣ ва фаъолияти босамари он имконпазир мебошад.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Консепсияи таҳсилоти бефосила барои солҳои 2017-2023 шароитҳои нави фаъолият намудани низоми таҳсилот ва масъулияти шарикони иҷтимоӣ дар самти ноилшавӣ ба сифати баланди таҳсилот инъикос гардидаанд. Дар қатори вазифаҳои асосии давлат дар соҳаи маориф иҷрои вазифаҳои зайл ба миён гузошта мешавад: ҷалби кордиҳандагон ба шарикии иҷтимоӣ ва ташкили раванди таҳсилоти касбӣ бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи бозори меҳнат бо кадрҳои соҳибихтисоси коргарӣ.

Зимни муҳокимаи масъала оид ба салоҳиятҳои касбии хатмкардаҳое, ки айни замон дар корхонаҳо кор мекунанд ё пештар кор мекарданд, 51,3 фоизи кордиҳандагон (48,6% аз 109 мардон, 57,4% аз 47 занон) ҷонибдори ақида роҷеъ ба сатҳи қаноатбахши салоҳиятҳои онҳо ҳастанд, 34 фоизи пурсидашудагон (33% аз 109 мардон, 36,2% аз 47 занон) салоҳиятҳои касбии хатмкардаҳоро мусбӣ арзёбӣ мекунанд.

Дар баробари ин, 14,7 фоизи кордиҳандагони пурсидашуда (18,3% аз 109 мардон, 6,4% аз 47 занон) роҷеъ ба салоҳиятҳои касбии хатмкардаҳои дар корхонаҳои онҳо фаъолиятдошта ақидаи манфӣ иброз намуданд. Ин бо ҷавобҳои онҳо дар бораи сатҳи тахассуси хатмкардаҳои марказҳои таълими калонсолон (МТК) низ муроқиба дорад.

**Диаграммаи 2.Фикри Шумо дар бораи салоҳиятнокии касбии хатмкардаҳо, ки дар корхонаи Шумо айни замон кор мекунанд ё пештар кор мекарданд?**




**Ҷадвали 3.Камбудиҳои асосии салоҳиятҳои касбиро номбар кунед, ки Шумо зимни кор бо хатмкардаҳои марказҳои таълими калонсолон (МТК) бо онҳо дучор гардидаед, бо фоиз**

| Камбудиҳои асосии салоҳияти касбиро номбар кунед, ки Шумо дар вақти кор бо хатмкардаҳои литсейҳо бо онҳо дучор гардидаед | Ҷинси роҳбари муассиса | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| | Мардон N=109 | Занон N=47 | N=156 |
| бемасъулият ҳастанд | 13,8 | 14,9 | 14,1 |
| ба талаботи мо мутобиқ нестанд | 8,3 | 4,3 | 7,1 |
| таҷриба надоранд | 16,5 | 14,9 | 16,0 |
| малакаи амалӣ надоранд | 16,5 | 17,0 | 16,7 |
| малакаи бо техникаи муосир кор карданро надоранд | 15,6 | 17,0 | 16,0 |
| камбудӣ надоранд | 15,6 | 21,3 | 17,3 |
| ҷавоб надорам | 13,8 | 10,6 | 12,8 |
| **Ҳамагӣ** | **100,0** | **100,0** | **100,0** |

Сабабҳои асосии заъфи салоҳиятҳои касбии хатмкардаҳои марказҳои таълими калонсолон (МТК) – инҳо ба талабот ҷавобгӯ набудан, норасоии таҷриба ва малакаҳои умумии амалии кор, аз он ҷумла набудани малакаи кор бо техникаи муосир, мебошанд. Инро 55,8 фоизи теъдоди кордиҳандагони пурсидашуда (56,9% аз 109 мардон, 53,2% аз 47 занон) баён намуданд. Инчунин, ҳолатҳои рафтори бемасъулиятонаи хатмкардаҳо қайд гардиданд, ки ин аз нокифоя будани салоҳиятҳои касбии хатмкунандагон гувоҳӣ нишон медиҳад. Чунин ақидаро 14,1 фоизи кордиҳандагони пурсидашуда (13,8% аз 109 мардон, 14,9% аз 47 занон) ҷонибдорӣ мекунанд. Вале мисолҳои мусбӣ низ вомехӯранд. Масалан, 17,3 фоизи пурсидашудагон (15,6% аз 109 мардон, 21,3% аз 47 занон) ягон камбудиро дар салоҳиятҳои касбии хатмкардаҳои марказҳои таълими калонсолон намебинанд.

Дар мавриди салоҳиятҳои умумифарҳангии хатмкардаҳо 61,5 фоизи кордиҳандагони пурсидашуда (57,8% аз 109 мардон, 70,2% аз 47 занон) онҳоро қаноатбахш ҳисобиданд. Ба салоҳиятҳои умумифарҳангии хатмкардаҳо 27,6 фоизи пурсидашудагон (28,4% аз 109 мардон, 25,5% аз 47 занон) баҳои мусбӣ доданд. Ҳамагӣ 10,9 фоизи кордиҳандагони пурсидашуда (13,8% аз 109 мардон, 4,3% аз 47 занон) оид ба салоҳиятҳои умумифарҳангии хатмкардаҳо ақидаи манфӣ баён карданд.

Қайд кардан зарур аст, ки сабабҳои асосии камбудиҳои дар салоҳиятҳои умумифарҳангӣ ҷойдошта ҳамсони камбудиҳои дар дигар салоҳиятҳо ҷойдошта мебошанд. Инҳо набудани таҷриба кор ва малакаҳои амалӣ, малакаи кор бо техникаи муосир ҳастанд. Чунин камбудиҳоро 32,6 фоизи пурсидашудагон (34,9% аз 109 мардон, 27,7% аз 47 занон) нишон додаанд.

**Диаграммаи 3. Фикри Шумо дар бораи салоҳиятнокии умумифарҳангии хатмкардаҳои литсей (МТК), ки дар корхонаи Шумо айни замон кор мекунанд ё пештар кор мекарданд?**




Сатҳи пасти фарҳанги муошират ва надоштани маҳорати кор кардан дар гурӯҳро 10,9 фоизи (6,4% аз 109 мардон, 21,3% аз 47 занон) кордиҳандаҳои пурсидашуда қайд намуданд. Аз кордиҳандагони пурсидашуда 19,2 фоизи (19,3% аз 109 мардон, 19,1% аз 47 занон) онҳо ягон камбудиро дар салоҳияти умумифарҳангии хатмкунандагон надидаанд. Тааҷҷубовар он аст, ки чунин саволи муҳимро 36,5 фоизи (38,5% аз 109 мардон, 31,9% аз 47 занон) кордиҳандагони пурсидашуда, ё худ, беш аз сеяки онҳо беҷавоб мондаанд. Дар ин ҷо камаҳамиятӣ ба муҳиммияти салоҳиятҳои умумифарҳангӣ дар истеҳсолот ё нафаҳмидани онҳо ошкоро ба назар мерасад.

Сатҳи ҳозиразамони рушди илм ва техника, инчунин рақобати шадид дар бозори меҳнат, кордиҳандагонро маҷбур месозанд, ки корхонаҳоро бо таҷҳизоту технологияҳои баланд аз нав муҷаҳҳаз гардонанд. Ин дар навбати худ аз муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ (ТИК) сифати боз ҳам баландтари омодагардонии касбии хатмкунандагонро тақозо менамояд. Бо вуҷуди ин, талабот ба сифати таҳсилоти хатмкунандагони низоми ТИК асосан тибқи стандартҳои давлатии таҳсилот (ГОС) ба тартиб даровarда мешавад, ки мазмуни онҳо то кунун на ба салоҳиятҳо (касбӣ, мутаҳаррикӣ, калидӣ), балки ба азхудкунии воҳидҳои дидактикӣ нигаронида шудааст, Яъне, мазмуни ГОС ТИК талаботи зудтағйирёбандаи бозори меҳнат ба коргарони босалоҳияти соҳибкасбро ба инобат намегирад.

Дар айни замон талаботи баланди истеҳсолоти муосир ба сифати таҳсилоти касбии кадрҳои боихтисоси коргарӣ аз як тараф ва ғайримкон будани таъмини ин талаботҳо фақат аз ҳисоби иҷрои стандартҳои давлатии таҳсилоти ТИК аз тарафи дигар, ҷой дорад.

Таҳқиқоти вазъи тайёркунии кадрҳо (ВТК) ҳамчун яке аз воситаҳои таъмини сифати таҳсилоти ибтидоии касбии ТИК бо як қатор сабабҳо ба масъалаи мубрами рӯз табдил ёфтааст. Аз охири солҳои 80-ум сар карда, рушди интенсивӣ ғояи идоракунии умумии сифатро (Total Quality Management - TQM) касб намудааст. Ин консепсия татбиқи ҳамаҷониба, ҳадафманд ва хеле хуб ҳамоҳангсохтаи системаҳо ва методҳои идоракунии сифатро дар тамоми соҳаҳои фаъолият пешбинӣ мекунад. Идоракунии умумии сифат дурнамои роҳбарии раванди таъмини сифат маҳсуб меёбад. Системаи номбурда аз ибтидои солҳои 90-ум фаъолона ба соҳаҳои таҳсилот ва тайёркунии кадрҳо рӯй овардааст.

***Салоҳият – ин мувофиқаи якҷояи дониш, маҳорат, таҷриба ва ҳадафҳо, ки ба инсон имкони фаъолият намудан дар вазъияти шинос ва ношиносро медиҳад.***

Барои ошкор сохтани моҳияти мафҳуми муосири «сифати таҳсилоти касбӣ» се намуди асосии салоҳиятҳоро фарқ кардан муҳим аст: касбӣ (техникӣ), ҳаматарафа (мутаҳаррикӣ) ва калидӣ (заминавӣ).

Салоҳиятҳои касбӣ ё техникӣ ба соҳаи фаъолияти касбӣ дохил мешаванд. Салоҳиятҳои мутаҳаррикӣ ба салоҳиятҳои иҷтимоӣ, коммуникативӣ ва дигар салоҳиятҳо дохил шуда, барои фаъолияти самараноки меҳнатӣ дар доираи гуногуни касбҳо ва соҳаҳо зарур мебошанд. Салоҳиятҳои калидӣ (заминавӣ) дар марҳалаҳои хеле барвақти ҳаёти инсон ба ташаккулёбӣ оғоз мекунанд. Ба онҳо дохил мешаванд: савод ва ҳисоб, маҳорати мутолиа, маҳорати ҷустуҷӯ ва батартибдарории иттилоот, масъулият барои сифати кор ва омӯзиш, маҳорати ҳаллу фасли проблемаҳо, маҳорати ҳамкорӣ ва кор кардан дар коллектив, маҳорати коммуникативӣ бо фарогирии маҳорати гӯш кардан, маҳорати бо забони хориҷӣ муошират намудан. Зимни таҳлили мазмуни салоҳиятҳои касбӣ, калидӣ ва салоҳиятҳои мутаҳаррикӣ мо ягонагии диалектикии онҳоро муайян намудем: вобаста ба махсусиятҳои фаъолияти касбӣ, салоҳиятҳои калидӣ метавонанд ба дараҷаи салоҳиятҳои муҳаррикӣ ва салоҳиятҳои муҳаррикӣ ба дараҷаи салоҳиятҳои касбӣ гузаранд.

*Бо дарназардошти гуфтаҳои фавқулзикр, ба хулоса меоем, ки салоҳияти иҷтимоӣ-касбӣ ҷавҳари ҳамаи се салоҳияти қайдгардида мебошад.*

Дар заминаи таҳлили мафҳумҳо ва арзёбии мафҳумҳои «сифат», «сифати таҳсилот» ва «салоҳиятҳо» ҳамчун нишондиҳандаи сифати таҳсилот, мо дар таҳқиқоти худ ба хулоса омадем, ки сифати таҳсилоти ибтидоӣ – ин маҷмӯи салоҳиятҳоест, ки қобилияти муваффақона пеш бурдани фаъолияти касбии хатмкунандаро мутобиқи шароити тағйирёбандаи бозори меҳнат, инчунин мутобиқати мутавозуни таҳсилоти касбӣ ҳамчун:

- натиҷаи тавассути салоҳиятҳо (касбӣ, ҳаматарафа, калидӣ) ифодаёфта;
- раванди ба ташаккулёбии салоҳиятҳо нигаронидашуда;
- системаи таҳсилоти ҷавобгӯйи талаботи гуногун, ҳадафҳо, мақсадҳо, талаботҳо, меъёрҳо ва стандартҳо муайян мекунад.

Масъалаҳои марбути тайёр кардани кадрҳои соҳибхтисоси коргарӣ ва таъмини сифати таҳсилоти касбӣ, ки талаботи кордиҳандагонро ба салоҳиятҳои рӯзмарра ба эътибор мегирад, метавонанд фақат дар асоси шарикии иҷтимоӣ ҳаллу фасл гарданд.

**Адабиёт**


*1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018.*

*2. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2018. – Душанбе, 2018.*

*3. Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон . – Душанбе, 2018.*

*4. Дж. Куддусов, Н. Курбанов. Оценка потребности в компетенциях. - Душанбе, «Ирфон», 2015.*

*5. Экономический и научно-технический потенциал инновационного развития Республики Таджикистан: современное состояние, проблемы, перспективы развития. - Душанбе, 2018.*

*6. Макроэкономические пропорции и механизмы экономического роста в Республике Таджикистан (проблемы и основные направления совершенствования). – Душанбе, 2016.*

*7. Рахимов Р.К., Довгялло Я.П., Юсуфбеков Ю.Р. Исследование динамики и структуры добавленной стоимости в контексте инновационного развития экономики Республики Таджикистан. – Душанбе, 2017.*

*8. Рахимов Р.К., Довгялло Я.П. Предпосылки инновационного развития экономики Республики Таджикистан. – Душанбе, 2018.*

*9. Республика Таджикистан на пути к открытой экономике: очерки эконометрического анализа. – Душанбе, 2018.*

**Юсуфбеков Ю.Р.,**
**Хоркашов С.П.**

# ОЦИАЛЬНО-ПРОФЕССИОНАЛЬНАЯ КОМПЕТЕНЦИЯ КАК КРИТЕРИЙ ОПРЕДЕЛЕНИЯ КАЧЕСТВА НАЧАЛЬНОГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Институт экономики и демографии**
**Академии наук Республики Таджикистан**
**НИИ труда, миграции и занятости населения**

*Социально-политический аспект индустриально-инновационного пути развития для Республики Таджикистан актуализирует проблему качества образования и подготовки кадров. В связи с этим, важным основанием для обновления целей, содержания и результатов начального профессионального образования является компетентностный подход, цель которого состоит в обеспечении качества подготовки конкурентоспособных рабочих, где критерием образовательных результатов выступает его успешная социальная и профессиональная деятельность.*

**Ключевые слова:** *система знаний, умений и навыков, начальное профессиональное образование, система ценностей, социально-профессиональная компетентность, социальное партнерство, квалификация.*

**Yusufbekov Y.R.,**
**Khorkashov S.P.**

# SOCIO-PROFESSIONAL COMPETENCE AS A CRITERION FOR DETERMINING THE QUALITY OF PRIMARY VOCATIONAL EDUCATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Institute of Economics and Demography**
**of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan**
**Research Institute of Labour,**
**Migration and Employment of Population**

*Socio-political aspect of industrially innovative development path for the Republic of Tajikistan actualizes the problem of quality of education and training. In this regard, an important reason for updating the objectives, contents and results of primary vocational education is a competence approach, the purpose of which is to ensure the quality of training for competitive workers where the criterion of the educational results is his successful social and professional activity.*

**Key words:** *system of knowledge, abilities and skills, primary vocational education, system of values, social and professional competence, social partnership, qualification*

УДК 37.014.54:316.4.066 Рашидова Д. Д.

# ОСОБЕННОСТИ НЕЦЕНОВОЙ ДЕТЕРМИНАНТЫ РЫНКА ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УСЛУГ

**Технологический Университет Таджикистана**

*В статье анализируется закономерность рыночной трансформации сферы высшего образования и развития рынка образовательных услуг в Республике Таджикистан. Обосновывается, что рынок образовательных услуг как структурное звено рынка услуг выступает в системе взаимодействий с рынками труда, информационными ресурсами, социально-значимыми услугами, государственными услугами и т.д. В связи с этим, главный акцент делается на исследование роли и места специфической неценовой детерминанты, которая влияет на спрос и предложение образовательных услуг. Анализируется влияние неценовой детерминанты на конъюнктуру образовательных услуг, а также на процесс осуществления диверсификации образовательных программ.*

***Ключевые слова:*** *образование, рынок образовательных услуг, спрос и предложение, неценовые детерминанты государства, государственные расходы, человеческий капитал, информационные технологии, системы дистанционного образования и т.д.*

История экономического развития доказала, что экономический рост любой страны зависит напрямую от человеческого потенциала. Именно человеческий капитал определяет динамику развития экономки страны, уровень ее конкурентоспособности на мировом рынке. Поэтому, в экономической литературе на «основе выводов Дугласа и Солоу были сформулированы так называемые рецепты экономического развития: «вложения в человеческий капитал» — труд — дают больший эффект в увеличении производства, чем рост средств производства (капитал) [1]. Те страны, которые имеют высокий уровень человеческого капитала т.е. высококвалифицированных специалистов, производящих и предлагающих на рынок (как на внутренний, так и на внешний) более качественные товары и услуги. Проблема увеличения человеческого капитала неразрывно связана не только с ролью государства в построении образовательной сферы, но с формированием и развитием рынка образовательных услуг и, прежде всего, осознанной потребностью и спросом населения страны. В результате осуществления реформ и рыночной трансформации социально-экономичес-кой жизни общества Республики Таджикистан в сфере образования, идёт развитие рыночных отношений и рынка образовательных услуг. Рынок образовательных услуг как структурное звено рынка услуг выступает в системе взаимодействий с рынками труда, информации, товаров народного потребления и т.д. Рынок образовательных услуг наряду с общими характеристиками, которые присущи любому товарному рынку и рынку услуг, имеет ряд специфических особенностей.

Прежде всего, имеем специфические неценовые детерминанты, которые влияют на спрос и предложение образовательных услуг. Проведём анализ влияния неценовых детерминант на рынок образовательных услуг. Детерминанты как уровень альтернативности, являются производными факторами и зависят от технологии и цены на ресурсы, которые направляют вектор развития производственной базы вузов, образовательных услуг. Учреждения высшего профессионального образования в целях создания большего разнообразия и расширения ассортимента предлагаемых образовательных услуг осуществляют диверсификацию образовательных программ. Диверсификация особую роль играет в развитии системы дополнительного профессионального образования, переподготовке и повышении квалификации большого количества специалистов, руководителей, а также безработные, бывших военнослужащих, иммигрантов и переселенцы. В современных условиях активизируется интернационализация сервисного производства, развиваются информационные технологии и системы дистанционного образования. Эти процессы оказываю существенное влияние на рынок образовательных услуг. Поэтому, в настоящее время существует реальная возможность присутствия обра-

зовательных услуг, производимых в разных странах мира и на отечественном рынке услуг высшего профессионального образования. Это и усиливает процесс диверсификации образовательных услуг и программ вузов.

В связи с этим, особенности спроса на рынке образовательных услуг обусловлены уровнем причастности (детерминантных) к сервисному производству. Поскольку развитие информационных технологий и систем дистанционного образования видоизменяет контакт производителя и потребителя, и тем самым, расширяет спрос на различные виды образовательных услуг вузов. Например, наблюдается рост спроса на специальные курсы в сферах экономики, иностранных языков, информационных технологий, которые исходят из уровня изменения индивидуализации сервисного производства на рынке образовательных услуг.

Сформулированная для выполнения поставленной задачи математическая модель является приростной: в качестве важнейшего вида внешней информации выступает предполагаемый прирост производственной нагрузки на регион. Этот прирост может быть достигнут как путем расширения действующих предприятий, так и путем нового строительства. В модели рассматривается та часть нагрузки, которая выполняется новыми предприятиями. Вместе с тем, при формировании ресурсных ограничений учитывается, что часть ресурсов, которыми располагает район, потребляется действующим производством с учетом его развития, что, соответственно, уменьшает возможности нового строительства.

Модель является дискретной, основывающейся на типовых мощностях размещаемых предприятий. Как известно, после применения непрерывных моделей размещения требуется выполнение дополнительного этапа, оптимально распределяющего полученные в результате расчетов объемы производства по типо-

вым мощностям. При этом обычно снижается, хотя и в небольшой степени, точность расчетов. Дискретность нашей модели позволяет избежать этого этапа и сразу достигнуть оптимальных мощностей.

Апробируемая модель состоит из трех блоков: отраслевого, ресурсного и агломерационного. В отраслевом блоке учитывается территориальная дифференциация затрат на производство продукции, вызванная дифференциацией условий производства по пунктам региона, а также транспортные издержки и затраты на инфраструктуру. Отраслевая специфика производств, отражающая технико-экономические показатели размещения, с одной стороны, и внутрирайонные различия условий производства, с другой, вызывают тяготение предприятий к тем или иным пунктам размещения. Количественная оценка этого тяготения выражается в том, что для каждого отдельного предприятия можно указать один пункт (реже – несколько), в котором затраты на производство продукции будут минимальными. При выборе этого пункта – изолированного отраслевого оптимума – не принимается во внимание влияние остальных предприятий-претендентов. С позиций системного анализа можно сказать, что в отраслевом блоке учитываются лишь индивидуальные факторы размещения, учет системных факторов осуществляется в остальных блоках модели.

Ресурсный блок модели включает так называемые локальные ресурсы, то есть ресурсы, оценки которых скачкообразно изменяются по мере увеличения расхода ресурса (ресурсы с линейной функцией затрат учитываются в отраслевом блоке).

Агломерационный блок модели предназначен для учета положительного агломерационного эффекта, т.е. экономии затрат благодаря совместному размещению предприятий по сравнению с изолированным их строительством.

Целевой функцией модели является сумма отраслевых затрат, ресурсных затрат, а также агломерационная экономия затрат.

В апробируемой модели участвует лишь положительный агломерационный эффект. Отрицательный агломерационный эффект, возникающий из-за чрезмерной концентрации производств в одном пункте ( что может привести к ухудшению экологической обстановки, социальных условий жизни и другим негативным явлениям ), подход к моделированию которого был предложен в нашей работе [5], включить не удалось из-за отсутствия необходимой информации. Также не удалось найти информацию о нелинейных затратах на инфраструктуру, вследствие чего эти затраты учитывались традиционным линейным образом в отраслевом блоке.

Результаты расчетов

Прежде чем приступить непосредственно к апробации модели, необходимо было выбрать регион. Основным критерием выбора являлось наличие и доступность необходимой информации, в том числе об агломерационном эффекте сочетаний производств и о скачках в оценках ресурсов по мере увеличения размеров их использования. С этой точки зрения наиболее подходящей оказалась территория южной части Австралии, входящая в состав штата, который так и называется Южная Австралия.

Исходя из отраслевых предложений по новому строительству и планов регионального совета по экономическому развитию, был сформирован перечень предприятий (производств), намеченных к размещению на территории региона, но не имеющих жесткой привязки к каким-либо населенным пунктам. В этот перечень вошли 22 предприятия (производства), представляющих главным образом отрасли машиностроения и легкой промышленности, а также микробиологическую, деревообрабатывающую и местную промышленность. Было сформировано 6 комбинаций производств с наибольшими агломерационными эффектами. Исходя из отраслевых особенностей производств, учитывая потребности и возможности того или иного населенного пункта, были отобраны 19 потенциальных пунктов размещения.

С целью выявления степени влияния на размещение производства тех или иных факторов, расчеты проводятся в 3 этапа.

На первом учитывается ограниченность ресурсов в отдельных пунктах, и эти ресурсы оптимально распределяются между предприятиями-претендентами. Данный этап в какой-то мере соответствует подходу регионального совета по экономическому развитию этой территории. Нелинейность ресурсных затрат и агломерационный эффект здесь во внимание не принимаются. Результаты первого этапа (табл. 1) необходимы в качестве исходной базы для последующего анализа влияния остальных факторов размещения.

На втором этапе расчетов выявляется влияние нелинейных затрат на ресурсы, то есть определяются изменения в схеме размещения, полученной на первом этапе, обусловленные нелинейностью ресурсных затрат. Результаты второго этапа приведены ниже.

**Таблица 1. Схема размещения на первом этапе расчетов**

| | Пункты размещения | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Предприятия | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 |
| 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | x | | |
| 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | x | |
| 3 | | x | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 4 | | | x | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 5 | x | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 6 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | x |
| 7 | | | | | | | | | x | | | | | | | | | | |
| 8 | | x | | | | | | | | | | x | | | | | | x | |
| 9 | | | | | | | | x | | | | | | | | | | | |
| 10 | | | | | | | | x | | | | | | | | | | | x |
| 11 | | | | | | | | | | | | | | | x | | | | |
| 12 | | | | | | | | | | | | | | | | x | | | |
| 13 | | | | | | x | | | | | | | | | | | | | |
| 14 | | | | | | | | | x | | | | | | | | | | |
| 15 | | | | | | | | | | | | | x | | | | | | |
| 16 | | | | x | | | | | x | | | | | | x | | x | | |
| 17 | | | | | | | | | | | | | | | | x | | | |
| 18 | | | | | | | | | | | | | | x | | | | | |
| 19 | x | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 20 | | | | | | | | | | | | | | | | | | x | |
| 21 | | | | | | | | | | | | | | x | | | | | |
| 22 | | | | | | | | | | | | | | | | x | | | |

**Таблица 2. Схема размещения на втором этапе расчетов**

| | Пункты размещения | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Предприятия | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 |
| **1*** | | | | | | | x | | | | | | | | | | | | |
| 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | x | |
| 3 | | x | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 4 | | | x | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 5 | x | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 6 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | x |
| 7* | | | | | | x | | | | | | | | | | | | | |
| 8 | | x | | | | | | | | | | x | | | | | | x | |
| 9 | | | | | | | | x | | | | | | | | | | | |
| 10 | | | | | | | | x | | | | | | | | | | | x |
| **11*** | x | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **12*** | | | x | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 13 | | | | | | x | | | | | | | | | | | | | |
| 14 | | | | | | | | | x | | | | | | | | | | |
| 15 | | | | | | | | | | | | | x | | | | | | |
| 16 | | | | x | | | | | x | | | | | | x | | x | | |
| 17 | | | | | | | | | | | | | | | | x | | | |
| 18 | | | | | | | | | | | | | | x | | | | | |
| **19*** | | | | x | | | | | | | | | | | | | | | |
| **20*** | | | | | x | | | | | | | | | | | | | | |
| **21*** | | | | | | x | | | | | | | | | | | | | |
| 22 | | | | | | | | | | | | | | | | x | | | |

Из таблицы 2 видно, что 7 предприятий, выделенных символом *, изменили пункт размещения вследствие изменений в оценках ресурсов.

На третьем этапе расчетов, помимо нелинейных затрат на ресурсы учитывается также агломерационный фактор, т.е. определяются изменения в схеме размещения, полученной на втором этапе, обусловленные агломерационным эффектом. Результаты расчетов представлены следующей таблицей.

Таблица 3 дает окончательную схему размещения. Из таблицы видно, что 8 предприятий, выделенных символом *, поменяли пункт размещения благодаря агломерационному фактору.

Приведенные таблицы являются стандартным способом представления результатов расчетов по традиционным одноэтапным моделям размещения производства. В нашем случае имеет место поэтапное проведение расчетов, и необходим одновременный анализ трех таблиц. Но поскольку одновременно анализировать три таблицы неудобно, мы решили свести все три таблицы в одну, позволяющую в более удобной форме отследить изменения в размещении производств в зависимости от этапа расчетов.

С этой целью обозначим: **п** – размещение на первом этапе расчетов, **в** - размещение на втором этапе, **т** - размещение на третьем этапе. Тогда следующая таблица позволяет увидеть все три этапа одновременно.

**Таблица 3. Схема размещения на третьем этапе расчетов**

| | Пункты размещения | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Предприятия** | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 |
| **1*** | х | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **2*** | | | | | | | | | | | | | | | | | х | | |
| 3 | | х | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 4 | | | х | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 5 | х | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **6*** | х | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **7*** | х | | | | | х | | | | | | | | | | | | | |
| 8 | | х | | | | | | | | | | х | | | | | | х | |
| **9*** | | | | | | | | | | | | | | | | | х | | |
| 10 | | | | | | | | х | | | | | | | | | | | х |
| **11*** | | | | х | | | | | | | | | | | | | | | |
| 12 | | | х | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 13 | | | | | | х | | | | | | | | | | | | | |
| 14 | | | | | | | | | х | | | | | | | | | | |
| **15*** | | | | | | | | х | | | | | | | | | | | |
| 16 | | | | х | | | | | х | | | | | | х | | х | | |
| 17 | | | | | | | | | | | | | | | | х | | | |
| 18 | | | | | | | | | | | | | | х | | | | | |
| **19*** | | | | | | | | х | | | | | | | | | | | |
| 20 | | | | | х | | | | | | | | | | | | | | |
| 21 | | | | | | х | | | | | | | | | | | | | |
| 22 | | | | | | | | | | | | | | | | х | | | |

**Таблица 4. Сводная таблица результатов расчетов**

| | Пункты размещения | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Предприятия** | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 |
| 1 | т | | | | | | в | | | | | | | | | | п | | |
| 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | т | п | |
| 3 | | п | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 4 | | | п | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 5 | п | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 6 | т | | | | | | | | | | | | | | | | | | п |
| 7 | т | | | | | в | | | п | | | | | | | | | | |
| 8 | | п | | | | | | | | | | п | | | | | | п | |
| 9 | | | | | | | | п | | | | | | | | | т | | |
| 10 | | | | | | | | п | | | | | | | | | | | п |
| 11 | в | | | т | | | | | | | | | | | п | | | | |
| 12 | | | в | | | | | | | | | | | | | п | | | |
| 13 | | | | | | п | | | | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 14 | | | | | | | | | п | | | | | | | | | | |
| 15 | | | | | | | | т | | | | | п | | | | | | |
| 16 | | | | п | | | | | п | | | | | | п | | п | | |
| 17 | | | | | | | | | | | | | | | | п | | | |
| 18 | | | | | | | | | | | | | | п | | | | | |
| 19 | п | | | в | | | | т | | | | | | | | | | | |
| 20 | | | | | в | | | | | | | | | | | | | п | |
| 21 | | | | | | в | | | | | | | | п | | | | | |
| 22 | | | | | | | | | | | | | | | | п | | | |

Приведем несколько примеров, поясняющих содержание таблицы 4. Так, первое предприятие после первого этапа расчетов разместилось в пункте 17, после второго этапа перешло в пункт 7, а после третьего оказалось в пункте 1. Второе предприятие после первого этапа расчетов разместилось в пункте 18, после второго этапа осталось там же, а после третьего оказалось в пункте 17. А для третьего предприятия пункт 2 оказался самым подходящим: факторы, учитываемые на втором и третьем этапах, не повлияли на размещение этого предприятия. Аналогичная ситуация с восьмым производством, для которого оказалось целесообразным построить три предприятия типовых мощностей в пунктах 2,12,18, и эти предприятия на всех этапах остались в этих же пунктах.

Анализ таблицы 4 показывает, что нелинейность затрат на ресурсы существенным образом повлияла на размещение производств: оказалось необходимым "разгрузить" от предприятий те пункты, в которых затраты на ресурсы резко возрастали с увеличением размеров их использования и дополнительно "загрузить" ряд других пунктов. Так, вследствие возрастания затрат на землю из пункта №14 "ушло" предприятие №21, из пункта №16 "ушло" предприятие №12, из пункта №18 "ушло" предприятие №20. В то же время значительное уменьшение затрат на землю в пункте №4 привлекло сюда дополнительно предприятие №19. Вследствие возрастания затрат на воду из пункта №15 "ушло" водоемкое предприятие №11 по отделке хлопчатобумажных тканей. По той же причине еще два предприятия, №1 и №7, покинули пункты №17 и №9 соответственно. Как отмечалось ранее, всего 7 предприятий изменили размещение из-за рассматриваемого фактора.

Из таблицы 4 видно, что агломерационный фактор также сыграл важную роль в формировании окончательного варианта размещения. Если после второго этапа расчетов в пункте №1 разместились предприятия, не создающие агломерационного эффекта, то после третьего этапа в этом пункте сформировалась одна из выделенных комбинаций за счет перемещения сюда предприятий №№ 1,6,7. Аналогичная ситуация в пункте №8, где разместилась другая выделенная комбинация за счет перемещения сюда предприятий №№ 15,19, а также в пункте №17, где разместилась еще одна комбинация за счет перемещения сюда предприятий №№ 2,9. То есть реализовались 3 комбинации из 6 возможных, предложенных местными специалистами – впечатляющий результат, указывающий на важность агломерационного фактора и высокую квалификацию специалистов.

Размещение этих комбинаций в указанных пунктах оказалось эффективным, так как с одной стороны, именно эти комбинации создают наибольший агломерационный эффект, а с другой – в указанных пунктах оценки ресурсов ниже, чем во многих других, причем с увеличением размера использования ресурса эти оценки не возрастают.

Как отмечалось выше, в результате влияния агломерационного фактора 8 предприятий изменили размещение.

А всего, как видно из таблицы 4, благодаря влиянию агломерационного фактора и нелинейных затрат на ресурсы 11 предприятий (50%) изменили размещение.

Заключение

Анализ результатов проведенных расчетов позволил скорректировать сложившиеся представления об эффективности размещения производства в южной части Австралии. Как и следовало ожидать, план размещения, предложенный региональным советом по экономическому развитию, хотя и допустим с точки зрения имеющихся ресурсов, однако, да-

леко не оптимален: ресурсы общего пользования распределяются между предприятиями-претендентами не оптимально, не учитывается агломерационный эффект от совместного размещения предприятий, не учитывается нелинейность ресурсных затрат.

В то же время наши расчеты, учитывающие перечисленные факторы, позволили найти вариант размещения, который по сравнению с планом размещения, предложенным региональным советом по экономическому развитию, дает значительную (16%) экономию затрат.

**Литература**

*1. Бандман М.К. Территориально-производственные комплексы. Новосибирск, Наука,1980*

*2. Eiselt, Horst A. Foundation of Location Analysis. Boston, MA: Springer, 2011*

*3. Zangirani Farahani, Reza. Facility location concepts, models, algorithms and case studies. Heidelberg, Phisica-Verlag, 2009*

*4. Бронштейн А. Я. Модель размещения производства с учетом агломерационного эффекта и нелинейных ресурсных затрат. Экономика Таджикистана, вып.2, 2017, стр. 41-48*

*5. Бронштейн А. Я. Модель размещения производства, учитывающая отрицательный агломерационный эффект и нелинейность затрат на инфраструктуру. Экономика Таджикистана, вып.3, 2017, стр. 86-93*

**Бронштейн А.Я.**

## ТАҶРИБАИ ҲИСОБКУНӢ ДАР НАМУНАИ ҒАЙРИМАЪМУРИИ ҶОБАҶОГУЗОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ

**Коллеҷи академии "Эмек" ба номи Макс Штерна**
**ва Коллеҷи академии "Киннерет"**

*Ҳисобкунакҳо дар 3 марҳила гузаронида шуданд; ҳар яке аз таъсири омили ягона назорат мекунад. Натиҷаҳои ҳар марҳила муҳокима карда мешавад. Ҳисобкуниҳо самаранокии модели таҳияшударо нишон доданд, мушкилотҳои рақамӣ вуҷуд надоштанд, аз ҷумла дараҷабандӣ. Натиҷаҳои ҳисобдорӣ аҳамияти ба назар гирифтани омилҳои номатлубро тасдиқ карданд: 50% корхонаҳо бо сабаби таъсири ин омилҳо ҷойгир шудаанд.*

***<u>Калидвожаҳо:</u>*** *макони истеҳсолот, модел, таъсири агуланаторӣ, хароҷоти инфраструктура, функсияҳои ҳадаф, тағйирёбии Boolean.*

**Bronshtein A.Y.**

## EXPERIENCE IN IMPLEMENTING THE NONLINEAR MODEL OF PRODUCTION LOCATION

**Academic College "Emek" named after Max Shtern**
**and Academic College "Kineret"**

*An attempt is made to implement the model proposed by the author earlier. The collected information allowed taking into account two types of nonlinearities: agglomeration effect and non-linearity of resource costs. The calculations were carried out in 3 stages, each takes into account the influence of a single factor. The results of each stage are discussed and then they are reduced to an integrated table, allowing analyzing the influence of all factors simultaneously. Calculations showed high efficiency of the developed model, there were no computational problems, including because of the dimension. The results of calculations confirmed the importance of taking into account non-linear factors: 50% of enterprises changed their location due to the influence of these factors.*

***<u>Key words:</u>*** *location of production, model, agglomeration effect, infrastructure , Boolean variable.*

УДК 338.431(575.34) Сатторов Ё.А.

# ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТИ МУОСИРИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ ВА САНОАТИ МИНТАҚАИ КӮЛОБИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

*Дар мақола вазъияти соҳаи кишоварзӣ ва саноати минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон таҳлил ва мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст. Натиҷаи таҳлилҳо нишон додааст, ки соҳаи кишоварзӣ ва саноати минтақаи Кӯлоб дар рушди маҳсулоти умумии минтақавии вилояти Хатлон ҳиссаи муайянро ташкил менамояд. Дар соҳаи саноати минтақаи Кӯлоб истеҳсоли нахи пахта, хишти сохтмонӣ, газ, маҳсулоти нафтӣ, ҳасиб, маҳсулоти ширӣ, орд ва намак ба роҳ монда шудааст. Дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории соҳаи кишоварзии минтақаи Кӯлоб маҳсулоти ғалладона, пахта, картошка, сабзавот, полезиҳо, меваҷот, ангур, гӯшт, шир, тухм, пашм ва асал истеҳсол карда мешавад. Дар асоси таҳлилҳои гузаронидашуда мушкилотҳои рушди соҳаи кишоварзӣ ва саноат дар минтақаи Кӯлоб муайян карда шуда, роҳҳо ва маҷмуи чорабиниҳои ҳалли онҳо пешниҳод гардиданд.*

***Калидвожаҳо:*** *корхонаҳои агросаноатӣ, комплекс, кластер, рақобат, минтақа, саноат, кишоварзӣ, минтақаи Кӯлоб.*

Иқтисодиёти минтақавӣ заминаи асосӣ ва ташкилкунандаи иқтисодиёти миллӣ мебошад. Иқтисодиёти минтақавӣ ба андешаи олими барҷаста, иқтисодшиноси рус, Академик Н.Н. Некрасов, ҳамчун соҳаи илми иқтисодӣ маҷмӯи омилҳо ва падидаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, шарту шароити ташаккулёбӣ, рушди тавлиди неру ва равандҳои иҷтимоиро дар системаи минтақавии давлат ва ҳар як минтақаи алоҳида меомӯзад [1,19].

Истифода аз ин нуқтаи назар бояд қайд намуд, ки минтақаи Кӯлоб яке аз минтақаи калонтарини вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, дорои хусусияти хоси иқтидори иқтисодӣ мебошад. Аз рӯи нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ҳиссаи бузурги маҳсулоти умумии минтақавии вилояти Хатлонро ташкил медиҳад. Бинобар ин, таҳлили нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоии минтақа, муайян кардани ҳолат ва мушкилоти имрӯза, пешниҳоди масъалаҳои вобаста ба дурнамои он дар шароити муосир муҳим арзёбӣ мегардад.

Вилояти Хатлон аз рӯи маълумотҳои оморӣ дар масоҳати 24,7 ҳаз. км$^2$ ҷойгир мебошад, 17%-и ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил мекунад. Шумораи аҳолӣ дар ин минтақа то 1 январи соли 2018-ум 3198,5 ҳазор нафарро фаро гирифтааст, ки 35,8%-и аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад. Маркази вилоят шаҳри Бохтар мебошад. Дар вилоят 534 корхонаи саноатӣ мавҷуд аст [2,13]. Яке аз нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии минтақа ин Маҳсулоти умумии минтақавӣ (МУМ) мебошад, ки тавассути тағйироти он ба дараҷаи инкишофи иқтисоди минтақа ва сатҳи зиндагии аҳолии он баҳо медиҳанд. Маҳсулоти умумии минтақавӣ аз рӯи мазмуни иқтисодӣ ба нишондиҳандаи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ мувофиқ аст, яъне дар худ арзиши ниҳоии мол ва хизматҳо, воҳидҳои иқтисодӣ, ки намояндаи минтақаи мазкур мебошанд, инъикос менамояд.

**Ҷадвали 1. Тамоюли рушди МУМ-и вилояти Хатлон ва ҳиссаи он дар ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон.** (млд. сомонӣ)

| Нишондиҳанда | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 |
| ММД Ҷумхурии Тоҷикистон | 30,1 | 36,5 | 40,6 | 45,7 | 48,3 | 54,6 | 61 |
| МУМ-и вилояти Хатлон (млн. сомонӣ) | 8,05 | 9,8 | 10,2 | 11,7 | 12,5 | 14,6 | 16,04 |
| Ҳиссаи МУМ дар ҳаҷми умумии ММД, бо фоиз | 26,8 | 27,1 | 25,2 | 25,6 | 25,9 | 26,8 | 26,3 |
| МУМ-и вилояти Хатлон ба сари ҳар нафар аҳолӣ, ҳазор сомонӣ | 2,94 | 3,4 | 3,5 | 3,9 | 4,1 | 4,6 | 5,0 |

**Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Хатлон 2012-2017// АОПҶТ Душанбе, 2018. - с.177.

Ҳаҷми умумии МУМ-и минтақаи Хатлон дар соли 2017 16,04 млд. сомониро ташкил намуд, ки он нисбат ба соли 2011 8,4 млд сомонӣ, яъне 2 маротиба зиёд шуда, инчунин 26,3 фоизи ММД-и Ҷумҳуриро ташкил намуд. Соҳаи саноат ҳиссаи нисбатан зиёди ҳаҷми МУМ-и вилоятро ташкил медиҳад. Дар ҳафт соли охир хусусияти фарққунандаи МУМ-и вилоятро истеҳсоли молҳо ташкил мекунад, ки ба он истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои калонтарини вилоят, ба монанди Ҷамъияти саҳомии "Ресанда", Ҷамъияти саҳомии "Трансформатор"-и шаҳри Қурғонтеппа, корхонаи муштараки "Азот"- и шаҳри Сарбанд ва ҶСШК "Кимиё"-и ноҳияи Ёвон нақши назаррас доранд.

Ҳиссаи минтақаи Кӯлоб дар рушди иқтисодиёт ва ҳаҷми МУМ-и вилояти Хатлон назаррас мебошад. Минтақаи Кӯлоб дар масоҳати 12 ҳазор км$^2$ ҷойгир мебошад, ки 48,7 фоизи ҳудуди вилояти Хатлонро ташкил мекунад. Шумораи аҳолӣ дар ин водӣ ба 1-ӯми январи соли 2018-ум 1170,9 ҳазор нафарро фаро гирифтааст, ки ин 36,6 фоизи аҳолии вилояти Хатлонро дар бар мегирад. Аз рӯйи мавқеи ҷуғрофӣ бештари ҳудуди минтақаи Кӯлобро кӯҳсор ташкил мекунад. Минтақаи Кӯлоб дорои 9- ноҳия (н. Ш.Шоҳин, н. Восеъ, н. Муъминобод, н. Фархор, н.Балҷувон, н.Ховалинг, н. Темур-малик, н. Данғара, н. М.С.А. Ҳамадонӣ) мебошад [2,14]. Мусаллам аст, ки соҳаи саноат яке аз соҳаҳои муҳими иқтисодиёти минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон буда, бо зиёд шудани истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва тараққӣ ёфтани соҳаи саноат, ҳис-сагузории он дар афзоиши истеҳсоли Маҳсулоти умумии минтақавӣ, зиёд гардидани даромади буҷет, устувории пули миллӣ, ташаккули усулҳои пешқадами ташкили истеҳсолот, идоракунӣ ва ташкили илмии меҳнат, имкониятҳои таъмини пеш-рафти илмию техникӣ ва навҷорисозӣ фаъол мегардад. Дар ҳолати кам шудани истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва инкишоф наёфтани ин соҳа сатҳи баланди рушди соҳаҳои иҷтимоӣ-маориф, тандурустӣ, фарҳанг, хизматрасониҳои иҷтимоӣ, хоҷа-гии манзил, коммуналӣ ва ғайра, ки некӯаҳволии мардумро муайян мекунанд, таъмин буда намудааст. Рушди соҳаи саноат дар вилояти Хатлон дар раванди ислоҳоти иқтисодӣ-гузариш ба муносибатҳои васеи бозорӣ дар асоси хусусигардонии моликият, эҳёи корхонаҳои нав ва дигаргунсозиҳои соҳавӣ ба роҳ монда шудааст. Ба ин васила ҳиссаи корхонаҳои саноатии минтақаи Кӯлоб дар МУМ-и вилояти Хатлон зиёд шуда, тамоюли рушди истеҳсоли намудҳои маҳсулоти саноатиро дар солҳои 2012-2018 дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон таъмин менамояд.

Таҳлилҳои муқоисавии истеҳсоли намудҳои маҳсулоти саноатӣ дар минтақаи Кӯлоб аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки нишондиҳандаҳои истеҳсоли аксарияти намудҳои маҳсулоти саноатӣ дар шаш соли охир дар зинаи рушд қарор дорад. Истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, гӯшт, ҳасиб, орд, намак, нон ва маҳсулоти нонӣ соли 2017-ум дар муқоиса ба соли 2012-ум афзудааст. Дар ин давра истеҳсоли нахи пахта –23,9%; нафт-81,6% ва газ – 97% кам гардидааст. Истеҳсоли хишт гарчанде дар дараҷаи соли 2012 қарор дорад, аммо дар солҳои 2013-2016 қариб 1,4- маротиба зиёд буд. (Нигаред ба ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Тамоюли рушди истеҳсоли навъҳои асосии маҳсулоти саноатӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар солҳои 2012-2017.**

| № | Намуди маҳсулот | Солҳо | | | | | | 2017/ 2012, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | |
| 1 | Нахи пахта, ҳазор тонна | 18,4 | 17,1 | 13 | 13,1 | 9,3 | 14 | -76,1 |
| 2 | Хишти сохтмонӣ, млн.дона | 3,3 | 4,7 | 4,5 | 4,5 | 4,7 | 3,3 | 100,0 |
| 3 | Гӯшт, тонна | 1034 | 1271,5 | 1315,5 | 1316,2 | 1343,2 | 1362,4 | 131,8 |
| 4 | Ҳасиб, тонна | 72,3 | 117 | 144,7 | 75,5 | 86,2 | 86,4 | 119,5 |
| 5 | Маҳсулоти ширӣ тонна | 60,1 | 119,2 | 118,6 | 189,2 | 162 | 220,2 | 366,4 |
| 6 | Равғани растанӣ, ҳазор тонна | 0,6 | 0,6 | 0,5 | 0,4 | 0,6 | 0,6 | 100,0 |
| 7 | Орд, ҳазор тонна | 12,9 | 13,0 | 14,5 | 18,1 | 20,7 | 21,3 | 165,1 |
| 8 | Нон ва маҳсулоти нонӣ, ҳазор тонна | 2,6 | 4,2 | 4,8 | 4,8 | 5,7 | 5,7 | 219,2 |
| 10 | Истеҳсоли нафт, тонна | 7333 | 3690 | 2199 | 1500 | 1122 | 1349,7 | - 18,4 |
| 11 | Истеҳсоли газ, млн м$^3$ | 3,0 | 0,9 | 0,2 | 0,3 | 0,9 | 0,1 | - 3,3 |
| 15 | Намак, тонна | 11490 | 12869 | 13427,0 | 12625 | 12880 | 13616 | 118,5 |

**Сарчашма**: Омори солонаи вилояти Хатлон 2012-2017// АОПҶТ Душанбе, 2018. - с.74.

Дар минтақаи Кӯлоб ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2017-ум 1967,7 млн. сомониро ташкил намуд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2012 зиёда аз 2,7 маротиба афзудааст. Инчунин дар соли 2017 ҳиссаи минтақаи Кӯлоб дар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилояти Хатлон 29,1%-ро ташкил намуд ва нисбат ба соли 2012 10,4% зиёд гардидааст. (Нигаред ба ҷадвали 3).

Соҳаи дигари муҳими иқтисодиёт, ки таваҷҷуҳи махсусро тақозо мекунад, соҳаи кишоварзӣ мебошад, зеро дар ин ҷо маҳсулоти ниёзи аввалиндараҷаи ҷамъият, яъне маҳсулоти хӯрокворӣ истеҳсол мегардад. Таҳлили муқоисавии солҳо дар диаграмаи 3 аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар зинаи рушд қарор дорад. Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар соли 2017-ум дар муқоиса ба соли 2012-ум 1,3 маротиба (1106,2 ҳазор сомонӣ) афзудааст, аммо ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзии вилояти Хатлон бетағйир аст. (Нигаред ба диаграмаи 1).

**Ҷадвали 3. Динамикаи (пуё) истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар шаҳр ва ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар солҳои 2012-2017.** (млн. сомонӣ)

| | Солҳо | | | | | | 2017/2012,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | |
| Вилояти Хатлон | 3798,4 | 4371,9 | 4712,9 | 5561,3 | 6601,2 | 6753,1 | 177,8 |
| Ҳиссаи минтақаи Кӯлоб дар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилояти Хатлон, бо фоиз | 18,7 | 16,9 | 20,2 | 21,9 | 21,5 | 29,1 | 155,6 |
| Минтақаи Кӯлоб: | 710,3 | 739,8 | 951,3 | 1216,3 | 1420,3 | 1967,7 | 277,0 |
| - ш.Кӯлоб | 104 | 131,5 | 142 | 168,5 | 188,8 | 190,7 | 183,4 |
| - н.Муъминобод | 6,7 | 7,2 | 7,3 | 8,5 | 8,5 | 8,7 | 129,9 |
| - н.Восеъ | 80 | 83,5 | 81,2 | 85,7 | 85,7 | 86,8 | 108,5 |
| -н.М.С.А.Ҳамадонӣ | 53,2 | 65,1 | 66,9 | 68,8 | 66,2 | 75,2 | 141,4 |
| - н.Фархор | 11,8 | 129,2 | 99,4 | 113,8 | 113,3 | 116,6 | 988,1 |
| - н.Темурмалик | 8 | 8 | 8,7 | 10,3 | 10,5 | 10,7 | 133,8 |
| - н.Данғара | 277 | 128,7 | 304,4 | 488 | 614,4 | 1161,2 | 419,2 |
| - н.Ховалинг | 134 | 148,1 | 202,5 | 233,5 | 292,4 | 272,8 | 203,6 |
| - н.Ш.Шоҳин | 7,5 | 18,7 | 19 | 25,7 | 29,7 | 33,9 | 452,0 |
| - н.Балчувон | 28,1 | 19,8 | 19,9 | 13,5 | 10,8 | 11,1 | - 39,5 |

**Сарчашма**: Омори солонаи вилояти Хатлон 2012-2017// АОПҶТ Душанбе, 2018. - с.73.

**Диаграмаи 1. Динамикаи (пуё) истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар солҳои 2012-2017.** (ҳазор сомонӣ)




**Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Хатлон 2012-2017// АОПҶТ Душанбе, 2018. - с.75.

Таҳлили муқоисавии соҳои 2012-2017 нишон медиҳад, ки истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагӣ-6,1%; сабзавот -30,8%; полезиҳо–18,3%; меваҷот-49%; ангур -14%; хӯроки чорво-29%; истеҳсоли гӯшт-67%; шир-30%; тухм-5%; пашм 21%; асал 38% зиёд гардида, аммо дар ин давра ҳиссаи минтақаи Кӯлоб дар минтақаи Хатлон аз ҳисоби истеҳсоли маҳсулоти ғалладона (3,1%), сабзавот (4,3%), полезиҳо (3%), меваҷонт (0,3%), ангур (5,3%) ва тухм (9,3%) кам гардидааст. Дар ин давра истеҳсоли пахта-8,2%; картошка-34,7%; пилла -71,7%; кам гардидааст. (Нигаред ба ҷадвали 4).

Албатта, шароит, иқлим ва имкониятҳо барои ҳамаи намуди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ баробар таъмин буда наметавонад, вале новобаста ба таъсири омилҳои экзогенӣ ва эндогенӣ, рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар муқоисаи солҳои пешин дар маҷмӯъ дида мешавад.

**Ҷадвали 4. Истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар солҳои 2012-2017.** (ҳазор тонна)

| Намуди маҳсулот | | Солҳо | | | | | | 2017/2012, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | |
| Ғалладона | I | 798,3 | 878,3 | 828,7 | 839,3 | 870,3 | 903,1 | 113,1 |
| | II | 404 | 445 | 406,5 | 409,4 | 417 | 428,6 | 106,1 |
| | III | 50,6 | 50,7 | 49,1 | 48,8 | 47,9 | 47,5 | -3,1 |
| Пахта | I | 282,5 | 275,1 | 262,8 | 188,3 | 193 | 259,2 | -91,8 |
| | II | 68 | 68,3 | 60,9 | 46,9 | 46,5 | 64,9 | -95,4 |
| | III | 24,1 | 24,8 | 23,2 | 24,9 | 24,1 | 25,0 | 0,9 |
| Картошка | I | 253,3 | 284,5 | 227 | 241,9 | 245,4 | 162,7 | -64,2 |
| | II | 97,1 | 111,8 | 76,8 | 82,6 | 86,3 | 63,4 | -65,3 |
| | III | 38,3 | 39,3 | 33,8 | 34,1 | 35,2 | 39,0 | 0,7 |
| Сабзавот | I | 669,5 | 772,7 | 846 | 903,9 | 954,3 | 1021,2 | 152,5 |
| | II | 201,3 | 223,2 | 235,2 | 234,3 | 241,4 | 263,3 | 130,8 |
| | III | 30,1 | 28,9 | 27,8 | 25,9 | 25,3 | 25,8 | -4,3 |
| Полезиҳо | I | 368,4 | 397,7 | 422,9 | 440,4 | 463,1 | 482,4 | 130,9 |
| | II | 114,8 | 124,1 | 130,4 | 113,9 | 124,5 | 135,8 | 118,3 |
| | III | 31,2 | 31,2 | 30,8 | 25,9 | 26,9 | 28,2 | -3 |
| Меваҷот | I | 116,1 | 125,8 | 135 | 148,1 | 158,9 | 173,9 | 149,8 |
| | II | 57 | 61,8 | 64,3 | 70,3 | 76,9 | 84,9 | 148,9 |
| | III | 49,1 | 49,1 | 47,6 | 47,5 | 48,4 | 48,8 | -0,3 |
| Ангур | I | 78,1 | 83 | 87,3 | 96,7 | 99,9 | 101,4 | 129,8 |
| | II | 30 | 32,2 | 30,4 | 32,7 | 33,4 | 34,2 | 114,0 |
| | III | 38,4 | 38,8 | 34,8 | 33,8 | 33,4 | 33,7 | -5,3 |
| Хуроки чо-рво | I | 451,4 | 501,7 | 509,6 | 536,6 | 551,9 | 579,6 | 128,4 |
| | II | 239,9 | 268,4 | 280,7 | 292,2 | 297 | 309,9 | 129,2 |
| | III | 53,1 | 53,5 | 55,1 | 54,5 | 53,8 | 53,5 | 0,5 |
| Гӯшт | I | 83,1 | 90,8 | 103,6 | 116,9 | 125,7 | 137,7 | 165,7 |
| | II | 37 | 40,1 | 45,8 | 52,4 | 56,1 | 61,8 | 167,0 |
| | III | 44,5 | 44,2 | 44,2 | 44,8 | 44,6 | 44,9 | 0,4 |
| Шир | I | 360,7 | 392,3 | 410 | 431,9 | 447 | 467,6 | 129,6 |
| | II | 126,1 | 135,9 | 142,5 | 150,6 | 156,2 | 164 | 130,1 |
| | III | 35,0 | 34,6 | 34,8 | 34,9 | 34,9 | 35,1 | 0,1 |
| Тухм (дона) | I | 52352 | 57296 | 60842 | 64827 | 69229 | 75248 | 143,7 |
| | II | 21438 | 17280 | 18274 | 19275 | 21019 | 22692 | 105,8 |
| | III | 40,9 | 30,2 | 30,0 | 29,7 | 30,4 | 30,2 | -9,3 |
| Пашм | I | 4,2 | 4,3 | 4,4 | 4,7 | 4,8 | 5 | 119,0 |
| | II | 1,9 | 1,9 | 2 | 2,1 | 2,2 | 2,3 | 121,1 |
| | III | 45,2 | 44,2 | 45,5 | 44,7 | 45,8 | 46 | 0,8 |
| Пилла | I | 556 | 629 | 359 | 375 | 381 | 416 | -74,8 |
| | II | 193 | 211 | 74 | 68 | 77 | 74 | -38,3 |
| | III | 34,7 | 33,5 | 20,6 | 18,1 | 20,2 | 17,8 | -17,1 |
| Асал | I | 705 | 840 | 914 | 944 | 960 | 976 | 138,4 |
| | II | 438 | 525 | 565 | 592 | 601,8 | 608 | 138,8 |
| | III | 62,1 | 62,5 | 61,8 | 62,7 | 62,7 | 62,3 | 0,2 |
| **Эзоҳ**: **I**-вилояти Хатлон; **II**–минтақаи Кӯлоб; **III**-ҳиссаи минтақаи Кӯлоб дар минтақа бо фоиз; | | | | | | | | |

**Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Хатлон 2012-2017// АОПҶТ Душанбе, 2018. - с. 75-113.

Ин аз беҳтаршавии соҳаи кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон шаҳодат медиҳад. Омили асосие, ки ба соҳаи кишоварзӣ таъсири манфӣ мерасонад, ин вобастагии минтақаи Кӯлоб ба маҳсулотҳои озуқавории беруна мебошад. Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии дохилӣ аз ҷиҳати шароити табиӣ хуб буда, вале аз лиҳози миқдор талаботи аҳолии минтақаро пурра қонеъ гардонида наметавонанд. Аз ин рӯ, воридоти маҳсулотҳои кишоварзии хориҷӣ назар ба содирот бештар мебошад.

Ҳамин тариқ, аз таҳлили нишондиҳандаҳо маълум мегардад, ки дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон мушкилиҳое ҷой доранд, ки ба тамоюли рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа таъсири манфӣ мерасонанд, аз ҷумла:

– кам гардидани истеҳсоли маҳсулоти комплекси сӯзишворию энергетикӣ, комплекси мошинсозӣ, саноати хӯроквории;

– аз байн рафтани истеҳсоли пилла;

– рақобатпазир набудани маҳсулотҳои дохилӣ нисбат ба маҳсулотҳои воридотӣ;

– самаранок истифода нашудани заминҳои кишт;

– сатҳи пасти татбиқи навҷорисозии техника ва технологияи муосир ва ғайра.

Бо мақсади ташкили дурнамои иқтисодӣ, таъмини амнияти иқтисодӣ ва бартараф кардани мушкилиҳои ҷойдошта дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон иҷрои корҳои зеринро муҳим арзёбӣ менамоем:

– самаранок истифодабарии захираҳои табиию иқтисодӣ, ҷустуҷӯ ва кашфи кону захираҳои дигари табиию иқтисодӣ ва коркарди онҳо;

– ташаккул ва рушди муҳити соҳибкории оилавӣ, хусусан такмили заминаи ҳуқуқӣ барои эҳёи корхонаҳои хурди истеҳсолии техникаи рӯзгор ва ғайра;

– ҷалби лоиҳаҳои инвеститсионӣ ва навҷорисозии технологияи муосир дар соҳаи комплекси агросаноатӣ ва дар ин замина таъмини амнияти озуқаворию тавлиди маҳсулотҳои рақобатпазиру воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидани он;

– самаранок истифодабарии заминҳои кишт, ивазкунии қубурҳои корношоямгардидаи обёришудаи заминҳои замони Шӯравӣ, обёрии заминҳои лалмӣ ва дар ин замина зиёд кардани заминҳои кишту истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ;

– ташаккул ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар ноҳияҳои кухии минтақаи Кӯлоб;

– ташкил ва муосиргардонии гармхонаҳо ва корхонаҳои коркарду нигоҳдории меваю сабзавот ва ғайра;

**Адабиёт**


1. *Некрасов Н.Н. Региональная экономика (теория, проблемы, методы) / Н.Н. Некрасов. -2.-е изд.-М.:ОАО «Изд-во «экономика»», 1978.-19 с.*

2. *Омори солонаи вилояти Хатлон 2012-2017 // АОПҶТ Душанбе, 2018. - с. 14-15.*

3. *Қодиров Ш., Раҳимов О., Хоркашов И.,Фозилхонов Д. Назарияи иқтисодӣ. Китоби дарсӣ - Душанбе: 2008-С. 180.*

4. *М. Портер Конкуренция. –М.: Издат. дом «Вильяме», 2001. – 415с*

5. *Низомова Т.Д. Роль кластеризации в развитии промышленности Таджикистана // Т.Д. Низомова / Вестник ТНУ. – Душанбе: «СИНО», №2/11 (220). 2016 – С.86-93.*

6. *Безруких Д.В., Крюков А.Ф. Зарубежный опыт кластеризации в развитии экономики инноваций // Вестник Крас ГАУ. №9. 2013. С. 14 – 23*

7. *Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Душанбе.- 2016.- с.45, 55*

8. *Вазъи иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Восеъ дар соли 2013, 2014, 2015, 2016, 2017 // Маҷмӯаи оморӣ // Раёсати омори ноҳияи Восеи сарраёсати АОнПҶТ дар вилояти Хатлон.*

9. *Доржиева Е.В. Формирование агропромышленных кластеров как условие инновационного развития региональных систем // Известия ИГЭА. - 2011. - № 4. - С. 76-78.*

*10. Ковалева И.В., Ковалев А.А. Кластерные технологии в управлении молочной отраслью // Вестник Алтайской науки. – 2016. – № 11 (145). –С. 189–193.*

**Сатторов Ё.А.**

## АНАЛИЗ СОВРЕМЕННОГО СОСТОЯНИЯ АГРАРНОЙ СФЕРЫ И ПРОМЫШЛЕННОСТИ КУЛЯБСКОЙ ЗОНЫ ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ

**Таджикский национальный университет**

*В статье анализируется и оценивается состояние аграрной сферы и промышленности Кулябской зоны Хатлонской области. Результаты анализов показали, что аграрная сфера и промышленность Кулябской зоны составили значительную долю в развитии валового регионального продукта Хатлонской области. В промышленности Кулябской зоны налажено производство хлопка-волокна, строительного кирпича, газа, продукции из нефти, колбас, молочной продукции, муки и соли. Во всех формах хозяйствования аграрной сферы Кулябской зоны производятся зерновые культуры, хлопок, картошка, овощи, бахчевые, фрукты, виноград, мясо, молоко, яйца, шерсть и мёд. На основе проведенного анализа были определены проблемы развития аграрной сферы и промышленности Кулябской зоны, и предложены пути и комплекс мероприятий по их решению.*

***Ключевые слова:*** *агропромышленные предприятия, комплекс, кластер, конкуренция, регион, промышленность, сельское хозяйство, Кулябская зона.*

**Sattorov Yo.A.**

## MODERN CONDITION ANALYSIS OF AGRARIAN AND INDUSTRY SECTOR KULYAB ZONE OF THE KHATLON REGION

**Tajik national university**

*This article analyzes and assesses the state of the agrarian sector and industry of the Kulyab zone of the Khatlon region. The results of analyzes showed that the agrarian sector and industry of the Kulyab zone accounted for a significant share in the development of the gross regional product of the Khatlon region. In the industry of the Kulyab zone, the production of cotton fiber, building bricks, gas, oil products, sausages, dairy products, flour and salt has been launched. Grains, cotton, potatoes, vegetables, melons, fruits, grapes, meat, milk, eggs, wool and honey are produced in the Kulyab zone. On the basis of the analysis, the problems of the development of the agrarian sector and industry of the Kulyab zone were identified, and ways and a set of measures were proposed to solve them.*

***Keywords:*** *agro-industrial enterprises, complex, cluster, competition, region, industry, agriculture, Kulyab zone.*

УДК:316.42+330.44(575.34

Ҷобирзода Т.Г.

# МУКАММАЛГАРДОНИИ КОНСЕПСИЯИ КОРКАРДИ НАҚШАИ ПЕРСПЕКТИВИИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

**Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*Дар мақола нақш ва аҳамияти таҳияи механизмҳои самарабахши банақшагирӣ ва пешгӯии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои кишвар, ки ба ҳадафҳои стратегии рушд нигаронида шудаанд, мавриди баррасӣ қарор дода шуда, тамоюлоти рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва тағйироти дар иқтисодиёти минтақавии вилояти Хатлон таҳлил карда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, иқтисодиёти минтақавӣ, нишондиҳандаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, пешгӯӣ, банақшагирии перспективӣ ва стратегӣ, мафҳумҳои банақшагирӣ, идоракунии давлатӣ, қарорҳои идоракунӣ ва ғайра.*

Пайваста бо гузариш ба марҳилаи нави рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати баланд бардоштани сатҳи рушди низоми иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои мамлакат, бахусус таъмини рушди деҳот дар радифи вазифаҳои стратегии давлат қарор гирифтааст. Чунон, ки дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарназардошти зарурати инкишофи инфрасохтори деҳот солҳои 2019-2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон карда шудааст [1]. Зарурати баланд бардоштани сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо, деҳотҷойҳои мамлакат айни ҳол ва минбаъд истифодаи мақсадноки чунин вазифаҳои идоракуниро ба монанди банақшагирӣ ва пешгӯиро тақозо менамояд. Дар шароити муносибатҳои бозории рушдёбанда устувории фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, соҳаю маҷмааҳои иқтисодиёти минтақавӣ бо сатҳу сифати асосноккунии макроиқтисодии нақшавию ҳисобгирии воқеияти ба даст овардани рушдро дар оянда вобаста мебошад [2, С.64-71]. Таъсиси механизми ратсионалии банақшагирӣ ва дурнамогирии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа барои комёб гардидан ба ҳадафҳои гузошташудаи ояндадор ва стратегӣ, афзун намудани аҳамиятнокӣ, воқеияти нақшаю пешгӯиҳои амалишаванда, нишондиҳандаҳои натиҷабахшӣ ва баланд бардоштани самараҳои рушди низоми иҷтимоию иқтисодии минтақа равона гардидааст.

Вилояти Хатлон дар миёни минтақаҳои мамлакат мавқеи хоси иқтисодӣ дорад ва дар рушди иқтисоди миллии мамлакат саҳми назарасро дорост. Чӣ тавре, ки рақамҳои ҷадвали 1 нишон медиҳад, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти минтақавии вилояти Хатлон дар давраи солҳои 2012-2017 64,7 фоиз афзудааст, коэффисиенти пешравии он нисбат ба дараҷаи рушди ҷумҳуриявӣ 1,02 -ро (1,676/1,647) ташкил додааст. Дараҷаи рушди он нисбат ба сатҳи рушди иқтисодиёти шаҳри Душанбе ва НТҶ баланд аст.

**Ҷадвали 1. Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ дар вилоятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Солҳо | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2017 ба - 2012% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Маҷмӯи маҳсулоти минтақавии мамлакат, млн. сом. | 32784,7 | 36535,1 | 40836,2 | 41553,9 | 49921,1 | 54011,2 | 164,7 |
| аз он ҷумла: | | | | | | | |
| Вилояти Хатлон | 9572,6 | 9869,7 | 11777,5 | 12855,2 | 14620,2 | 16049,7 | 167,6 |
| ВМКБ | 525,7 | 633,2 | 721,7 | 716,8 | 841,2 | 966,6 | 183,2 |
| Вилояти Суғд | 8961,2 | 10439,9 | 11530,5 | 12036,9 | 14654,8 | 16676,8 | 186,1 |
| шаҳри Душанбе | 8073,8 | 9410,5 | 10176,2 | 10546,4 | 10891,2 | 11003,9 | 136,3 |
| Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 5651,4 | 6181,8 | 6630,3 | 7590,6 | 8913,7 | 9314,3 | 164,8 |

**Ҳисоб карда шудааст аз рӯи: Омори солонаи ҶТ - 2018, с. 200**

Таҳлили тағйироти таркибии истеҳсоли МММ вобаста бо минтақаҳои мамлакат, ки саҳмгузории ҳар яки онҳоро дар истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти минтақавии мамлакат ифода менамояд, нишон дод, ки саҳми иқтисодиёти вилояти Хатлон дар истеҳсоли МММ – мамлакат дар давраи солҳои 2012-2017 аз 29,1 то 29,7 , яъне ҳамагӣ ба сатҳи 0,6 банди фоизӣ афзудааст. Дар давраи солҳои 2000-2017 маҷмӯи маҳсулоти минтақа ба ҳар сари аҳолӣ аз 180,9 сомонӣ то 5017,8 сомонӣ ё 27,7 маротиба зиёд шуд. Суръати устувор ва баланди рушди нишондиҳандаи маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ ба ҳар сари аҳолӣ баъди соли 2005 ба назар мерасад, зеро ҳосилнокии меҳнат дар иқтисодиёти минтақа афзоиш ёфт. Дар давраи таҳлилӣ, яъне аз соли 2000 то соли 2017 истеҳсоли ММД ба як коргар аз 1124,0 сомонӣ то 35849,2 сомонӣ афзудааст.(ҷадвали 2.)

Марҳилаи тарҷеии рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон дар давраи солҳои 2000-2017 бо гузариши тадриҷии вилоят ба иқтисоди саноатӣ, рушди босуръати шабакаҳои нақлиётӣ ва коммуникатсия, инчунин ташаккули бозори захираҳо ифода меёбад. Марҳилаи дигари дарозмуддати рушди иқтисодиёти минтақа ҳангоми гузариш ба бозори мутараққӣ, таҳкими мавқеи минтақа дар хоҷагии миллӣ ва савдои ҷаҳонӣ, ҳалли мушкилоти камчинии буҷет, ташкили низоми иттилоотии иқтисодӣ, ки муносибатҳои нави иҷтимоию иқтисодии ба шароити бозори рушдёбанда мутобиқро инъикос мекунанд, дар назар дорад. Ин марҳила давраи дарозмуддати пешомадро то соли 2030 дар доираи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 дар бар мегирад, ки вазифаи таърихӣ ва диди ояндадори мавқеи иҷтимоию иқтисодии мамлакатро ҳамчун давлати соҳибихтиёр ва босубот, ягонаи миллӣ, инчунин таъмини ҳаёти сазовор ва некӯаҳволии ҳамаи сокинони Тоҷикистонро инъикос мекунад[9.С.12].

Рушди ояндадори вилояти Хатлон минбаъд бояд ба рушди соҳаҳои бахши воқеӣ, пеш аз ҳама ба таъмини рушди соҳаҳои саноат ва хоҷагии қишлоқ такя кунад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз 1132,6 млн. сомонӣ дар соли 2000 то 6753,2 млн. сомонӣ зиёд шуд. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар давраи баррасишаванда аз 408,2 млн. сомонӣ дар соли 2000 то 12751,8 млн. сомонӣ афзудааст. Дар мавриди таҳлил муаяйн карда шудааст, ки дар вилояти Хатлон андозаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар муқоиса ба соҳаҳои саноатӣ босуръат рушд меёбад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки заминаи рушди соҳаҳои саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ вуҷуд дорад.

Бо мақсади таъмини рушди иҷтимоиву иқтисодии устувор навсозиҳои сохторию ташкилӣ, татбиқи барномаҳои маҷмӯии минтақавии мақсаднок оид ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва илмию техникӣ, ҷалби захираҳои сармоявӣ барои амалисозии раванди босифати такрористеҳсол, ташаккулдиҳии тартиби рушди ояндадори минтақа ба натиҷаҳои таҳлили тағйироти иқтисодию иҷтимоӣ дар фаъолияти субъектони иқтисодиёти минтақа, муайян намудани самти ягона ва алоқамандии банақшагирии стратегию муносиби рушди ҷузъҳои алоҳидаи сохтории иқтисодиёти минтақавӣ ба миён меояд. Аз ин лиҳоз банақшагирии перспективии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо, ки дорои хусусияти пешгӯишаванда мебошад, дар шароити ҳозираи Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоят дараҷа муҳим ба ҳисоб меравад.

**Ҷадвали 2. Динамикаи инкишофи нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| № | Нишондиҳандаҳо | 2000 | 2005 | 2010 | 2017 | 2017 нисбати 2000, раз |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Маҷмӯи маҳсулоти минтақа, млн. сомонӣ | 397,7 | 1805,5 | 6493,2 | 16049,7 | 40,3 |
| 2 | МММ ба ҳар сари аҳолӣ, сомонӣ | 180,9 | 732,9 | 2406,1 | 5017,8 | 27,7 |
| 3 | Шумораи солонаи шахсони ба фаъолият дар иқтисодиёт машғул ҳаз. нафар. | 353,8 | 380,6 | 372,0 | 447,7 | 1,26 |
| 4 | Сатҳи бекорӣ, фоиз | 0,7 | 1,5 | 2,2 | 2,1 | 3,0 |
| 5 | Даромади буҷети давлатӣ, млн. сомонӣ | 22,6 | 132,8 | 450,0 | 1471,4 | 65,1 |
| 6 | Музди меҳнати моҳона, млн. сомонӣ | 9,80 | 56,56 | 232,9 | 843,39 | 86,06 |
| 7 | Андозаи миёнаи нафақа, сомонӣ | 3,57 | 24,65 | 117,0 | 259,18 | 72,5 |

**Сарчашма: Омори солонаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳои 2016-2018, С. 8-9**

Азбаски минтақаҳои ҷумҳурӣ хусусиятҳои умумии ба ҳам монанд доранд, ҳар як минтақа дар баробари ин боз хосиятҳои ҷудогонаро доро мебошад. Чунин хусусиятҳои фардӣ ва хос аз мавқеи ҷуғрофӣ, хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ, маросимҳо ва симои аҳолии ҳудудҳо, матритсаҳои институтсионалии ҷомеаи минтақа ва ғайра бармеоянд. Бинобар ин, таҳия ва амалисозии муваффақонаи банақшагирии пешгӯишавандаи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа бештар ба сатҳи мукаммалии асосҳои консептуалию назариявӣ ва методологии механизми банақшагирии пешгӯишавандаи минтақа вобаста мебошад. Таҳлили таҷрибаи дурнамогирӣ ва банақшагирии рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон нишон дод, ки дар ин самт оид ба муносибатҳои методологӣ ва методии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа номуайяниҳо вуҷуд доранд. Бинобар ин, мушкилоти зиёде пайдо мешаванд, ки бо онҳо мақомоти маҳаллии ҳокимияти вилояти Хатлон дар раванди банақшагирии пешгӯишаванда дучор меоянд. Мушкилоти асосӣ чунинанд:

- ҳуҷҷатҳои методӣ ва заминаи меъёрии ҳуқуқии банақшагирии пешгӯишавандаи минтақавӣ ба таври кофӣ рушд наёфтаанд. Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи ҷумҳурӣ тафсири аниқи ҳуҷҷатҳои барномавӣ барои минтақаҳои кишвар, инчунин тартиби алоқамандии мутақобилаи ҳуҷҷатҳои асосии банақшагирии иҷтимоию иқтисодии марказ ва минтақа муқаррар нашудаанд. Мушкилоти алоҳидаро дар ҷанбаи таҳия дар сатҳи қарорҳои мақомоти маҳаллии ҳокимият бартараф намудан мумкин аст. Бинобар ин, то оғози таҳияи банақшагирии пешгӯишаванда ақидаю муносибатро, ки дар рушди минбаъдаи иҷтимоию иқтисодии минтақа ҷузъи асосӣ мебошанд, муқаррар намудан лозим аст;

